ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
Кафедраи назария ва таърихи адабиёт

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 891. 550
ТКБ 83. 3 тоҷ
Ҷ-89

**ҶУМЪАЕВ ҶУМЪАБОЙ ҶӮРАЕВИЧ**

# ОЗАРАХШ ВА ПОЭТИКАИ АШЪОРИ Ӯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор
Салихов Шамсиддин Аслиддинович

Душанбе - 2024

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ........ 3

БОБИ I. ЗИНДАГИНОМАИ ОЗАРАХШ ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

1.1. Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ ........ 12

1.2. Вижагиҳои «Ватаннома»-и Озарахш ........ 27

1.3. Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри шоир ........ 41

1.4. Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш ........ 54

БОБИ II. АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР АШЪОРИ ОЗАРАХШ

2.1. Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри ӯ ........ 61

2.2. Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш ........ 68

2.3. Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш ........ 77

2.4. Навпардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ ........ 86

2.5. Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо ........ 95

БОБИ III. СОХТ ВА БАДЕИЯТИ ШЕЪРИ ОЗАРАХШ

3.1. Вазни ашъори Озарахш ........ 106

3.1.1. Нақши қофия дар ашъори шоир ........ 124

3.1.2. Радиф дар ашъори Озарахш ........ 132

3.2. Тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш ........ 143

3.3. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш ........ 151

3.3.1. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоир ........ 159

3.4. Забон ва сабки фардии Озарахш ........ 167

ХУЛОСА ........ 176

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ........ 180

Рӯйхати адабиёт ........ 182

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ........ 193

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти тоҷик ҷузъи адабиёти олам буда, давраҳои тулонии рушду таҳаввулро аз сар гузаронидааст. Ҳар давраи он бо тадовуми анъана, навпардозиҳои чашмрасе ҳам дар пай доштааст. Шеъри имрӯзи тоҷик аз сарчашмаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик ва каму беш аз адабиёти ҷаҳон об мехӯрад. Адабиёти муосири мо инъикосгари дарду ормонҳои миллӣ ва оинаи рӯзгори мост. Шеъри замони истиқлол аз шеъри замони Шуравӣ бо фарогирии ормонҳои миллӣ ва истиқлоли андешаву гуфтор фарқ мекунад. Яъне, имрӯз адабиёти мо побанди фармоишоту ақидаҳои ягон ҳизби ҳукмрон нест. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар шеъри замони мо аз ин ҷиҳат нерӯмандтаранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ адабиёти мо метавонад бо ҳифзи арзишҳои миллӣ ба ақоиди муғризонаи бегонагон муқовимат кунад.

Адабиёти муосири тоҷик асосан, идомаи таҳаввулёфтаи адабиёти замони гузаштааст. Сафи сухангустарону суханварон аз ҳисоби ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд торафт пурратар шуда истодааст. Яке аз чунин шоирони хушқалам ва хушқариҳа Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш мебошад, ки бо забони пурғановат, сабки ба худ хос ва истеъдоди фитриву андешаҳои амиқ ва навпардозиҳояш таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ҳаводорони шеъри имрӯзи тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Озарахш ба майдони адабиёти тоҷик дар ибтидои солҳои 90-уми қарни бист ворид шудааст. Нахустин шеърҳояш аз он дарак медоданд, ки ӯ дорои истеъдоди фитрӣ ва соҳиби лаёқати навпардозиҳо буда, метавонад ба адабиёти муосири тоҷик хидматҳои сазовор кунад. Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ҳамин хислати ӯро ба мушоҳида гирифта, навиштааст: «Аз шоирони дигаре, ки дар пайи тозагиву навҷӯиянд, метавон Озарахшро ном бурд, ки тозаҷӯиҳои ӯ дар баён ва якоҳанги шеър эҳсос мешавад» [71, 63].

Китобҳои ашъори Озарахш «Аз чашмасор омадам» (1997), «Намози мусофир» (2006), «Ҷӯйбори сари хирман» (2011), «Чархболи офтоб» (2011), «Девони ишқ» (2016) «Ояндаҳо» (2019) ва «Парвона зинда аст…» (2020)

баёнгари онанд, ки ӯ шоири соҳибистеъдод ва навпардоз буда, дорои сабки хосси фардист. Намунаҳои осори ӯ ба забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. Шеъри Озарахш аз лиҳози сабку услуб, тасвирҳои тоза, ҳусни баён, самимият, эҳсоси отифӣ ва вижагиҳои забонии худ аз шеъри дигар ҳамсолонаш бартарӣ дорад ва сазовори таҳқиқу пажуҳиш аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзуе, ки мавриди таҳқиқоти мо қарор дорад, аз мавзуоти мубрам ва омӯхтанашудаи адабиёти муосири тоҷик буда, то имрӯз перомуни поэтикаи ашъори Озарахш ягон таҳқиқоти монографӣ анҷом дода нашудааст. Ҳаводорони шеъри ӯ ниҳоят зиёд буда, шеъру ғазалиёташро дар маҳфилҳову шабнишиниҳо қироат мекунанд. Аз сабаби хушоҳанг будани шеърҳояш бисёре аз ҳунарпешагон онҳоро ба оҳанг даровардa месароянд. Аммо сирру асрори ба чунин тавфиқи эҷодӣ соҳиб шудани Озарахш ҳанӯз номакшуф боқӣ мондааст. Чанде аз қаламкашону адабиётшиносон роҷеъ ба комёбиву дастовардҳои эҷодии ин шоир мақолаву тақризҳо навиштаанд, ки ағлаби онҳо характери тавсифиву публитсистӣ доранд.

Профессор Замира Ғаффорова дар мақолаи «Озарахше дар раҳи шеъри тозарахш» оид ба вижагиҳои ғазалиёти ӯ андешаронӣ карда навиштаст, ки: «Нахустин чизе, ки ба назар мерасад, содагии баёни гӯянда аст ва ин тарзи баён хонандаро зуд ба худ ҷалб менамояд ва ба дилаш менишинад. Сухани ӯ ба назар одӣ, вале шоиронаву зебост» [51,108]. Дар мақолаи мазкур чанд ғазали Озарахш ба ҳайси намуна интихоб шуда, онҳо аз нигоҳи ҳисомезӣ, интихоби радифҳои нодир ва тулонӣ, инчунин калимасозӣ мухтасар таҳлил шудаанд.

Ҳангоми ба дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода пешниҳод шудани Озарахш Мирзошоҳрух Асрорӣ ва Амирҳамза Боқизода дар мақолаи «Зоди сафар баранд зи рози ту дилбарон…» таъкид намудаанд: «Аҳли мутолиае, ки таҳаввули эҷодии Озарахшро пайваста пайгирӣ кардаанд, ба хубӣ метавонанд дарк бикунанд, ки маҳорату салиқаи суханварии ӯ аз шеъре то шеъри дигар, аз маҷмуае то маҷмуаи дигар сайқал меёбад, олами тахайюлу тасаввураш рангинтар, доираи мавзуъҳои ашъораш густардатар, таносуби мантиқи суханаш қавитар ва дар маҷмуъ, тарҳи чеҳраи адабиаш равшантару

мушаххастар намудор мешавад» [51, 188]. Табиист, ки дар ин мақола тавсиф ҷои таҳлилро танг кардааст.

Сурайё Ҳакимова дар мақолаи худ перомуни «Девони ишқ»-и Озарахш андешаронӣ намуда зикр мекунад, ки: «Лоиқи сонист инак, Озарахш» [51, 213].

Адабиётшинос Шодиқул Шарифов мақолае навиштааст бо унвони «Вижагиҳои ғазалиёти Озарахш ва ҳунари радифсозии ӯ». Муаллифи мақола аз он ҷумла, чунин таъкид намудааст: «Ғазалҳои Озарахш хеле содаву дилрас буда, хондану сурудан ва шунидани онҳо ба хонандаву шунаванда таъсирбахшу роҳатафзо аст ва баробари ин ҳама осониву саҳлӣ зоҳиран, мушкилтафсиру нақддастнорас мебошад [51,221].

Муаллифи мақола ҳунари радифсозии Озарахшро дуруст ва муфассал таҳқиқ кардааст. Аммо ғазалҳои Озарахшро аввал хеле содаву дилрас гуфтан ва сонияи, онҳоро мушкилтафсиру нақддастнорас арзёбӣ кардани ӯ аз мантиқ дур аст. Ҳол он ки ғазалҳои Озарахш мушкилтафсир нестанд. Ягон ғазали асил ва саҳеҳ нақддастнорас шуда наметавонад ва агар чунин хусусиятро ба он ҳамл кунем, нуқсони худи ҳамон ғазал аст.

Як зумра шоирон низ ба эҷодиёти Озарахш таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки яке аз онҳо Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим мебошад. Ӯ дар мақолаи худ «Ӯро, ки бизодааст модар шоир» баъзе паҳлуҳои ашъори Озарахшро мавриди баррасӣ қарор додааст ва истеъдоди фитрии шоирро қайд кардааст. Тавсифу баёни шоирона дар мақолаи мазкур мақоми асосӣ дорад [128, 6].

Шоир Идизод Идибек дар мақолаи худ «Озарахш Бозору Гулрухсору Гулназар нест» дар бораи мақоми Озарахш дар шеъри имрӯзи Тоҷикистон ва баъзе вижагиҳои фардии эҷодиёташ андешаронӣ кардааст. Аммо ин мақола низ ҷанбаи тавсифӣ дорад [51, 343].

Шоири дигаре, ки дар бораи вижагиҳои ашъори Озарахш андешаронӣ кардааст, Фарзонаи Зарафшонист. Дар мақолаи ӯ «Сабз аст нахли навбари андешаҳои ман» [127,10] низ аз ҷанбаҳои таҳқиқӣ дида, характери тавсифӣ бештар аст.

Умуман, аҳли таҳқиқ ва эҷод ба ашъори Озарахш чандон бетаваҷҷуҳ набудаанд. Аммо ҳар он чи ки эшон роҷеъ ба эҷодиёти Озарахш навиштаанд, аз ҷанбаҳои таҳқиқию пажуҳишӣ дида, бештар характери тавсифию публитсистӣ доранд. Бо ибораи дигар, ҳанӯз поэтикаи нормативӣ (меъёрӣ) ва ғайринормативӣ (ғайримеъёрӣ)-и ашъори Озарахш мавриди пажуҳиш ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Ин қайдҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқро таъйид менамоянд. Дар раванди таҳқиқ ва ҳаллу фасли дараҷаи омӯзиши мавзуъ як қатор мушкилоти ҳалталаб ошкор гардид:

- ба мақоми Озарахш дар адабиёти муосири тоҷик ва мавзуоти ашъори ӯ ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқон равшанӣ андохта нашудааст;

- вижагиҳои «Ватаннома»-и Озарахш, ки дар эҷодиёташ мақоми махсус дорад, омӯхта нашудааст;

- ҷанбаи сиёсӣ ва иҷтимоии ашъори Озарахш ҳанӯз ба пуррагӣ таҳқиқ нашудааст;

- тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри шоир аз нигоҳи аҳли таҳқиқ пинҳон мондааст;

- ба баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш мутаваҷҷеҳ нашудаанд;

- ба масъалаи алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқии шеъри шоир ҳанӯз аҳли таҳқиқ мароқ зоҳир накардаанд;

- нафаре аз муҳаққиқон ба тобишҳои иҷтимоии шеъри ин шоир мутаваҷҷеҳ нашудааст;

- гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш мақоми вижа дошта бошад ҳам, адабиётшиносон ба он таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд;

- тозапардозиҳои дар жанри суннатии ғазал ва шеърҳои озоду андешарезаҳо анҷомдодаи Озарахш амалан таҳқиқ нашудааст;

- умуман, ба вазни ашъори Озарахш, ки дар адабиёти имрӯзаи мо падидаи ҷолиб аст, аз тарафи назмшиносон таваҷҷуҳ нашудааст;

- қофия ва радифҳои эҷоднамудаи шоир аз тарафи муҳаққиқон ба пурраги омӯхта нашудааст;

- аксари тасвир ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш аз назари аҳли таҳқиқ пинҳон мондаанд;

- тарзу усулҳои истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла парадокс дар ашъори Озарахш мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст;

- забони шеъри ӯ ва сабки фардиаш ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқе ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Ҳамин масоили ҳалношуда ва баҳсталаб заминаи интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии **«Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ»** шудаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалишавии нақшаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2023, ки ба пажуҳиш ва нашри осори адибони адабиёти классикӣ ва муосир равона гардидааст, анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таълифи диссертатсия пажуҳиши масъалаҳои поэтикии ашъори Озарахш аст, ки зиндагинома, тавсифи осори адабӣ, муҳтаво, мундариҷа, вижагиҳои ҳунарӣ, анъана ва навоварӣ дар эҷодиёти шоир, сохторшиносӣ, бадеият ва сабки суханофаринӣ шомили он мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Ҳангоми таҳқиқ ва баррасии дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян гардид, ки чеҳраи шоиронаи Озарахш ҳанӯз бар мабнои ҷараёни адабӣ ноошно боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия баррасии масъалаҳои зеринро вазифаи худ донистем:

1. Муайян намудани марҳалаҳои ташаккули ҳунари шоирӣ ва мақоми Озарахш дар адабиёти муосири тоҷик;

2. Таснифи мавзуот ва баррасии тобишҳои иҷтимоии шеъри Озарахш;

3. Ҳунари овозхонии шоир ва таъсири он ба мусиқии шеъри ӯ;

4. Муайян намудани навпардозиҳои шоир дар шеъри имрӯзи тоҷик;

5. Дар заминаи баррасиҳои мушаххас муайян намудани унсурҳои шеър, аз қабили вазн, қофия, радиф, корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвирсозӣ ва истифодаи имконоти забон ва сабки фардии шоир.

**Объекти таҳқиқ.** Адабиёти муосири тоҷик, осори адибони муосир, пажуҳиши донишмандон бахшида ба адабиёти муосир, фарҳангномаҳои тафсирӣ ва тахассусӣ, тазкираҳои адибони муосир мебошад.

**Предмети таҳқиқ.** Мавзуи аслии таҳқиқ «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» ба ҳисоб меравад, ки зимни он ҳунари суханофаринии шоир ва мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик дар асоси осори матбуи шоир, аз ҷумла «Аз чашмасор омадам» (1997), «Намози мусофир» (2006), «Ҷӯйбори сари хирман» (2011), «Чархболи офтоб» (2011), «Девони ишқ» (2016) «Ояндаҳо» (2019) ва «Парвона зинда аст…» (2020) таҳқиқу баррасӣ ва мушаххас шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Ҳангоми баррасии мавзуъ дар диссертатсия аз афкори назариявӣ ва амалии муҳаққиқони машҳури ватаниву бурунмарзӣ, мисли Р. Якобсон, Д. С. Лихачев, В. М. Жирмунский, Фердинанд де Соссюр, Бигзаби, Азро Поунд, Маликушшуаро Баҳор, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Меҳрони Муҳоҷир, Зиё Муваҳҳид, Абдулқайюми Қавим, Туракул Зеҳнӣ, Хуршеда Отахонова, У. Тоиров, Х. Шарифов, А. Ҳаким, А. Сатторзода, Ю. Акбаров, Р. Ваҳҳоб ва дигарон манфиат ҳосил кардаем.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Асосҳои методӣ ва методологияи таҳқиқоти диссертатсиониро ягонагии шаклу мундариҷа, принсипи иртиботи анъана ва навоварӣ, усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ, усули омор, шарҳи осори адабӣ, таснифи жанрҳои адабӣ ташкил додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки бори аввал масъалаи поэтикаи ашъори Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти имрӯзи тоҷик мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Озарахш ба майдони адабиёти муосири тоҷик дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри бист қадам ниҳодааст. Вай дар ин даврони муташанниҷ чун фарзанди замон шеърҳое эҷод кардааст, ки дар онҳо руҳияи ҳамзамонон инъикос шудааст. Аз қадамҳои аввали шоириаш ӯ на танҳо побанди анъанаву суннатҳои эҷодӣ шуд, балки худро чун шоири навҷӯ ва умедбахш нишон дода тавонист. Тадриҷан, чун шоири асил ташаккул ёфт ва дар ин ҷода касби камол карда, сабки фардии худро низ ба даст овард.

- Озарахш тадриҷан, чун шоири навпардоз дар адабиёти имрӯзи тоҷик мақоми вижаи худро пайдо намуд.

- Вай дар эҷоди шеър бо сабку услуб, забони гуфтор ва тарзи корбурдаш аз воситаҳои тасвири бадеӣ аз ҳамсолони худ фарқ мекунад.

- Озарахш шоири мушоҳидакор ва ҳассос буда, шеъри ӯ аслан, ба вуқуъбаёнӣ асос ёфтааст.

- Тасвири Ватан дар шеъри ӯ аз тасвири зодгоҳ сарчашма мегирад.

- Шоир ба вазъи имрӯзаи олам, ки хеле печидаву ташвишовар аст, бетафовут нест ва масоили доғи ҷомеаи башариро дар шеъраш воқеъбинона, ба риштаи тасвир мекашад.

- Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри ӯ мақоми хоссаеро касб кардааст.

- Суннатҳои овозхонӣ ба мусиқии шеъри шоир марбут буда, онҳо якдигарро мукаммал кардаанд.

- Озарахш ба андозаи табъу завқ ва истеъдоди худ ҳам ба анвои суннатии шеър ва ҳам ба анвои нави он тозагиҳо ворид намудааст.

- Шоир дар интихоби вазни шеър, бавижа ғазал хеле кӯшо ва дақиқназар буда, гомҳои дар ин ҷода ниҳодааш қобили пажуҳишанд.

- Қофия дар шеъри ӯ ба ибрози андешаҳо хидмат мекунад ва аз аркони созандаи шеъраш маҳсуб меёбад.

- Аксари радифҳои дар ғазал истифода бурдаи Озарахш тоза ва нотакрор буда, мусиқии шеърашро тақвият бахшидаанд.

- Корбурди бамавриди саноеи бадеӣ, минҷумла танокуз шеърашро тоза ва муассир кардааст.

- Истифодаи огоҳона аз имконоти забон ба ташаккули сабки фардии Озарахш мусоидат кардааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки ҳолномаи Озарахшро дар робита ба фаъолияти эҷодиаш, мавзуъ ва мундариҷаи ашъораш, ҷанбаи иҷтимоии шеърашро дар тасвири Ватан ва зодгоҳ, гиромидошти арзишҳои миллӣ ва масоили печидаи ҷомеаи башарӣ, ҳамбастагии суннатҳои овозхониашро ба мусиқии шеъраш, навпардозиҳои шоирро дар ашъори суннатӣ ва нимоӣ, ҳунари шоирии ӯро дар корбурди вазнҳои мухталиф, қофия ва радифҳои тозаву тулонӣ, роҳҳои истифодаи ӯро аз имконоти васеи забони шеър, санъатҳои бадеӣ ва ба ин васила ташаккули сабки фардиаш ба риштаи таҳқиқ кашида шуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки метавон мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таснифи китобҳои дарсии адабиёт ва таърихи он, ки барои мактабҳои миёнаи умумӣ ва олӣ, тавсия мешаванд, таснифу тадвини дастурҳои таълимӣ аз фанни мазкур, маводи ёрирасон ба назарияи адабиёт ва накди адабӣ, инчунин гузоришу мақолаҳои илмӣ ва методӣ истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсионии мавзуъ дар асоси маводи адабиёти муосир ва дар пояи маводи адабиётшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди адабӣ, сабкшиносӣ ва поэтикаву герменевтика таҳқиқ ва таълиф ёфтааст, ки он моҳиятан, ба ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Бори нахуст рӯзгору осори Озарахш, махсусан ҳунари шоирии ӯ ва мақоми адабии вай дар адабиёти муосир аз ҷониби муҳаққиқ ба таҳқиқи ҷомеъ кашида шудааст. Дар ин замина, дастовард ва натиҷагириҳои таҳқиқӣ дар шакли гузоришу мақолаҳои илмӣ ба нашр расидааст ва чопи монография низ дар назар аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ бар пояи маводи адабӣ ва назарӣ, бо дарназардошти таҳқиқ нашудани масъала дар шакли «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» мушаххас шуда, бо назарсанҷиву бознигарии устодони варзидаи суханшинос дар маҷлиси васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тахти №4 аз 04.12.2018 ва маҷлиси шурои олимони ҳамин донишгоҳ таҳти №9/5. 1 аз 30.04.2019 тасдиқ шудааст.

Натоиҷи пажуҳиши илмӣ дар семинару конфронсҳои анъанавии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (давоми солҳои 2019-2024) ва гузоришҳои илмии ҳарсолаи диссертант баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №8, аз 26-уми феврали соли 2024) муҳокима гардида, ба дифоъ пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се бобу сездаҳ фасл, се зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 193 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗИНДАГИНОМАИ ОЗАРАХШ ВА ҶОЙГОҲИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 1.1. Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ

Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш аз адибони навпардозу суннатгаро аст, ки бо фаъолияти пурбору мондагори худ дар рушди адабиёти муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Мавсуф дар ашъори суннатии хеш низ навпардозиҳои хос дорад. Ӯ, аллакай ба камолоти шоирӣ расида, дар ин ҷодаи мушкил сабки хоси худро касб кардааст. Барои вуруд ба олами шеъраш ва вижагиҳои эҷодии ӯ сараввал зарур мешуморем, ки мухтасари ҳасби ҳолашро аз назар гузаронем.

Озарахш (Толиби Карим) 13 августи соли 1963 дар деҳаи Урметани ноҳияи Айнии вилояти Суғд дар оилаи омӯзгор чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падараш шахси фозил ва адабиётдӯст буда, дар ташаккули маънавии фарзандаш мусоидат кардааст.

Озарахш соли 1980 мактаби миёнаи № 2-ро хатм намудааст, ки он ҳоло ба номи Қутбӣ Кином гузошта шудааст. Омӯзгорони масъулиятшинос ва суханпарвари ин мактаб дар сайқал ёфтани истеъдод ва табъу завқи шоирии Озарахш саҳм гузоштаанд. Пас аз хатми мактаби мазкур Толиб Карим ба шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1985 хатм намудааст.

Озарахш баъди хатми донишгоҳ солҳои 1985-1989 дар вазифаи муҳаррири Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон кор кардааст. Дар тули ин солҳо ӯ истеъдоди шоирӣ ва сароянадагии худро сайқал дода, чандин суруду оҳангҳои худро дар радиои ҷумҳурӣ сабт ва пахш намудааст.

Толиб Карими Озарахш соли 1989 аз пойтахт ба шаҳри бостонии Хуҷанд кӯч баст ва муқими он ҷо шуд. Ҳоло ҳамроҳи ҳамсари меҳрубони худ – Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона ва фарзандонаш дар Хуҷанд кору зиндагӣ мекунад. Мавсуф аз соли 1989 то соли 1992 вазифаи директори «Союзтеатр» дар вилояти

Ленинобод (ҳоло Суғд)-ро бар дӯш дошт. Дар ҳамин айём, истеъдоди драматургии Озарахш бо таъсири муҳити корӣ сайқал ёфтааст. Вай аз соли 1992 то соли 2002 муҳаррири Кумитаи давлатии телевизион ва радиои вилояти Суғд буд. Дар ин давра, бисёре аз гузориш ва барномаҳои ҷолиб ва диданиву шуниданиро таҳия ва таҳрир намуда, манзури тамошобинону шунавандагон гардонидааст. Озарахш аз соли 2002 то соли 2015 дар вазифаи хабарнигори ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» дар вилояти Суғд кор карда, дар ҷаридаи мазкур гузориш ва мақолаҳои пурмуҳтавои зиёдеро аз рӯзгору эҷодиёти аҳли сухан ва фарҳанг ба нашр расонидааст. Аз моҳи ноябри соли 2016 то имрӯз сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Паёми Суғд» мебошад. Бо ташаббуси ӯ ҳоло дар маҷаллаи зикршуда мавод ва матолиби ҷолиб ва дилпазир ба нашр мерасанд, ки он имрӯз аз хонданитарин маҷаллаҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Китобҳои ашъори Озарахш таҳти унвони «Аз чашмасор омадам» (1997), «Намози мусофир» (2006), «Чархболи офтоб» (2011), «Ҷӯйбори сари хирман» (2011), «Девони ишқ» (2016), «Ояндаҳо» (2019) ва «Парвона зинда аст...» (2020) аз чоп баромаданд, ки ҳар кадоме аз онҳо писанди хонандагон гардидаанд. Шеърҳои алоҳидаи ӯ ба забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, арабӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр шудаанд.

Озарахш на танҳо чун шоир дар адабиёти муосири тоҷик мақому манзалати вижаеро касб кардааст, балки ӯ ҳамчун драматург низ шуҳратёр аст. Намоишномаҳои офаридаи вай бо асомии «Сафедор», «Чашмаи Пардӯш», «Гулҳо намемиранд», «Ҳазордастон», «Равзанаи умед», «Рақси барфак», «Нақши Рӯдакӣ» ва «Афсона ё ҳақиқат» дар театрҳои касбии кишвар рӯйи саҳна омадаанд.

Озарахш бар замми шоиру нависанда будан, сароянда ва оҳангсози боистеъдод низ ҳаст. Ӯ адабиёт ва фарҳанги тоҷикро бо шеъру таронаҳои марғубу дилнишин ҳангоми сафарҳои ҳунарӣ дар минтақаҳои Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Арабистон, Англия, бархе кишварҳои минтақаи Африқо, аз қабили Бенин, Гана ва Того муаррифӣ намудааст.

Озарахш узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Конфедератсияи байналмилалии журналистон, барандаи ҷоизаҳои ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Садриддин Айнӣ мебошад. Вай барои рушду равнақи адабиёту санъат бо нишони "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва унвони "Корманди шоистаи Тоҷикистон" қадрдонӣ гардидааст. Барои саҳми арзандааш дар инкишофи адабиёти муосир соли 2019 ба унвони «Шоири халқии Тоҷикистон» сарфароз гардид [1, 172; 2, 192-193; 22, 293-295].

Шахсияти Озарахш аз далелҳои фавқуззикр то андозае рӯшан шуд. Аммо он чи ки мақоми ӯро ҳамчун шоир дар адабиёти муосири тоҷик муаррифӣ мекунад, мавзуъҳои матраҳкарда ва ҳаллу фасли шоиронаи онҳост.

Озарахш пеш аз ҳама, шоири иҷтимоъгаро буда, чун фарзанди замон ба тобишҳои иҷтимоии шеъраш таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Афкори иҷтимоии шоир дар шеърҳои «Дуои сафар», «Хотираҳои абрӣ», «Аз чашмасор омадам», «Дар кӯчаи Камоли Хуҷандӣ», «Дар остони Табрез», «Пеш аз сафар», «Чархи таърих», «Ашкборон», «Танҳо» ва ғайра бозтоби худро ёфтаанд. Шоир аз ҷомеаи шаҳрвандӣ худро ҷудо тасаввур карда наметавонад. Масалан, дар шеъри «Дуои сафар» ӯ ҳамбастагии худро бо дарахтони диёраш чунон ифода менамояд, ки хешро ҷузъи табиат ҳисобиданаш бармало эҳсос мешавад. Пайванди руҳонӣ ва ҳисси эҳтиромаш ба пиронсолони диёраш дар ин шеър чунин ифода ёфтааст:

*Бояд ин лаҳза ба побӯси дарахтон биравам,*

*Ба хабаргирии пирони баимон биравам,*

*Ки навозанд маро боз навои сабзе,*

*Ки бубахшанд маро боз дуъои сабзе* [17, 3].

Шоир дар шеъри «Хотираҳои абрӣ» аз зодгоҳаш ва замони тифливу муҳити оилавӣ ва баъзе ҳамдиёронаш ёдовар мешавад. Боғи падарашро бо ташнадилӣ ва эҳсоси отифӣ ба хотир меорад. Дар шеъри «Аз чашмасор омадам», ки бо ҳамин унвон маҷмуаи алоҳидаи ашъораш низ ба табъ расидааст, ақидаҳои иҷтимоии Озарахш хеле шоирона ва сареҳ ифода ёфтаанд. Образи

худи шоир дар ин шеър чун шахси иҷтимоъгаро, муросокор ва улфати ҳама табақаҳои ҷомеа тасвир шудааст:

*Дар суҳбати қаландарон марди қаландарам,*

*Дар давраи даравгарон марди даравгарам.*

*Дар чашми шахси беҳунар як шахси беҳунар,*

*Дар ҳалқаи ҳунарварон шояд ҳунарварам* [17, 7].

Дар бандҳои дигари шеъри мавриди назари мо, шоир аз вуқуъбаёнӣ ба тасвири олами руъё ва тахайюл руҷуъ мекунад. Зимнан, андешаҳои ӯ бо сабақҳои таърихӣ гиреҳ мехӯрад:

*Солам зи чил гузашт, вале дар хаёли хоб,*

*Як аср ё ду аср ва ё чил ҳазор сол*

*Ман умр дидаам.*

*Дар шахси ман сулолаи Ашкониён гузашт,*

*Сосониён гузашт,*

*Сомониён гузашт.*

*Инак, зи асри бисту як бар асри бисту чанд*

*Бояд ки чун сулолаи имрӯз бигзарам* [17, 8].

Ногуфта намонад, ки дар эҷоди ин шеър ба Озарахш таъсири Лоиқ ва Бозор Собир эҳсос мешавад. Озарахш дар симои образи лирикӣ миллати тоҷикро дар назар дорад. «Аз чашмасор омадам»-гуфтани марде мусофир киноя бар он аст, ки мардуми тоҷик дар саргаҳи обҳои софу шаффоф сукунат дорад.

Озарахш дар шеъри «Дар кӯчаи Камоли Хуҷандӣ», ки дар шакли чаҳорпора эҷод шудааст, сарманзили ин ориф ва шоири машҳурро аз одамон ҷӯё мешавад. Ба ин васила, ӯ мехоҳад мардумро ба гиромидошти Камоли Хуҷандӣ даъват кунад. Зиёрати сарманзили бузургонро аз тарафи бузургон амри воҷиб медонад:

*Ҳар субҳу шом мегузарам ман,*

*Аз кӯчаи Камоли Хуҷандӣ.*

*Аз байни растаҳову дарахтон*

*В-аз хонаҳои оинабандӣ.*

*Чашмам пур аз салому алайкум,*

*Гӯшам пур аз алайки салом аст.*

*К-эй одамони нек, бигӯед,*

*Сарманзили Камол кадом аст?* [17, 13].

Озарахш дар шеъри озоди «Дар остони Табрез» ҳиссиёти шоирона ва бардошти худро ифода намудааст. Мақсади худро аз ин сафар бо отифаи саршор иброз дошта, қасди аз зодгоҳи Камоли Хуҷандӣ ба зиёрати оромгоҳаш рафтанашро зикр кардааст. Дар ин шеър як навъ пайванди руҳониву забонии мардуми тоҷик дар мисоли хуҷандиёну табрезиён бозтоби худро ёфтааст.

Шоир дар шеъри «Пеш аз сафар» бардошти ҳузнангези худро аз манзараҳои онрӯзаи шаҳри Душанбе баён намудааст. Дилкашолӣ ва дилбандии ӯ дар ин шеъри чаҳорпора риққатовар аст:

*Вақте ки аз канори ту мерафтам,*

*Боди хазон ғубор ба сар мекард.*

*Оҳанги рез-резӣ чанористон,*

*Аз як баҳори рафта хабар мекард* [17, 18].

Дар шеъри «Чархи таърих» ҳодисаҳои даҳшатангези солҳои 90-уми қарни сипаришуда образнок ва муассир ифода ёфтаанд. Шоир чархи таърихро монанди осиёи кӯҳна гирдгардон медонад, ки замоне дар дӯли ин осиё гандуми фаровон асту замоне дар он ба ҷои гандум арзан мерезанд. Муаллиф бо истифода аз санъати талмеҳ образҳои ҷовидонаи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсиро ёдовар шуда, онҳоро дар ҳузури худ тасаввур мекунад. Ӯ ба Ватан муроҷиат карда, чунин ибрози назар мекунад.

*Шаҳриёрат ҳанӯз меҷӯяд*

*Фитнаи куштани Фаридунро.*

*Паҳлавонат чу Рустами Достон*

*Марги Суҳроби ҷомагулгунро* [17, 19].

Шоир дар банди зикршуда алайҳи ҳамдигар дар майдонҳои «Шаҳидон»-у «Озодӣ» сангар гирифтани падару писар ва роҳбарону тобеонро дар симоҳои Рустаму Сӯҳроб ва Шаҳриёру Фаридун тасаввур карда бошад, дар банди

баъдинаи ин шеър образи душманони халқи тоҷикро дар симои Афросиёб ва образи ҷавонмардонро дар симои Сиёвуш ба риштаи тасвир кашидааст. Образи занону духтарони тоҷик дар симои Рудобаву Таҳмина таҷассум ёфтааст. Чунин услуби эҷодӣ дар силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома»-и устод Лоиқ низ ба назар мерасад ва албатта, таъсирпазирии Озарахш аз Лоиқ ба мушоҳида мерасад:

*Боз Афросиёбат аз кӯрӣ*

*Дар ғами куштани Сиёвуш аст.*

*Боз Рудобаат сияҳтолеъ,*

*Боз Таҳминаат сияҳпӯш аст* [17, 20].

Озарахш дар рӯзи ҷанозаи аксбардори машҳур ва рӯзноманигори соҳибқариҳаи тоҷик Муҳиддин Олимпур таҳти унвони «Ашкборон» шеъри озоде эҷод намудааст, ки дар ин шеър аз ҳунари волои ин аксбардори беҳамтои тоҷик, ки дар рӯзҳои ҷанги таҳмилии солҳои 90-ум аз тири ноҳақи душманони миллат ба қатл расида буд, сухан меравад. Манзараи беҳад риққатангези рӯзи ҷаноза бо эҳсоси отифӣ ва андӯҳи бепоён дар шеър хонандаро ба ҳамдардии амиқ вомедорад. Мухлисону ҳаводоронро марги чунин марди фарзона сарҷамъ намудааст:

*Хез, Олимпур!*

*Акси худро дар навори обшорон бин,*

*Дар нигоҳи дӯстдорон,*

*дар хаёли рӯзгорон бин.*

*Хезу бингар тоҷикони рӯи дунёро,*

*Рӯзи марги ту*

*Қатра – қатра ашкборон ҷамъ меоянд,*

*Обҳои пора-пора аз парешон ҷамъ меоянд.*

*Дар Душанбе ҳамраҳи Варзоб,*

*Дар Бухоро чун Зарафшон ҷамъ меоянд* [17, 28-29].

Шеъри «Танҳо»-и Озарахш дар шакли қитъа суруда шудааст. Шоир марди дар ҷомеа танҳоро дар образи дарахти пири гӯшаи боғ тасвир намудааст.

Саргузашти ӯ бо истифода аз санъати ташхис ифода ёфтааст. Милоди ин дарахти танҳоро боғбонаш ёд надорад. Ин дарахти пир гузашти умри худро ба хотир меорад, ки вақте дар канораш мурғони шодӣ ошён доштанду имрӯз рангаш аз танҳоӣ заъфарон шудааст:

*Канорам нолаи мурғони шодӣ буд,*

*Дигар мурғе ба фикри ошёнам нест* [17, 36].

Ифодаи «лонаи мурғони шодӣ будани канори дарахт»-киноя аз хонаи пуркӯдак доштани мард аст, ифодаи «дигар мурғе ба ёди ошёнам набудан» ишораи мармузест, бар он ки фарзандонаш ҳама парончак шудаанду ба аёдати падари пирашон намеоянд. Ҳар касеро ки дар дами пирӣ чунин ҳодиса бар сар меояд, ҳамин андешаҳои мағшуш ва ғамангез ӯро домангир мешаванд.

Озарахш рисолати шоирии худро дар шеъри «Эй шеър...» бо эҳсоси отифӣ баён намудааст, ки мухотабаш шеър аст. Ӯ шеърро ба намози қазогашта шабоҳат дода, аз вақти норасо ва сарнавишти хиёнаткору рӯзгори парешон гилагузорӣ ва шиква кардааст. Шеъри мавриди назари моро шоир дар синни 34-солагияш эҷод намудааст, ки таъсири ҳодисаҳои солҳои 90-ум ба руҳияи ӯ дар он эҳсос мешавад:

*Эй шеър, эй намози қазогашта,*

*Вақтам намерасад, ки туро хонам.*

*Аз дашти сарнавишти хиёнаткор*

*В-аз ҷабри рӯзгори парешонам* [17, 36].

Шоир аз гузаштани умри азиз дар фикри маошу ризқу рӯзӣ ва мотами замонаи хунрез афсӯс мехӯрад. Ҷанбаи иҷтимоии ин шеър дар банди сеюм такмил ёфтааст. Ғаму азои Ватан домангири шоир шуда, дар хаёли ӯ ҳама ғунчаҳои Ватан хунолуданд:

*Субҳи ман аз азои Ватан шаб гашт,*

*Шоми ман аз ғамони Ватан сар шуд.*

*Ҳарфе, ки бо хаёли ту мегуфтам,*

*Дар хуни ғунчаҳои Ватан тар шуд* [17, 36].

Озарахш чун шоир ҳамдаму ҳамқадами замон аст. Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ, ин рисолати худро фаромӯш намекунад. Шеъри худро тибқи ниёзмандиҳои ҷомеа эҷод мекунад. Дарди замона ба вуҷуди ӯ беасар намондааст. Дар банди дигари шеъри мазкур чунин омадааст:

*Ман шоири таронасаро будам,*

*Дарди замона навҳасароям кард.*

*Ашъори шодмона зи ёдам рафт,*

*Марсиягӯӣ обу адоям кард* [17, 36].

Шоир худро дур аз мардум эҳсос карда наметавонад. Ӯ ҳамеша шарики ғаму шодии халқ аст. Чунин тамос дар яке аз суҳбатҳояш омадааст: «Ман ҳудуди 10-15 соли охир ҳамеша бо мардум ҳастам. Ҳолатҳое мешавад, ки як нафар соати 12-и шаб занг зада мегӯяд, ки ман муҳоҷир ҳастам ва суруди «Хез модар, ки мусофирписарат омадааст»-ро дар иҷрои Ҷамшед Исмоил хонда (дурусташ *шунида* – Ҷ. Ҷ. Ҷ.) гиристам...» [130, 12 ].

Озарахш дар қолабҳои суннативу нав (мудерн) шеър мегӯяд ва аксари ашъораш суннатист. Бояд қаблан иброз дорем, ки ӯ дар ҳар ду қолаб ҳам муваффақ шудааст. Дар интихоби мавзуи шеър Озарахш хеле ҷиддӣ рафтор мекунад. Ӯ аксар вақт вазъи замонро ба ҳисоб гирифта, мавзуи шеърашро интихоб менамояд. Мавзуъҳои ба ҳам марбутро пайиҳам мавриди эҷоди худ қарор дода, онҳоро силсилабандӣ мекунад. Гиромидошти суннатҳо ва арзишҳои миллӣ дар ашъораш мавқеи муҳим дорад. Ӯ чанд шеъри озод (нимоӣ) сурудааст, ки онҳо дар силсилаи шеърҳои «Шаби пеш аз Наврӯз» фароҳам омадаанд. Шеърҳои «Китоби офтоб», «Моҳи дарёӣ», «Сапеда», «Шаби пеш аз Наврӯз» (ҳамноми силсила) ва «Тасвира» ақсоми таркибии ҳамин силсилаанд. Ҳиссиёти шоир дар оғози шеъри «Китоби офтоб» оҳанги амру хоҳиш дорад ва шоир мухотаби худро ба тамошои олами зебоӣ талқин мекунад:

*Кушо, китобро!*

*Китоби офтобро!*

*Бихон суруди нурбори интизорро,*

*Ба номат инчунин таронае намудаам*

*Баҳорро!* [17, 38].

Озарахш дар шеъри «Моҳи дарёӣ» хонандаро ба шинохти шарёни дарахтон, ки «набзи бorigin Илоҳӣ дорад», талқин карда, ӯро ба тамошои манзараи ҷолиби дигар раҳнамун месозад:

*Бишиносем, ки шарёни дарахтони ҷаҳон*

*Набзи борони Илоҳӣ дорад,*

*Моҳ дар синаи дарёи равон*

*Қасди ҳамрозии моҳӣ дорад...* [17, 39].

Тасвири зебои дигаре дар шеъри «Сапеда» мунъакис гаштааст. Чунин ифодаи шоирона чунон зебост, ки баргардони он ба наср аз имкон хориҷ аст:

*Сапеда духтари бодомро пироҳани гул дод,*

*Туро,*

*эй найнавози ошно,*

*унвони булбул дод...* [17, 41].

Шоир дар шеъри ҳамноми силсила «Шаби пеш аз Наврӯз» худро бо ангуру анору хурмо устухонпайванд, бо сафедор бародархонда ва бо шакарсеб саодатманд медонад, ки ин аз ҳамбастагии ӯ бо табиат, аз ҷумла бо дарахтон гувоҳӣ медиҳад. Вуҷуд ва руҳи худро ҷузъи табиат донистан аз фазилатҳои шоирии Озарахш аст, ки ин хислат на дар ҳама шоирони замони мо мавҷуд аст. Ӯ зимни ҳамин андеша падару модари худро низ шарики табиат медонад. Масалан, дар ин фиқраи шеър:

*Модарам тарҷумаи ҳоли ҳама гулҳоро медонад*

*Барг бо барг,*

*Чаман бо чаман.*

*Дар бараш пираҳани наврӯзӣ,*

*Сӯзани сабзаву себарга ба каф,*

*Пушти як пуштаи сабзи хотир*

*Мекунад гулдӯзӣ.* [17, 42].

Баъд аз ин ба шарҳи хислатҳои падараш мегузарад, ки боғпарвариву омӯзгорӣ аз ҷузъиёти онҳоянд:

*Падарам*

*хотираҳои сафарашро*

*ба ниҳолони шакарпайвандаш мехонад*

*мисли як дафтари шеъри Саъдӣ*

*дарси одоби сухан*

*дарси таърихи Ватан* [17, 42]

Шеъри «Тасвира» давоми мантиқии ашъори силсила буда, дар он манзараҳои Ширбоғ, аз қабили дарахти бодому шиғпанҷара, ангури ҳусайнӣ ва шаби маҳтобӣ бо камоли зебоӣ тасвир шудаанд. Озарахш бо ҳамин шеъри манзаравӣ силсилаи ашъори худро ҷамъбаст намудааст.

Озарахш бо унвони «Нурнома» (ё барқия ба Роғун) шеъре эҷод намудааст, ки бо се шакл рӯйи қоғаз омадааст. Қисмати аввали ин барқияи манзум шеъри озод (нимоӣ) буда, бо саломнома оғоз меёбад:

*Салом*

*ойинаи имрӯзу фардои Ватан,*

*Роғун!*

*Ба номат номае дорам.*

*Қатори мардуми созандабунёде,*

*Ки аз ҳар сӯй ҳастии туро бо сад забон пайғом мегӯяд,*

*Муҳаббатномае дорам!* [17, 49]

Дар банди минбаъда шоир хурсандии худро аз сохтмони ин иншооти бузурги аср, ки яке саҳмия мехараду дигаре нерӯи худро дареғ намедорад ва пире дуои хайр медиҳад, баён месозад. Шоир ин «ҷамъияти озодпаймонро муборакбод»-мегӯяд, ки барои бунёди Роғун тани худро хишту сари худро девор месозад. Баъзан, чунин баёни интизоӣ аз вуқуъбаёнӣ фосила мегирад ва шоир саргарми забонбозӣ мешавад:

*Зи обанбори чашмон ашк мерезем,*

*Ба обанбори нурободи бунёдаш.* [17, 49].

Пас аз анҷоми ин шеъри нимоӣ шоир чун идомаи барқияи манзум 4 рубоӣ эҷод кардааст, ки ин мулҳақот характери тасвирӣ доранд. Инак, яке аз он рубоиҳо:

*Сарномаи меҳри дилфароғон, Роғун,*

*Барномаи бахти дилсуроғон, Роғун.*

*Номи ту ҳуҷаста боду боми ту баланд,*

*Дар номаи ишқи дилчароғон, Роғун* [17, 50].

Шеъри сеюме, ки ба ин барқияи манзум мулҳақ шудааст, оҳанги муборакбодӣ дошта, баёни он низ интизоист ва хулосааш чунин аст:

*Ҳамин як қатраҷонам кош афзояд ба Вахши ту,*

*Қатори мардуми хидматгузорат... Озарахши ту* [17, 51].

Озарахш шоирест ки дар эҷодиёти худ мавзуъҳои этнографиро низ дар мавридаш ба риштаи тасвир мекашад. Яке аз одатҳои мардуми мо он аст, ки ҳангоми ба бозор ворид шуданашон сараввал нархи пиёзро мепурсанд. Зеро ба ақидаи онҳо қиммативу арзонии нархи бозор ба нархи пиёз вобастагӣ дорад. Ҳамин маънӣ, дар матлаи ғазали зерин чунин ифода ёфтааст:

*Бозорро бипурс, ки нархи пиёз чанд?*

*Баҳри шакарфурӯш аз он имтиёз чанд?* [17, 110].

Дигар мавзуе, ки Озарахш ба он пайваста руҷуъ мекунад, ишқ аст. Шоир дар ҳама шаклҳои шеърӣ, аз он ҷумла шеъри озоду чаҳорпора ва ғазалу рубоиву дубайтӣ мавзуи ишқро мавриди тасвир ва ҳаллу фасли худ қарор медиҳад. Агар ба таври хулоса, кулли муҳтавои ашъори Озарахшро баҳогузорӣ кунем, аз нисф зиёди шеърҳои ӯ ишқиянд. Назар ба ҷанбаи иҷтимоӣ ҷанбаи ишқӣ дар ашъори Озарахш нерӯмандтар аст. Дар маҷмуъ, ӯ шоири лирик маҳсуб меёбад. Бесабаб нест, ки шоир калонтарин китоби ашъорашро «Девони ишқ» номидааст.

Домани мавзуоти ашъори Озарахш фарох аст. Тавре ки Маҳина Ғаффорова иброз медорад: Озарахш бо «пиндорҳои нодир» ва «ҳарфи равону тоҳир»-аш шоири соҳибсабк буда, дар ашъори ӯ маъниҳои фалсафию ирфонӣ, тарбиявӣ ва ахлоқӣ мавқеи шоиста доранд [51, 452].

Воқеан, Озарахш шоирест, ки воқеиятро бо санъатҳои бадеӣ омезиш дода, дар зеҳну пиндори худ мепазонад ва ҳамон пиндорҳои нодирро ба сарҳади шеър мекашонад. Ин падидаҳо ба соҳибсабк шудани шоир мусоидат кардаанд. Зеҳни тезаш мавзуъҳои мухталифи рӯзгори моро фаро мегирад ва бо ҳунари шоирияш шеъри тоза ва нотакрорро тавлид мекунад. Чунин услуби эҷодиро на ҳама шоирони муосири мо доранд. Вуқуъбаёнии шоирон амри табиист. Аммо воқеиятро бо шеърият тазвиҷ кардан ҳунари ҳар шоир нест. Озарахш ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла, ба мавзуи доғи рӯз, ки муҳоҷирати меҳнатист, бисёр мутаваҷҷеҳ мешавад. Шеърҳо ва ғазалҳои «Рухсораҳо зард», «Хез модар», «Эй ҷону ҷигар» аз он ҷумлаанд, ки шоир бо озарму дилсӯзӣ ва ҳусни отифа рӯзгори муҳоҷирони меҳнатиро тасвир мекунад. Тасвирҳояш на танҳо воқеиянд, балки шоирона ва ҳунармандонаанд. Масалан, дар ин ғазал:

*Эй ҷону ҷигар, чӣ ҳол дорӣ?*

*Фарзанди падар, чӣ ҳол дорӣ?*

*Мо бе ту нигоҳи бефурӯғем,*

*Эй нури назар, чӣ ҳол дорӣ?*

*Дур аз нафаси азизи модар,*

*Аз хона бадар чӣ ҳол дорӣ?* [20, 31].

Фарзанди падарро «ҷону ҷигар» ва «нури назар» номидани шоир, маҳсули ҳусни тафоҳум ва эҳсоси отифии ӯст. Аз ҳодисаи муқаррарӣ шеър офаридан танҳо бо чунин эҳсос даст медиҳад. Агар ба шеъру ғазалиёти Озарахш дуруст мутаваҷҷеҳ шавем, хулоса мебарорем, ки эҳсоси шукргузорӣ дар онҳо хеле зиёд ба назар мерасад, Ба дараҷае, ки он ба яке аз мавзуъҳои мубрами ашъораш табдил ёфтааст. Шоир аз «лаҳзаҳои бад ва шикасти беадади дидааш» ҳам шукри Худоро ба ҷо меорад. Зеро хуб медонад, ки аз тамоми бадиҳои рӯзгору олам бадтарҳояшон низ мавҷуданд. Чунин тарзи муҳокимарониро Озарахш аз Мавлавию Ҳофиз барин орифон омӯхтааст:

*Чӣ лаҳзаҳои баде дидаам, Худоро шукр!*

*Шикасти беададе дидаам, Худоро шукр!*

*Зи рӯзгори сиёҳу сафед, пешу қафо,*

*Насибае ба ҳаде дидаам, Худоро шукр!* [20, 43]

Озарахш насиҳатномаҳои шоирони классикро хеле хуб омӯхтааст. Ҳамон пандҳои кӯҳнаро бо тобиши дигар манзури хонанда менамояд. Зеро дар ин мавзуъ ҳарфи ногуфта намондааст. Кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бе истилоҳи фалсафӣ ҳам андарзи беғарази худро файласуфона ва бо забони содаи шоирона баён намояд:

*Эй дӯст, давлати ту як рӯз, ё ду рӯз аст,*

*Дунёи савлати ту як рӯз, ё ду рӯз аст.*

*Рӯзу шабони одам пешу қафо дамодам,*

*Яъне, ки навбати ту як рӯз ё ду рӯз аст* [20, 41].

Мавзуи руҳафтодагӣ ва бадбинию дилмондагӣ аз мавзуоти деринаи адабиёти мост, ки аз эҷодиёти устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сарчашма мегирад. Хушбинтарин ва айёштарин шоирон ҳам дар баъзе ҳолатҳо мавзуи фавқуззикрро дар ашъори худ гоҳ-гоҳ матраҳ кардаанд. Дар замони Шуравӣ адабиётшиносон шоирони руҳафтода (пессимист)-ро ба зери тозиёнаи танқид мегирифтанд, ки ҳизби коммунистӣ дар назди онҳо чунин вазифа гузошта буд. Аммо дар замони мо, ки соҳибистиқлолему гуногунандешӣ ҳодисаи муқаррарии адабиёт аст, оҳангҳои пессимистӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик торафт бештар садо медиҳанд, ки ашъори Озарахш низ аз ин ҷумла истисно нест. Аммо ин ҳолатҳо табииянд:

*Як лаҳза фикри рафтан моро намегузорад,*

*Ин ҳамсафар рафиқест, танҳо намегузорад.*

*Рӯзе, ки навбат ояд, поёни қисмат ояд,*

*Бозори умр дигар савдо намегузорад* [20, 40].

Пос доштани сухан, баланд бардоштани қадру манзалати он, инчунин арҷгузорӣ ба суханварони мумтоз низ аз мавзуъҳоеанд, ки Озарахш ба онҳо таваҷҷуҳи вижа зоҳир менамояд. Зеро ӯ аз азоби сухангустарӣ ба хубӣ огоҳ буда, рисолати суханваронро дарк менамояд. Суханвариро кори ҷиддӣ ва масъулиятталаб меҳисобад. Ӯ майдони суханро минбари соҳибҳунарон медонад

ва таҳқиқи ғазалро пешаи онҳое медонад, ки ҳама пастиву баландии ҷодаҳои ин навъи адабиро омӯхтаанд. Ба навсафарон, яъне қаламкашони ҷавон, маслиҳат медиҳад, ки аз «гавҳари ҷон»-и худ дар ин ҷодаи мушкил раҳтӯша созанд. Таъкид менамояд, ки ба ҷуз Худо бар мулки сухан роҳбаре вуҷуд надорад. Ва ин ишоратест ба табъи азалӣ ва истеъдоду илҳоми худодод, ки дар ин ғазал мебинем:

*Майдони сухан минбари ҳар беҳунаре нест,*

*Девони чаман дафтари ҳар бехабаре нест.*

*Бе рӯву риё вақт бигӯяд, ки чӣ монад,*

*Таҳқиқи ғазал пешаи ҳар раҳгузаре нест...*

*Эй навсафар, аз гавҳари ҷон тӯшаи раҳ соз,*

*Бар мулки сухан ғайри Худо роҳбаре нест* [20, 154].

Озарахш, ки имрӯз яке аз маъруфтарин шоирони тоҷик аст, ба кори эҷодӣ, бавижа ба шеър хушбин аст ва сахтгирӣ ҳам мекунад: «Шеър дар ҳама замон мувофиқи муҳит, замон ва вақт, тағйир меёбад ва бояд ҷавобгӯи талаботи мардум бошад... Аммо шеъре ҳаст, ки ҳамеша мардум ба он ниёз дорад, монанди нон, об, ки ҳар рӯз барои мо лозим аст, шеър низ бояд дар хизмати мардум бошад. Мардум дар рӯзи ғаму шодияш онро хонад, дарди дилашро гӯяд ва ё хурсандияшро афзояд... Мувофиқ ба сиёсати имрӯз ва гирудорҳои замон шеър тавлид мешавад» [130, 12].

Аксарияти шеърҳои Озарахш дар асоси ҳамин принсип эҷод шудаанд, ӯ чун фарзанди замон ба хубӣ эҳсос менамояд, ки мардум ба чӣ гуна шеърҳо ниёз доранд. Албатта, ба ниёзмандиҳои ҳамзамонон пай бурдан кори саҳлу осон ҳам нест. Бояд ба дарду доғи ҷомеа ва ормонҳои халқ ошно буд, бояд ҳамдаму ҳамнафаси қишрҳои гуногуни ҷомеа шуд. Дар ин ҷода ба шоир пеш аз ҳама, дарки масъулияташ мусоидат мекунад. Ӯ шарики шодиву ғами ҳамагон аст ва бардоштҳояш аз ин падидаҳо тору пуди ашъорашро ташкил менамоянд.

**Хулоса,** Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш парвардаи муҳити фарҳангӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон буда, дар охири солҳои 80-ум ва 90-уми қарни бист қадам ба майдони адабиёт ниҳодааст ва худро чун

шоири соҳибистеъдод ва масъулиятшинос нишон додааст. Ӯ шахсияти худро чун фарзанди содиқи замон тасаввур мекунад. Мавзуоти ашъораш мухталиф буда, дар ҳаллу фасли онҳо воқеъбинона амал мекунад. Ҳам дар шакли суннатӣ ва ҳам дар шакли мудерн шеър эҷод менамояд ва бо сабки эҷодии ба худ хос аз ҳамсолони соҳибқаламаш фарқ мекунад.

## 1.2. Вижагиҳои «Ватаннома»-и Озарахш

Васфу ситоиши Ватан дар ашъори шоирони тоҷик ба ҳукми анъана даромадааст. Ин падидаи маънавӣ асосан, аз адабиёти гуфторӣ сарчашма мегирад. Халқи тоҷик дар Ватан буданро мояи хушбахтӣ ва дурӣ аз онро сабаби бадбахтӣ маънидод мекард ва имрӯз низ сари ҳамин ақида устувор аст. Ҳанӯз ҳазору чорсад сол пеш аз ин Паёмбари ислом-Ҳазрати Муҳаммад (с) дар ҳадиси муборaки худ муҳаббати Ватанро аз шуъбаҳои имон маънидод кардаанд, ки ин ақида ба фолклори мусулмонон, аз ҷумла тоҷикон низ беасар намондааст. Баъдан, он ба адабиёти хаттӣ ҳам таъсири худро гузоштааст. Халқи тоҷик чунин рубоие дорад:

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,*

*Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.*

*Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,*

*Эй кош, гадо будӣ ба Канъон, хуштар.*

Тамҷиду ситоиши Ватани воқеӣ дар адабиёти хаттии мо аз шеъри «Бӯи Ҷӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ оғоз шуда, ба яке аз мавзуъҳои анъанавии адабиётамон табдил ёфтааст. Бозтоби ин мавзуи муҳим дар ашъори бисёр шоирони классики форсу тоҷик, аз қабили Ҳофиз (дар тавсифи оби Рукнободу гулгашти Мусалло), Камоли Хуҷандӣ (дар ғазали «Ғарибӣ») равшан ба назар мерасад.

Мавзуи Ватан дар ашъори шоири муосири тоҷик Ҳ. Юсуфӣ ба намод табдил ёфтааст. Мусаллам аст, ки Ватан барои ҳар як фарди бонангу номус муқаддас аст. Ба қавли Шоири халқии Тоҷикистон, Гулназар; «Воқеан, мо Ватанро интихоб намекунем, ончунонки волидайн низ дар ихтиёри интихоби мо нестанд. Ҳамин ки ба дунё меоем, Ватан бо мо тавлид меёбад, бо мо ба камол мерасад. Ташаккули Ватане, ки дар мост, аз ташаккули шахси ҳар кадоми мо вобаста аст» [5, 249].

Бояд тазаккур дод, ки Озарахш ҳамин нуктаи ҳаётан муҳимро ба назар гирифта, силсилашеъри «Ватаннома»-ро эҷод намудааст. Ин силсила дар китоби нави ӯ «Парвона зинда аст» ба нашр расидааст, ки шомили 20 шеър

буда, муаллиф ин мисраи машҳури устод Мирзо Турсунзодаро эпиграфи «Ватаннома»-и худ қарор додааст:

«Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту...» [20, 45].

Шеъри нахустини силсиларо Озарахш бо вазни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ эҷод намудааст. Ӯ дар шахсияти шоир ба худ мурочиат карда фармудааст, ки достони Ватанро саро, то ин ки он ба ҷону тан асари гуворо гузорад. Баъдан, ба забони дарии тоҷикӣ тамҷид гузоштааст ва арҷгузории худро нисбат ба устодони сухан Рӯдакиву Фирдавсӣ, Мавлои Руму Саъдӣ, Ҳофизу Хайём ва Низомиву Ҷомӣ иброз доштааст. Ин шеър оҳанги тарғиботиву таблиғотӣ дорад. Шоир сурудани васфи Ватанро ташвиқ мекунад, ки он зодгоҳи бузургони сухан ва диёри шоирхез буда, гаҳвораи забони шево ва ширини дарии тоҷикист. Арҷгузорӣ ба Ватан ва арҷгузорӣ ба забони ноби он тавъам сурат гирифтааст:

*Саро, шоиро, достони Ватан,*

*Ки ширин нишинад ба ҷону ба тан.*

*Ба лаҳни равонпарвари Рӯдакӣ,*

*Зи ҳарфи дариофари тоҷикӣ.*

*Саломи ҳакими ҷаҳонгири Тӯс,*

*Ки «Шаҳнома»-ашро бихону бибӯс...* [20, 46]

Шеъри дуюми силсилаи «Ватаннома» низ бо вазни шеъри аввала эҷод шуда, сохтори қофиябандияш дар шакли маснавӣ сурат гирифтааст. Дар ин шеър мухотаби шоир «Ватан» аст:

*Ватан! Эй сароғози дунёи ман,*

*Назарбахши чашмони бинои ман.*

*Нахустин каломи дили модарам,*

*Ки бо шир бахшида бар пайкарам.*

*Садои мубораксурури падар,*

*Ки бар гӯшам ояд зи баҳру зи бар* [20, 47].

Дар ин шеър шоир Ватанро «сароғози дунё»-и худ ва «назарбахши чашмони бино»-и худ медонад. Аз ҳамин макони муқаддас ва бебадалу

ивазнопазир, шоир забони модарӣ омӯхтаву садои мубораки падарро шунидааст. Дар мисраъҳои баъдина Озарахш таъкид менамояд, ки ман ба дидори ту дидагони худро кушодам ва савтҳои ношунидаро дар канори ту шунидам. Ба Ватан хитоб карда, иброз медорад, ки дуруду суруди аввалини ман бар ҷаҳон ба номи ту оғоз шудааст. Бо эҳсоси отифӣ ин маконро «Ватанҷон», ки аз гӯиши мардумӣ сарчашма мегирад ва «муҳаббатсаро» меномад, ки он Тоҷикистон аст.

Шеъри сеюми силсила дар шакли ғазал суруда шуда, дар он санъати бадеии такрор мақоми хос дорад. Ин санъат асосан барои тақвияти таъкид хидмат кардааст. Матлаи ғазал чунин аст:

*Калимаам ба номи ту, ба номи ту, ба номи ту!*

*Ба номи хушкаломи ту, каломи ту, каломи ту!* [20, 48]

Шеъри чоруми силсилаи «Ватаннома», ки чун шеърҳои дигар беунвон аст, дар шакли маснавӣ эҷод шуда, оҳанги мутантан дорад. Шоир Ватанро «нишони ниёкон» ва «кӯҳанманзили тозабунёд» меномад. Дар мисраи дуюми ин байт мутаноқизбаёнӣ ба мушоҳида мерасад:

*Ватан! Эй нишони ниёкони ман,*

*Куҳанманзили тозабунёни ман!* [20, 49]

Ин шеър оҳанги гилаомези таърихӣ касб карда, дар он аз эҳсосот дида, вуқуъбаёнӣ бештар ба назар мерасад. Шоир таърихро «яғмосиришт» меномад ва сарнавишти ғамовари Ватанро ба беадолатиҳои таърих марбут медонад, ки он гоҳе мулки шодмонии шоҳон ва гоҳе ғамсаройи ҷаҳон будааст. Тазоди рӯзгорони Ватан шоирро ба риққат овардааст:

*Туро дасти таърихи яғмосиришт*

*Басо сарнавишти ғамовар навишт.*

*Гаҳе шодмулки шаҳон будаӣ,*

*Гаҳе ғамсаройи ҷаҳон будаӣ* [20, 49].

Дар байтҳои баъдина, шоир бо истифода аз далелҳои таърихӣ вуқуъбаёнии худро ифода карда, таъкид менамояд, ки замоне канори Ватан «чаманшаҳр» шуд ва миллати тоҷик бо шаҳрсозиву тамаддунофарӣ машҳури олам гашт.

Истифодаи шоир аз сарнавишти таърихии тоҷикон дар ёдкарди шукӯҳу шаҳомати фарри Ориёӣ, дирафши коваёнӣ, давлатдории Сомониён ва Хуросони Бузург бармало бо баёни шоирона ба назар мерасад. Баъзан, шоир аз суханпардозиҳои гузаштагонамон ифтихор мекунад. Аммо ногуфта намонад, ки дар байти зерин қофияи шеър халалдор шудааст, зеро он дар шакли маснавӣ эҷод гардида, вожаи *сухан* бо *заданд* ҳамқофия шуда наметавонад:

*Сарозодагонат ба шеъру сухан*

*Ба боми сурайё дирафше заданд* [20, 49].

Шоир зинда мондани ин миллати кӯҳанбунёдро ба забону фарҳангаш мансуб медонад, ки воқеан, дуруст аст.

Шеъри панҷуми силсилаи «Ватаннома» мансуб ба жанри ғазал ва шомили шаш байт буда, матлаи ғазал ин аст:

*Сарам санги Саразми бостон аст,*

*Дилам ашки Сарези ростон аст* [20, 50].

Қабл аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки бунёди ин ғазал ба саноеъи маҷоз ва талмеҳ аст. Шоир сари худро ба Саразми бостон (саҳеҳаш бостонӣ бояд бошад- Ҷ. Ҷ. Ҷ.) ва дилашро ба Сарези ростон нисбат медиҳад. Ӯ танҳо сару дили худро не, балки сару дили миллати тоҷикро дар назар дорад. Талмеҳан, ишора кардани Озарахш ба Саразми бостонӣ ноҷо нест. Зеро он қадимтарин шаҳри мо тоҷикон буда, 12 сентябри соли 2020-ум 5500-солагиаш таҷлил гардид. Ба ин муносибат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ чунин фармудаанд: «Саразм ёдгории нодири даврони энеолит ва асри биринҷии Осиёи Марказӣ буда, ин давра тақрибан ҳазораҳои чорум-сеюми то милод ва дар баъзе минтақаҳо то ҳазораи дуюми пеш аз милодро дар бар мегирад» [132, 1].

Ба санги Саразми бостонӣ нисбат додани сари миллат ишораи шоирона ба миллати бумӣ ва кӯҳанбунёд будани тоҷикон аст. Ба ашки Сарез (кӯли азим дар Бадахшон) нисбат додани дили миллати тоҷик, киноя аз халқи дилсӯзу меҳрубон ва саховатпеша будани ӯст.

Дар байтҳои минбаъдаи ғазал шоир аз дарёи Зарафшону шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ёдовар мешавад. Иброз медорад, ки Зарафшони ман дар Самарқанд мусофир аст. Зеро имрӯз шаҳри мазкур дар марзи кишвари дигар мебошад. Шоир дар робита ба ин вазъи таърихӣ Бухороро «муҳоҷирдостон» меномад:

*Зарафшонам мусофир дар Самарқанд,*

*Бухороям муҳоҷирдостон аст* [20, 50].

Ҳамин тариқ, дар ғазали мавриди назар, ки мазмуни нақлӣ дораду бо роҳи тааққул эҷод шудааст, шоир аз Бадахшону Балх, Шамси Табрезиву Мавлоно ва Бохтар ёдовар шуда, фикри худро чунин ҷамъбаст мекунад:

*Ҳамин як Тоҷикистон ишқ ҳастам,*

*Ки ёде аз ҷаҳоноростон аст* [20, 50].

Шеъри шашуми силсилаи мазкур низ дар жанри ғазал суруда шуда, бунёди он бар санъатҳои истиора ва талмеҳ аст. Ба матлаи ғазал мутаваҷҷеҳ мешавем:

*Хуршед Ватан дорад дар хонаи чашмонам,*

*Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам* [20,51].

Ногуфта намонад, ки дар ғазали мавриди назари мо ҷанбаҳои тахайюл ва тааққул бо ҳам омезиш ёфта, муҳтавои нақлии онро ба миён овардаанд. Унсурҳои ғиноӣ ва ҳамосавӣ ҷо-ҷо ба ҳам тазвиҷ шудаанд. Агар дар матлаи ғазал ба кишвари офтобӣ будани Ватани мо ишора шуда бошад, дар байти дуюм ба диёри обҳову сарзамини кӯҳсорони пур аз ганҷ будани он далолат мекунад:

*Ман рӯди Зарафшонам, ман ризқи парешонам,*

*Ман кӯҳи Бадахшонам, ман ганҷи фаровонам* [20, 51].

Дар байти баъдина ифодаи «дар хок фурӯ рафтан» киноя аз вайрониҳои ин марзу бум дар дарозои таърих ва «бар моҳ вузӯ рафтан»-аш киноя аз ободониҳои он аст:

*Дар хок фурӯ рафтам, бар моҳ вузӯ рафтам,*

*Як нима ба айвонам, як нима ба кайвонам* [20, 51].

Ифодаҳои як «нима ба айвон» ва «як нима ба кайвон» таъкиди ҳамин вайрониҳои гузаштаву ободиҳои имрӯзаи кишвари мост. Образи лирикии ин ғазал Тоҷикистон аст, ки аз Зарафшону Бадахшон, аз хитаи Хатлону Вахшонзамин ва Хуҷанду дигар минтақаҳо таркиб ёфтааст:

*Ман хитаи Хатлонам, ман хоки азизонам,*

*Анвори дурахшонам, дар синаи Вахшонам* [20,51].

Ба қавли шоир ва муҳаққиқи тоҷик Аскар Ҳаким: «Сабақи таърих ахлоқию маънавист, бинобар ҳамин, ҳангоми ёфтани калид ба махзани таърих он ба эҳтиёҷи рӯз, ба эҳтиёҷоти муҳимми рӯз бармехӯрад» [109, 9].

Воқеан, шоир Озарахш аз сабақҳои ахлоқию маънавии таърих баҳравар шудааст. Дарки таърихии ӯ боиси он гардидааст, ки бо истифода аз санъатҳои бадеӣ, аз он ҷумла талмеҳ кор гирифта, на танҳо бо ривоёти асотирӣ маҳдуд шавад, балки таърихи воқеии қаламрави моро бо марзу буми дирӯзу имрӯзаш ба риштаи тасвир кашад. Дар байтҳои охири ғазал аз мурдаи Сухробу Рустами Достон, аз Эрону Тӯрон, аз руҳи саргардони Сиёвуш, аз пири ғарибафтодаи Хуҷанд (Хоҷа Камол) ва Самарқанду Бухорои ба яғморафта бо эҳсоси отифӣ ёдовар шуда, ғазали худро чунин ҷамъбаст намудааст:

*Механдаму мегирям, мегиряму механдам,*

*Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам...* [20, 51].

Шеъри ҳафтуми силсилаи «Ватаннома» аз лиҳози қофиябандӣ ба маснавӣ шабоҳат дошта, дорои ритму оҳанги мутантан аст. Шоир Ватанро мухотаби худ қарор дода, онро «сарзамини баҳорофарин» арзёбӣ мекунад, аз он эҳсоси суруру шодмонӣ мекунад, ки дар охири қарни бистум тоҷикон ба туфайли Истиқлоли давлатӣ аз нав соҳиби тахту тоҷ ва давлати мустақил шуданд:

*Ватан! Сарзамини баҳорофарин,*

*Дили бехазони туро офарин!*

*Ки дар охири қарни бистум зи нав,*

*Ба гӯши замони навонавшунав;*

*Зи ҳар сӯ садои саодат расид,*

*Ба тоҷик дигарбора давлат расид* [20, 52].

Шеъри ҳаштуми силсила, ки мавриди назари мост, дар шакли чаҳорпора суруда шуда, пас аз ҳар банд нақарот омадааст. Лозим ба тазаккур аст, ки шоир дар ин шеър бештар санъатҳои маҷозу кинояро мавриди истифодаи худ қарор дода, ба тасвиргароӣ низ майл кардааст:

*Чашмасорон чашмасорӣ ёфтанд,*

*Обшорон обшорӣ ёфтанд.*

*Кӯҳҳо дар домани хуршедҳо*

*Тахтдорӣ, тоҷдорӣ ёфтанд* [20, 53].

Нақароти шеър аз шиор таркиб ёфтааст, ки дар он таъсири устоди нотакрор Лоиқ Шералӣ (аз он ҷумла, ғазали «Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!») эҳсос мешавад:

*Ин муҳаббат, ин саодат зинда бод!*

*Субҳи истиқлоли миллат зинда бод!* [20, 53]

Дар мисраъҳои сеюму чоруми банди дуюм Озарахш ба шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме»-и устод Рӯдакӣ татаббуъ намудааст:

*«Бӯи ҷӯи Мӯлиён» омад ба ёд,*

*«Ёди ёри меҳрубон»-ам шод шуд* [20, 53].

Рӯ ба китоби «Тоҷикон»-и Қаҳрамони Тоҷикистон-академик Бобоҷон Ғафуров овардани халқи тоҷик ва доир гардидани анҷуманҳои ҳамасолаи тоҷикони дунё дар кишварамон Озарахшро ба илҳом овардааст:

*Халқи тоҷик «Тоҷикон»-ро боз хонд,*

*Қиссаи озодагонро боз хонд.*

*Тоҷикистон боз кард оғӯши худ,*

*Тоҷикони ҳар маконро боз хонд* [20, 53].

Дар ҳамин байт санъати киноя дар вожаи «озодагон» мавриди корбурд қарор гирифтааст, ки он ишора ба насли ориёӣ будани миллати мост. Шоир калимаи «боз»-ро таҷнис кардааст. Ин калима дар мисраъҳои якум ва дуюми байти фавқ ба маънои «такрори амал» омада, дар мисраи сеюм, ба маънои «кушодан» ва дар мисраи чорум, ба маънои «даъват кардан» истеъмол шудааст.

Шеъри нуҳуми силсилаи мавриди назар низ чун шеърҳои пеш аз ин таҳқиқшуда дар шакли маснавӣ ва бо ҳамон зарбу оҳанг эҷод гардидааст. Дар ин шеър низ мухотаби шоир «Ватан» аст, ки вай барои шоир ва умуман, ҳамаи сокинон ҳукми модарӣ дораду ранҷҳои зиёди таърихро бо сабру қаноат паси сар намудааст:

*Ватан! Модари ранҷпарвардаам,*

*Ба сабру қаноат саровардаам* [20, 54].

Дар байтҳои минбаъда шоир мусибатҳову мушкилоти ба сари Ватан омадаро ёдовар шуда, ба ҷанги таҳмилии солҳои 90-уми қарни сипаришуда ишорат мекунад, ки ин абёт ба худ тобиши нақлӣ ва оҳанги публитсистӣ мегиранд:

*Бародар ба ҷанги бародар бихост,*

*Писар зидди омоли модар бихост.*

*Гиребони панди падар баргирифт,*

*Замину замонаш зи хун даргирифт.*

*Худо донаду бас фиғони туро,*

*Аламҳову дарди ниҳони туро...* [20, 54]

Шеъри даҳуми силсила дар жанри ғазал суруда шуда, аз шаш байт иборат аст. Ин ғазал низ чун шеъри нуҳум ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, аз бардошту таассуроти Озарахш аз ҳаводиси риққатангез ва масоиби солҳои 90-ум рӯйи қоғаз омадааст. Шоир на танҳо манзараҳои дилгиркунанда ва вазъияти муташанниҷро ривоят мекунад, балки мушоҳидаи шоиронаи худро бо роҳи ҳисомезӣ дар либоси маҷоз намоиш медиҳад. Ҳамон манзараҳои ҳузнангез чунин ифода ёфтаанд:

*Мечакад хуни хазон аз шохсорони Ватан,*

*Дар азои сабзазорони баҳорони Ватан.*

*Чашмаҳо чун чашмҳои модарон хушкидаанд.*

*Ашкрезон аз қафои обшорони Ватан* [20, 55].

«Дар азои сабзазорони Ватан» «чакидани хуни хазон аз шохсорони Ватан» ва «чун чашмҳои модарон хушкидани чашмаҳо» кинояи аз хунрезиҳои ноҳақи

ҳамон солҳост, ки манозири пур аз масоиби Ватанро бозгӯ мекунад. Шоир дар ин маврид мушоҳиди бетараф нест. Ӯ аз ҳар ҷузъиёт хулосаи шоирона мебарорад ва бо саноеъи бадеӣ онро нақл мекунад. Дар абёти минбаъда низ робита бо ҳамдардии табиатро ба мӯсафедону мардикорон ва пахтакорон ба қалам медиҳад:

*Кӯҳсорон мӯсафедони писаргумкардаанд,*

*Ғайри ҳасрат нест бори кӯҳсорони Ватан.*

*Ҳеҷ бозорӣ намехоҳад, ки арзонтар кунад*

*Қиммати бозорро ҷуз мардикорони Ватан.*

*Пахтазорон сӯхтанд аз ҳасрати оне, ки нест*

*Қатраи обе ба ҳалқи пахтакорони Ватан* [20, 55].

Шоир ба ҳамин васила манзараи ҷанги таҳмилӣ ва касодии иқтисодиёту бекориро дар ғазал матраҳ намудааст. Ватани ғурбатзадаи солҳои зикршуда дар мақтаи ғазали мавриди назар чунин тасвир шудааст:

*Дар Ватан ҳам ғурбату дур аз Ватан ҳам ғурбат аст,*

*Гуфт бо чашмони гирён абри борони Ватан...* [20, 55]

Бояд гуфт, ки шеъри ёздаҳуми силсилаи «Ватаннома»-и Озарахш низ дар жанри суннатии ғазал эҷод шуда, он низ чун ғазали фавқуззикр ҳузнангезу риққатовар аст. Агар дар ғазали даҳум шоир манзараи Тоҷикистони ҷангзадаро тасвир карда бошад, дар ин ғазал ҳоли зору дили абгори муҳоҷирини кории тоҷикро ба риштаи назм кашидааст. Нидои дардолуд ва риққатовари «э вой, э вой» ба касрат такрор шуда, ҳисси тараҳҳум ва ҳамдарди хонандаро бедор месозад. Аз ин лиҳоз, ғазал хеле муассир баромадааст:

*Рухсораҳо зард, э вой, э вой,*

*Аз хоку аз гард, э вой, э вой...*

*Сарсону раҳгум, дар мулки мардум*

*Қисмат раҳо кард, э вой, э вой...* [20, 56].

Воқеан, Озарахш дили ҳассос дорад ва ба азоби ҷисмонию азияти руҳии ҳамватанони худ бетараф буда наметавонад. Эҳсосоти отифии ӯ дар ашъори ватандӯстона ва умуман, иҷтимоияш мунъакис гаштааст. Тавре ки Юсуф

Акбаров қайд менамояд: «Шоири халқу миллат узви асосӣ ва рукни муҳимми ҷамъият, порае аз башарият аст ва ҳастии халқу ҷомеа ҳастии ӯст» [31, 15].

Озарахш шеъри дувоздаҳуми силсилаи «Ватаннома»-ро дар шакли қофиябандии маснавӣ эҷод намудааст. Чун давоми анъанаи шеърҳои дар ин шакл гуфтааш ӯ Ватанро мухотаби худ қарор додааст. Ногуфта намонад, ки чунин шеърҳои Озарахш бо ҳуруфи курсив нашр шудаанд, ки зоҳиран, ҳадафи эҷодии шоирро инъикос менамоянд:

*Ватан! Эй кӯҳистони паймони ман,*

*Сафочашмасорони имони ман* [20, 57].

Ин шеър давоми мантиқии ашъори дар ҳамин шакл сурудаи шоир буда, ҷанбаи таърихӣ тору пуди онро ташкил медиҳад. Шоир Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ёдовар мешавад, ки дар Қасри Арбоб доир гардида буду пас аз анҷоми он ба қувваҳои ба ҳам муқобил «оши оштӣ» дода шуд. Хулосаи шеър чунин аст:

*Ту тухми гули ҳамдилӣ коштӣ,*

*Сари ошу нон додаӣ оштӣ...* [20, 57].

Шеъри сездаҳуми силсилаи мавриди назар низ дар шакли маснавӣ суруда шуда, чун ҳалқа шеърҳои пеш аз худ ва баъд аз худ омадаро ба ҳам мепайвандад. Шоир бо мақсади тақвияти композитсияи силсилаи шеърҳои «Ватаннома» ба чунин иқдом даст задааст. Дар чор мисраи охири шеър чун хулоса образи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассум ёфтааст. Шоир ба Ватан чунин хитоб мекунад:

*Ту додӣ ба миллат накӯ сарваре,*

*Халоиқшиносе, ватанпарваре.*

*Ба шоду ғами мардумон ҳамнаво,*

*Ба хурду калон раҳбару пешво!...* [20, 58].

Шеъри баъдина дар жанри ғазал суруда шуда, аз лиҳози радиф ва қофиябандӣ ба шеъри даҳуми силсила шабоҳат дорад. Аммо фарқи миёни ин ғазалҳо дар он аст, ки мисраъҳои ғазали аввала ҳар кадоме чоррукнӣ буда,

мисраъҳои ғазали зерин, ки мавриди таҳқиқи мо қарор дорад, ҳар кадоме серукнӣ мебошад. Яъне, Озарахш бо роҳи костани рукни ғазали аввала ғазали дигаре эҷод намудааст:

*Гард будам, гарди домони Ватан,*

*Об хӯрдам, оби борони Ватан.*

*Нӯш кардам, ҳар чӣ нӯшам дода буд,*

*Неш чидам аз тану ҷони Ватан* [20, 59].

Дар ин ғазал инкисору аҷз ва самимияту эҳсоси отифии шоир бо роҳи ҳисомезӣ ифода ёфтааст. Гарди домони Ватан будан, нешҳоро аз тану ҷони он чидан, сангҳояшро бародар хондан, хорҳояшро ба миҷгон бурдан, мурғу моҳиро ситоиш кардан ба ҳамин васила бозтоби бадеии худро ёфтаанд. Шоир зимни ибрози андеша ва тафаккури хеш аз Самарқанду Бухорою Зарафшон, аз Душанбею Варзоб ва аз Хатлону Бадахшон ва Суғд барин мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва дарёҳову минтақаҳо ёдовар мешавад ва дар мақтаи ғазал ба шеъри машҳури устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ишора мекунад:

*Тоҷикистон «шод бошу дер зӣ!»*

*Гуфтам аз номи ниёгони Ватан!* [20, 59].

Озарахш шеъри понздаҳумро низ дар жанри ғазал офаридааст, аммо он аз чор байт таркиб ёфтааст. Бунёди ин ғазал бар санъати маҷоз буда, дар он тахайюл бар тааққул ғолиб омадааст. Шоир ин ғазали шиоргунаро дар қолаби нисбатан маҳдуд эҷод намуда, онро чунин ҷамъбаст намудааст:

*Сабз аст то Бухоро аз гиряи Зарафшон,*

*Дар домани Душанбе Варзоб зинда бошад!* [20, 60].

Ғазали шонздаҳуми силсилаи «Ватаннома» ба санъати киноя ва талмеҳ бунёд ёфта, хаёли шоиронаи Озарахш марзҳоро убур кардааст:

*Як Бухоро ташна мондам, як Зарафшон об деҳ,*

*Як Душанбе ошиқам, як нозанин Варзоб деҳ!* [20, 61].

Баъзан, шоир хаёлан рӯ ба Бадахшону Балх ва Бағдоду Самарқанду Хуросон ва Табрезу Шероз меоварад. Аз Мавлоно Шамси Табрезӣ, Ҷоми Ҷамшеду Наврӯзу шароби ноби Шероз ва оқибат аз Рустаму Суҳроб ёдовар

мешавад. Истифодаи анбӯҳи кинояҳо муҳтавои ғазалро дучори баёни интизоӣ кардааст.

Бунёди шеъри ҳабдаҳуми силсилаи мавриди назари мо, ки дар жанри ғазал офарида шудааст, бар санъати тазод аст. Аз матлаъ то мақтаи онро тазоди рӯзгору мухолифати ақидаҳо, гуногунии андешаву ихтилофи назарҳо инъикос менамояд. Матлаи ғазал чунин аст:

*Ватан! Афсонапардозе туро афсона мехонад,*

*Ҳақиқатхонаосоре ҳақиқатхона мехонад* [20, 62].

Дар нигоҳи шоир, Ватан ба афсонае шабеҳ аст, ки дар он фарзандони гуногунақидаву мухталифният ба воя мерасанд. Онҳо ба модари худ аз равзанаи ягона назар намекунанд. Ба гуфтаи мардумӣ: «Дар як полиз харбузаҳои ҳархела мерӯянд». Бо вуҷуди ин ҳама камиву костиҳо, Ватан ягонаву бебадал аст, ки ин ақида дар мақтаи ғазал чунин ҷамъбаст шудааст:

*Ту, аммо, бо ҳама як модар астӣ, як Ватан ҳастӣ,*

*Ки ҳар чӣ ояд аз фарзандҳо, шукрона мехонад...* [20, 62].

Озарахш шеъри ҳаждаҳуми силсиларо низ дар жанри ғазал эҷод намудааст. Ин ғазал бо радифи «дигар» бунёд ёфтааст, ки ҳадафи шоирро ифода менамояд. Агар ба мантиқи радифу қофияҳо дақиқ назар андозем, мақсади шоир бармало тазоҳур меёбад. Ӯ ҳама «хонаву хони дигар,» «аҳду паймони дигар», «ёрони дигар», «ҷавонони дигар» ва «хиёбони дигар»-ро пеши назар оварда, ночизӣ ва беқадрии онҳоро дар назди Зарафшон ва Тоҷикистони ягона мантиқӣ собит месозад:

*Метавонӣ, ханда кардан, гиря кардан, зистан,*

*Ҳар куҷо, аммо намеёбӣ Зарафшони дигар.*

*Метавонӣ як каф аз хоки Ватан бо худ барӣ,*

*Нест аммо дар ду дунё Тоҷикистони дигар...* [20, 63].

Шеъри нуздаҳуми сисилаи мавриди назар, ба ситоиш ва тамҷиди муқаддасоти кишвар бахшида шуда, дар шакли маснавӣ эҷод шудааст. Ҳамоно чун анъана мухотаби шоир Ватан аст:

*Ватан! Эй муқаддастарин сарзамин,*

*Диёри азизони Ховарзамин* [20, 64].

Шоир дар васфи Парчами миллӣ чунин мегӯяд:

*Ба шаҳру деҳоташ парафшон шавад,*

*Ба се ранги зебо дурахшон шавад* [20, 64].

Баъдан ба тасвири Нишони миллӣ мепардозад:

*Нишонат-нишони чаманпарварон,*

*Шукуфон ба домони ҳафтахтарон* [20, 64].

Пас аз ин яшти миллат (Суруди миллӣ)-ро мавриди тасвири худ қарор додааст:

Наво хезад аз чашмасору зи рӯд,

Чунон яшти миллат, ба созу суруд [20, 64].

Шеъри бистум, ки анҷомбахши силсилаи «Ватаннома»-и Озарахш аст, дар шакли суруд эҷод шуда, дорои нақарот аст. Шеъри зерин аз се банд ва нақароти ягона таркиб ёфтааст, ки он пас аз ҳар банд айнан, такрор шудааст. Банди аввал бо нақароташ чунин аст:

*Гуфтамат «Ҷони ман»,-*

*«Они ман... они ман...»*

*Аз дили кӯҳу сангат расид, эй Ватан!*

*Ҳамчу обу гилат,*

*Аз гиёҳу гулат,*

*Номаи ному нангат расид, эй Ватан!*

*Эй Ватан, эй Ватан,*

*Марзи огози ман,*

*Ҳамсадо, ҳамнаво,*

*Шаҳди овози ман! [*20, 65].

Шоир ба Ватан муроҷиат карда, иброз медорад, ки дасти ман аз дасти навниҳоли бари домони сабзи ту растааст ва набзи ман чун чашмасори набзи ту метапад. Чунин тарзи ифода аз он дарак медиҳад, ки Озарахш худро чун ҷузъи

ҷудонопазири табиати Ватан эҳсос мекунад ва ба ҳамин васила ваҳдати фарзандони содиқро бо Ватан тасвир менамояд.

Дар банди охир шоир Ватанро барои худ давлати ивазнашаванда ва сарвати бебадал медонад, ки фарзандони ватандӯст ба нозу неъматҳои дигаре ниёзманд нестанд:

*Ман нахоҳам дигар аз ҷаҳон давлате,*

*Хонаву хишти ту-хонаву хишти ман!*

*Ман наҷӯям дигар аз замон сарвате,*

*Донаву кишти ту –донаву кишти ман!* [20, 66].

«Ватаннома»-и Озарахш ки шомили бист шеър аст, бо сабку услуби нигориш ва тарзи ифода дар адабиёти замони истиқлол падидаи тозаест. Ин силсилашеърҳо саршори эҳсосу тафаккур ва бардошти шоир аз қисмати Ватан буда, нигоҳи муаллифро ба дирӯзу имрӯзи кишвар инъикос мекунанд. Бо жанру услубҳои мухталиф эҷод шудани ин ашъори муассир ҷаззобияти онҳоро афзудааст. Мутмаинем, ки ин шеърҳо ба худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон такон мебахшанд.

### 1.3. Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри шоир

Толиб Карими Озарахш шоирест, ки дар сурудани ашъор дар ситоиши диёр ҳунари шоирии хешро мавриди корбурд қарор медиҳад. Дар як қатор ашъори дар мавзуи зикршуда сурудаи шоир баёни интизоӣ (абстракт) бо баёни мушаххас тазвиҷ мешавад. Агар аз бандҳои аввали чаҳорпораҳои Озарахш хонанда ба матлаби шоир чандон пай набарад, дар бандҳои минбаъда сароҳатан, ба ҳадафи шоир пай хоҳад бурд. Ифтихори ватандорӣ, ки аз тасвири зодгоҳ сарчашма мегирад, аз мавзуотест, ки онро қариб ҳамаи шоирон пайгирӣ кардаанд ва ин мавзуъро бисёре аз онҳо бидуни баёни интизоӣ ифода намудаанд. Аммо Озарахш то ҷое аз чунин шеваи баён худдорӣ кардааст. Барои тақвияти ин андешаи худ шеъри «Ман аз сулолаи дарёям»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Банди аввали ин шеър аз чор мисраъ таркиб ёфта, баёни интизоист ва андешаи шоир ба тариқи essential мармуз ифода ёфтааст:

*Ман аз диёри чароғонам,*

*Ки дар иҳотаи зулматҳо*

*Ба роҳи субҳ назар дорад;*

*Ба роҳи субҳи саодатҳо* [15, 12].

Дар бандҳои дуюму сеюм, ки яке аз шаш мисраъ ва дигаре аз панҷ мисраъ таркиб ёфтаанд, матлаби иҷтимоии шоир равшан мешавад ва хонанда бе мушкилӣ дарк мекунад, ки он «диёри чароғон»-и тасвиркардаи шоир Тоҷикистон аст, ки чашм «ба роҳи субҳи саодат» дорад. Зулматҳое, ки ин диёри чароғонро иҳота кардаанд, соярӯшан ва тирагиҳои таъриханд. Он чароғон фарзандони бузурги миллат, амсоли Камоли Хуҷандӣ ва Абуалӣ ибни Синоянд, ки замири башариятро бо илму фарҳанг ва шеъру сухани худ равшан кардаанд:

*Ман аз билоди бузургонам,*

*Ки дарди ишқ чу варзиданд,*

*Ба мулки хеш нағунҷиданд*

*Ва чун Камолу Абӯ Сино*

*Зи шаҳри ёр ҷудо гаштанд,*

*Гирифта домани ғурбатҳо.*

*Ман аз замини азизонам,*

*Ки ҷумла фозилону фарзонаш*

*Мисоли оби дари хона*

*Ғариби кишвари худ ҳастанд,*

*Азизи кишвари бегона...* [15, 12-13].

Шоир дар банди сеюми шеъри фавқуззикр мақоли мардумии «Оби дари хона тира»-ро бо тақозои вазни шеър ба таври фишурда ёдовар шудааст. Дар бандҳои панҷуму шашум, ки чун байтҳои дар боло зикршуда яке аз шаш мисраъ ва дигаре аз панҷ мисраъ иборатанд, шоир аз баёни мушаххас даст кашида, боз ба баёни интизоӣ руҷуъ кардааст:

*Ман аз сулолаи дарёям,*

*Ки дар лабони хамӯши ӯ*

*Ҳазор замзама пинҳон аст.*

*Ман аз қабилаи хуршедам,*

*Ки хандаҳои зиёбораш*

*Пур аз таронаи борон аст.*

*Ман аз наҷоди кӯҳистонам,*

*Ки шоирони ғазалхонаш*

*Ба санги гӯри шаҳидонаш*

*Навиштаанд чакомакҳо,*

*Чакомаҳо зи муҳаббатҳо...* [15, 13].

Шоир бо корбурди ифодаҳои «Ман аз сулолаи дарёям» ва «ман аз қабилаи хуршедам» ба ҳирфаи шоирии худ ишора мекунад. Зеро шоирони асил бо ашъори тару тозаи хеш занги дилҳоро мешӯянд ва чун хуршед дили хонандагонро ба зиндагӣ ва кору фаъолият гарм мекунанд, ки ин рисолати онҳост. Ба санги гӯри шаҳидон навиштани катибаҳо аз тарафи шоирони кӯҳистонӣ расми дерина буда, шоир бо баёни ин матлаб зодаи кӯҳистон будани худро таъкид намудааст.

Тобишҳои ичтимоӣ дар силсилаи шеърҳои «Аз чашмасор омадам» хеле равшананд. Ин силсила, ки мо интихобан шеъри «Ман аз сулолаи дарёям»-ро аз таркиби он таҳлил намудем, аз 42 шеър иборат аст ва бо шеъри «Дуои сафар» оғоз меёбад. Ин ақида маъмул аст, ки меҳри Ватан аз меҳри зодгоҳи суханвар сарчашма мегирад ва суханваре, ки зодгоҳи худро дӯст намедорад, Ватанашро дӯст дошта наметавонад. Тараннуми зодгоҳ аз мавзуоти маъмули адабиёти муосири тоҷик аст.

Озарахш дар шеъри зикршуда, ки шеъри озод аст, дилбастагӣ ва эҳсоси отифии худро ба зодгоҳаш деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ шоирона ифода кардааст:

*Ин садои нафаси бедорист,*
*ки дар ин торикӣ*
*сухани равшан гуфт,*
*Ба ҳавои тапиши соати девор, ки дар бевақтӣ*
*хабар аз рафтан гуфт.*
*Рост мегӯяд, рост...*
*Ҳамин лаҳза сафар бояд кард.*
*Вақти рафтан омад.*
*Бояд ин дам ба азизони мубораквазари Урметан*
*Равaму саҷда барам,*
*Ки бубахшед ба густохии ман,*
*Вақти гуфтан омад.*
*Бояд ин лаҳза ба побӯси дарахтон биравам,*
*Ба хабаргирии пирони баимон биравам,*
*Ки навозанд маро боз навои сабзе,*
*Ки бубахшанд маро боз дуои сабзе...* [15, 3].

Гирифтани дуо ҳангоми сафар аз одатҳои деринаи мардуми мост. Тибқи анъана мардум пеш аз сафар аз калонсолону одамони обрӯманд дуо мегиранд, то ин ки сафарашон бехатар гузарад ва ин амал суннат шудааст. Шоир ибораи

шоиронаи «дуои сабз»-ро беҳуда насохтааст. Зеро ба ақидаи мардумӣ «Одамӣ аз дуо месабзад», яъне ба мақсад мерасад ва камол меёбад.

Тобиши этнографии шеър ба тобиши иҷтимоии он махлут шуда, баъдан ба тасвири табиат мепечанд. Дар банди дуюми шеър хонанда хулоса мебарорад, ки сафари шоир ба фасли зимистон рост омадааст. Ибораи «Ниҳолони зимистонзадаи хоболуд», ки «ҳамсолон»-и шоиранд, ба ин матлаб мусоидат мекунад:

*Бояд ин дам ба ниҳолони зимистонзадаи хоболуд,*

*Гӯям, эй ҳамсолон,*

*Эй ки дар хоб таманнои баҳорон доред,*

*Ҳар чӣ доред, бубахшед маро,*

*Ба ман айёми шукуфтан омад* [15, 3].

Тасвири ҳамбастагии инсон ба табиат дар адабиёти тоҷик ва умуман, дар адабиёти ҷаҳон анъанаи пешқадам аст. Зеро худи инсон ҷузъи ҷудонопазири табиат буда, риштаи меҳр инсони ҳассосро бо табиат мепайвандад. Матлаби Озарахш дар банди охири шеър низ ифода ёфтааст, аммо ба таври мушаххас ҷамъбаст нашудааст:

*Бояд имшаб равам аз рӯди Зарафшон пурсам:*

*Ин садои нафаси бедорист,*

*ки дар ин торикӣ*

*Сухани равшан гуфт.*

*Ба ҳавои тапиши соати девор, ки дар бевақтӣ*

*Хабар аз рафтан гуфт.*

*Ё ки шеърест Худованд дар ин хомӯшӣ*

*Нарму оҳиста ба гӯши ман гуфт...* [15, 3].

Тавре ки хулосаи шеърро аз назар гузаронидем, матлаби шоир ҷамъбасти худро наёфтааст ва ӯ гузоштани аломати сенуқтаро дар охир ҷоиз донистааст. Зеро дар ин гуна шеърҳо, ки баёни мушаххас бо баёни интизоӣ тазвиҷ мешаванд, аксаран, ифодаи матлаб нотамом мемонад, ки чунин падидаро мо дар шеъри имрӯзаи форсизабонон бештар мушоҳида менамоем.

Тасвири зодгоҳ дар шеъри «Хотираҳои абрӣ»-и Озарахш шоирона ва ҳунармандона ифода ёфтааст. Шоир барои равшантар ифода намудани матлаби худ шеъри озодро интихоб намудааст. Зеро шикастани рукнҳо ва тул додани онҳо ба муфассалтар баён намудани матлаб мусоидат мекунад. Тасвири зодгоҳ, аз он ҷумла, боғи падар ҳунари шоирии Озарахшро дар ин қабил шеърҳо инъикос намудааст. Зеро ба қавли Нимо Юшиҷ: «Олитарин шеърҳо, чун мехоҳед ҷавҳари шеъри воқеиро дошта бошад, марбут ба ҷаҳони худи шоир аст» [133, 12].

Ҷаҳони ботинии Озарахш аз зодгоҳаш ибтидо меёбад. Зеро ин ҳодисаи табиист. Шоир бо зодгоҳи худ, бо чашмаву кӯҳсоронаш пайванди руҳонӣ дорад. Ӯ аз паси барги дарахтону шаҳри азим ва кӯҳи баланд ва аз паси хотираҳои абрӣ деҳаи боронӣ ва хуршедии худро мебинад. Азбаски шеъри «Хотираҳои боронӣ» сюжетист, шоир гуфтаҳои модару падар ва холаи Руҳафзоро нақл мекунад, ки онҳо рӯзи таваллуд шудани шоирро дар ёд доранд. Банди аввали ин шеъри озод чунин аст:

*Паси ин барги дарахтон,*
*Паси ин шаҳри азим, кӯҳи баланд,*
*Паси ин хотираҳои абрӣ деҳе ҳаст*
*Деҳи боронии ман.*
*Модарам гуфт: Дами зодани ту*
*Дилам аз чашмаи Пардӯши Тагоб*
*об мехост, вале*
*Ман туро ташна таваллуд кардам.*
*Падарам гуфт, ки аз чашмаи Пардӯши Тагоб*
*Об мехӯрдаму пайғоми туро овардананд.*
*Холаи Рӯҳафзо,*
*К-аз ҳама шебу фарози дунё огаҳ буд, гуфт:*
*Дар рӯзи таваллуд шуданат*
*Офтобу борон дӯст шуданд,*
*Офтобборон буд...* [15, 4-5].

Банди аввали шеър, чунонки дидем, дар назари аввал насргуна ҷилва мекунад, аммо ибораҳои шоиронаи «хотираҳои абрӣ», «деҳи боронӣ», «деҳи хуршедӣ», «чашмаи Пардӯши Тагоб» ва ифодаи ба ҷумла табдилёфтаи «дӯст шудани офтобу борон» шеърияти ин бандро таъмин намудаанд. Дар банди дуюм шоир матлаби аслии худро ошкор менамояд ва ҳамон ибораҳои шоиронаи дар боло зикршударо пайгирӣ мекунад:

*Мақсадам тарҷумаи ҳолам нест,*

*Сухан аз деҳаи хуршедии ман,*

*Сухан аз деҳаи боронии ман,*

*Сухан аз хотираҳои абрист* [15, 5].

Муваффақтарин шоир касест, ки ҳар ашёро бо чашми шоиронаи худ мебинад ва аз равзанаи нигоҳи хеш ба он баҳо медиҳад. Озарахш аз ин ҷумла истисно нест. Ӯ ба он коре надорад, ки дигарон ба деҳаи ӯ ба кадом чашм нигаристаанд ё ба он чӣ гуна баҳо додаанд:

*Шоире деҳи маро лонаи мурғон номид,*

*Шоире боғи биҳиштии Зарафшон.*

*Шоире гуфт ба таъбири дигар,*

*ҳарфи дигар, шеъри дигар.*

*Дар нигоҳи мани кӯдак*

*Деҳаам ҷойнамози падарамро мемонд.*

*Сабз дар домани кӯҳ*

*Онҷунон дилкаш буд,*

*Онҷунон зебо буд,*

*Чун гули сабзи бари домани модар, балки*

*Дарбеҳи пираҳани холаи Рӯҳафзо буд* [15, 5].

Ба “ҷойнамози сабзи падар” ва “гули сабзи бари домани модар” ташбеҳ додани деҳа тасвирҳои зебои шоиронаанд, аммо ба “дарбеҳи пираҳани холаи Рӯҳафзо” монанд кардани он ҳусни гуфтори шоирро костааст. Зеро худи дарбеҳ дар куҷое, ки бошад, қабоҳат дорад. Шояд дар нигоҳи кӯдаконаи шоир деҳааш

дар ҳамин сурат ҷилва карда бошад, аммо чунин тарзи тасвир ба ҳеҷ ваҷҳ, қобили қабул нест.

Дар ин шеъри сюжетнок образи холаи Рӯҳафзо мақоми марказиро касб кардааст. Ин зани одӣ, аммо донандаи асрори олам ба ҳама ғаму шодии мардум шарик аст. Либоси дарбеҳзада дар бар дорад, ба занҳои деҳа доягӣ мекунад, аз онҳо пайсае умедвор нест. Мурод ва мароми зиндагии худро дар хизмати ҳамдиёрон мебинад. Метавонад баъзе ҳодисаҳоро пешгӯӣ кунад:

*Холаи Рӯҳафзо гуфт:*

*Умри ту ба дунболи сафар мегузарад,*

*Хоҳ дар авҷи само,*

*Хоҳ дар рӯи замин,*

*Ҳар куҷое бошӣ, солим бош.*

*Лек боғи падаратро мабар аз ёд*

*Баҳори ту ҳамин асту мазори ту ҳамин...* [15, 5-12].

Тасвирҳои шоирона дар банди дигар тақвият ёфтаанд. Боғи баланди падари шоир пур аз сабзаву мева, пур аз хуршеду соя ва пур аз шева аст. Тасвири пур аз *шева* будани боғ шарҳталаб аст. Худи шоир ба имдоди хонанда мерасад ва ба оҳанги дарӣ хондани мурғакону бо сабки Хуросон (саҳеҳаш хуросонӣ - Ҷ. Ҷ. Ҷ.) ҷорӣ шудани ҷӯйборонро таъкид менамояд. Тасвири шоирона минбаъд тобиши интизоӣ мегирад, ки ин равиш ба хилофи гумони хонанда аст. Дар се мисраи аввали шеър боғи моддии падари шоир тасвир шудааст. Баъдан, дар алоқамандӣ ба он боғи маънавӣ низ ба риштаи тасвир кашида шудааст. Зеро Рӯдакивор ғазал хондани сафедор, хайёмнавоз будани ток, қиссаи Ҳофизу Саъдиву Камолиддинро дар пеши занбӯри асал хондани бодоми гулафшон, аз ғами Фирдавсии Тӯс ба шоҳу гадо қисса кардани шоҳтут ва самоъи мавлавивори зардолу далели ин таъкиди моянд. Тазвиҷи боғи моддиву маънавӣ ва эҷоди таъбирҳои шоирона баёни мушаххасро бо баёни интизоӣ ба осонӣ махлут кардааст:

*Падарам боғи баланде дорад:*

*Боғе пур аз сабза, аз мева,*

*Боғе пур аз хуршед, аз соя,*

*Боғе пур аз шева.*

*Мурғаконаш ҳама оҳанги дарӣ мехонанд,*

*Ҷӯйбораш ҳама бо сабки Хуросон ҷорист.*

*Ту шунидӣ, ки сафедори баланд*

*Рӯдакивор ғазал мехонад?*

*Ток Хайёмнавоз асту гулафшон бодом,*

*Қиссаи Ҳофизу Саъдиву Камолиддинро*

*Пеши занбӯри асал мехонад?*

*Шоҳтут аз ғами Фирдавсии Тӯс*

*Қисса бар шоҳу гадое дорад.*

*Маст дар роҳи сабо зардолу*

*Мавлавивор самоъе дорад* [15, 5-6].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин шеъри сюжетнок аз лиҳози банду баст ба манзумаи хурд шабоҳат дорад. Шоир дар банди дигар аз нав ба сухани холаи Рӯҳафзо руҷуъ мекунад:

*Холаи Рӯҳафзо гуфт:*

*Боғи падарат*

*мазраъи сабзи дуъост,*

*ки назаргоҳи Худост* [15, 6].

Баъдан, замони кӯдакиашро ёдовар мешавад, ки дар боғи моддӣ (воқеӣ)-и падараш китоби «Алифбо» мехонд. Пас аз мисраи аввали банд баёни мушаххас ҷои худро ба баёни интизоӣ (абстракт) медиҳад. Зеҳни шоир ба тасвири тахайюлӣ мекӯчад. Ӯ бо алафҳо «ғазалҳои дарахтон»-у «шеваи хору хасу нағмаи мурғон» ва «лаҳни ширини Зарафшон»-ро, ки бо «сабки Хуросон» аст, азёд карданашро ёдовар мешавад. Чунин шеваи тасвир шеъриятро афзуда, онро аз банди умумигӯӣ ва куҳнапардозӣ раҳо додааст:

*Ман дар ин боғ «Алифбо» хондам,*

*Ҳамраҳи обу алаф,*

*хат бо хат,*

*ҳарф ба ҳарф.*

*Кардам аз ёд ғазалҳои дарахтонашро,*

*Шеваи хору хасу нағмаи мурғонашро,*

*Лаҳни ширини Зарафшонашро,-*

*Сабки Хуросонашро!* [15, 6].

Шоир оғози шоирии худро аз боғи падар медонад. Ӯ таъкид менамояд, ки нахустин шеърҳояшро дар ҳамон ҷо эҷод намудааст. Зеро соядасти дарахтону сафедори баланду панҷаи току бодому шаҳтуту зардолу дар ҳамон боғи асливу маҷозии падар ба дафтари навқаламии шоир афтода, бо сояи дасти дуои падар ва дасти Худо, ки ризоияти ӯ дар ризоияти падар аст, ба шоир шудани Озарахш мусоидат намудаанд. Дар ин банди ҷамъбастӣ «ба дафтар афтодани сояҳо» баёни мушаххас буда, «соядастҳои онҳо», «сояи дасти дуо» (ба маънои иҷобат шудани он) ва «дасти Худо» баёни интизоии шоирона аст:

*Эй хуш он рӯз, ки дар дафтари ман*

*Сояи дасти дарахтон афтод,*

*Сояи дасти сафедори баланд,*

*Сояи панҷаи ток,*

*Соядасти бодом,*

*Соядасти шаҳтут,*

*зардолу,*

*Сояи дасти дуо*

*Дасти Худо!* [15, 6].

Шеъри дигаре, ки ба тавсифи зодгоҳи Озарахш ихтисос дорад, шеъри «Ниёз» мебошад. Ин шеър аз шаш банд иборат буда, бандҳои якуму шашум думисраӣ ва бандҳои дигар чормисраӣ мебошанд, ки дар шакли чаҳорпора суруда шудаанд. Дар банди аввал шоир азизҳои диёрашро, ки аз азизони Худоянд, мухотаб қарор дода, ба номи онҳо намози бомдод овардани худро ёдовар мешавад:

*Намоз оварам ин субҳидам ба номи шумо,*

*Азизҳои диёрам, азизҳои Худо!* [15, 17].

Дар банди дуюми шеър Озарахш аз дуои роҳи аз падар гирифтааш ёдовар мешавад, инчунин бо дили кашол аз бари модар ҷудо шуданашро бо эҳсоси мағшуш ба риштаи назм мекашад. Дар ин банд баёни матлаби шоир интизоӣ нест. Вуқуъгӯӣ ҷои тахайюли шоиронаро гирифтааст.

*Гузашт рӯзу шаби бешумор, к-аз падарам*

*Дуои роҳ гирифтам нахуст рӯзи сафар.*

*Бирафт соли маҳи бемисол аз сари ман,*

*Ки дилкашол ҷудо гаштам аз бари модар* [15, 17].

Бо ҳисси насталжӣ ёдовар шудани зодгоҳ дар адабиёти мо собиқаи дерина дорад, ки ба ин равия ҳанӯз устод Рӯдакӣ асос гузошта буд. Ба қавли шоири зиндаёд Гулназар: «Устод Рӯдакӣ шеъре, ба таъбири имрӯз, мушаххас эҷод кардааст, ки хонандаро ҷоду месозад:

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*

*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»* [126, 15].

Баъд аз устод Рӯдакӣ шоирони зиёде зодгоҳҳои худро дар ашъорашон бо меҳру самимият ва отифаҳои саршор тараннум кардаанд. Бархе аз суханварон тахаллусҳои шоиронаашонро аз зодгоҳҳояшон интихоб намудаанд. Дар адабиёти муосири мо тавсиф ва ситоиши зодгоҳ дар ашъори Мирзо Турсунзода (дар манзумаи «Водии Ҳисор»), Лоиқ Шералӣ (деҳаи Мазор), Бозор Собир (деҳаи Сӯфиён), Гулрухсор (деҳаи Яхч), Гулназар (деҳаи Дардар) ифода ёфтааст. Тавре ки дар шеъри «Хотираҳои абрӣ»-и Озарахш чунин мисраъ омадааст: «Шоире деҳи маро лонаи мурғон номид», Шоири халқии Тоҷикистон Қутбӣ Киром, ки ҳамдеҳаи Озарахш аст, шеъре дорад, ки бо чунин банд оғоз меёбад:

*Боғи паррандаҳои Урметан*

*Ҳамчу ишқе ба ёди ман боқист,*

*Нолаи чуғзу навҳаи қумрӣ*

*Чун ғаме дар ниҳоди ман боқист* [10, 170].

Озарахш низ ҳамин анъанаро пайравӣ карда бисёр шеърҳо сурудааст, ки ин равиши кори ӯ дар бандҳои минбаъдаи шеъри «Ниёз» бармало ба назар мерасад:

*Гузашт он чӣ ҳавас буду он чӣ қисмат буд,*

*Шикаст ҳар чӣ кӣ будаш насиб бишкастан.*

*Валек дар дили пазмони ман газанд наёфт*

*Хаёли обу ҳавову замини Урметан* [15, 17].

Озарахш бегазанд мондани меҳри зодгоҳашро таъкид намуда, дар мисраъҳои баъдина замони наврасии худро ёдовар мешавад ва зимни ин ёдоварӣ таронахониву зирачиниҳояшро дар мавзеи Тагоби деҳааш тасвир мекунад. Пеши назари гӯянда замони навқадиаш ҳувайдо мешавад, ки аз мавзеи зебои Ширабоғ рубобнавозон меомад:

*Ҳанӯз дар назарам наврасе тарона ба лаб,*

*Ки зира чида зи роҳи Тагоб меояд.*

*Ҳанӯз дар гузарам навқаде наво дар дил*

*Зи Ширабоғ ба дасташ рубоб меояд* [15, 17].

Тибқи одат мардуми кӯҳистон хирманҷоро дар мавзеъҳои шамолрав месозанд, ки ба бод додани хирман ҳангоми ҷудо кардани дона аз коҳ мусоидат кунад. Ҳамин ақида дар шеъри Озарахш низ мунъакис шудааст. Дар банди мавриди таҳлили мо ситораборон будани Ағбаи Мулло ва таронахониҳои бардавоми дарёи Зарафшон, ки аз поёни деҳаи Урметан (зодгоҳи Озарахш) ҷорӣ мешавад, сароҳатан тасвир ёфтааст:

*Ҳанӯз дар Сари Хирман шамоли дарёҳост,*

*Ҳанӯз Ағбаи Мулло ситораборон аст.*

*Ҳанӯз рӯди Зарафшон тарона мехонад,*

*Ки ҳар чӣ ҳаст ба олам, зи ёди ёрон аст...* [15, 17].

Озарахш дар охири шеър байти аввалро айнан такрор кардааст, ки он бо мақсади тақвияти таъкиди матлаб мавриди корбурди гӯянда қарор гирифтааст:

*Намоз оварам ин субҳидам ба номи шумо,*

*Азизҳои диёрам, азизҳои Худо!!!* [15, 17].

Ӯ дар ғазали дигар низ ба тавсифи боғҳои зодгоҳаш-Урметан руҷуъ кардааст. Вожаи «дарахтистон» аз кӯшишҳои калимасозии Озарахш дарак медиҳад, ки дар ин бора дар фасли забони шеъри ӯ муфассал ҳарф хоҳем зад. Шоир ба дарахтистони Урметан чун ба инсони зинда муроҷиат мекунад. Зеро онҳоро бо чашми шоирона мебинад. Дарахтон дар назари шоир чун инсонҳои заминӣ нафас мекашанд, баъзан аз пасту баландиҳои зиндагӣ ба ғалаён ва фишори хун мубтало мешаванд:

*Дарахтистони Урметан, фишори хунатон чанд аст?*

*Зи пастиву баландиҳо кӣ ғамгину кӣ хурсанд аст?* [19, 29].

Агар дар матлаи ғазал шоир чун табиб фишори хуни дарахтонро пурсида бошад, дар байти дуюм чун инсони хайрхоҳ онҳоро дуои нек мекунад:

*Сари болоятон аз барфу боронҳо амон бодо,*

*Тани хокиятон пеши чӣ савдои замон банд аст?* [19, 29].

Ин ғазал аз матлаъ то мақтаъ як мавзуъро фаро мегирад ва аз дарахтони Урметан суол ва ҳолпурсӣ кардани шоирро инъикос менамояд.

Озарахш дар шеъри «Маҳтобӣ» манзараҳои зебо ва нотакрори мавзеъҳои Сари Хирман, Билайлӣ, Кафтархона, Сарчашма ва Дашти Рахшини зодгоҳаш – деҳаи Урметанро самимона ва шоирона тасвир намудааст:

*Ҷӯйбори Сари Хирман бедор,*

*Боғу барзан бедор...*

*Садаи пири раҳи Билайлӣ*

*Мисли беди Маҷнун*

*Соя аз меваи тамкин дорад...*

*Мешавад синаи Кафтархона*

*Бурҷи Ахтархона...*

*Шир резад зи лаби кӯзаи маҳтоб имшаб*

*Рӯи дашти Рахшин...* [20, 26-27].

Чунин услуби тасвир дар адабиёти муосири рус дар ашъори Сергей Есенин бармало ба мушоҳида мерасад. Таъсирпазирии шуарои имрӯзи тоҷик аз тасвиргароиҳои ин шоири шаҳири рус ба касе пӯшида нест, ки Озарахш низ аз

ин ҷумла истисно набудааст. Муҳаққиқи тоҷик Абдунабӣ Сатторов дар пешгуфтори китоби С. Есенин «Гулафшон» чунин андешаро иброз доштааст: «Комилан табиист, ки осори Есенин барои шоирони ҷавон намунаи ибрат аст...» [8, 3].

Чунин таъсирпазириҳои Озарахш аз Сергей Есенин на танҳо дар ин шеър, балки дар ашъори қаблан баррасишудаи ӯ низ ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо шоҳид овардани банде аз шеъри шоири мазкури русро дар тарҷумаи Бозор Собир зарур медонем:

*Ҳавои Рус боронист,*

*Заминаш бӯи каҳ дорад.*

*Ман аз рӯзаш намегӯям,*

*Шабаш як пора маҳ дорад* [8, 15].

**Хулоса,** тасвири зодгоҳ аз мавзуъҳои марказии эҷодиёти Озарахш буда, ҳар гулу гиёҳ, долу дарахт ва хору хаси деҳаи Урметан барояш азизу муқаддас аст, ки шоир лаҳзае аз онҳо дил канда наметавонад. Онҳо бо зебоиву дилнишинӣ замони кӯдакиву наврасии шоирро хотиррасон мекунанд. Озарахш на танҳо боғу роғу мавзеъҳои зодгоҳашро, балки мардуми онро низ дар қатори падару модараш дӯст медорад, арҷгузорӣ мекунад ва аз онҳо дуо мегирад.

## 1.4. Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш

Зиндагии инсоният пур аз тазоду моҷарову хушвақтиҳост. Амалӣ шудани бисёре аз ин маъниҳо, аз як тараф ба инсон вобастагӣ надошта бошад, ба кору амали шоиста машғул шудан, аз роҳи ҳалол нон хӯрдан, дар фикри ободӣ будан, дар ҳаққи худу дигарон назари нек доштан, дар осоишу вазъи хуби иҷтимоӣ ба сар бурдан, муқобили аъмоли ношоиста ва афкори иҷтимоӣ будан ва садҳои дигар маҳз тавассути ибтикороти инсон имкони амалӣ шуданро дорад. Аммо ҷойи таассуф аст, ки маъниҳои фавқуззикр дар ҷомеаи имрӯза мавқеи худро оҳиста-оҳиста аз даст дода, ба ҷои онҳо дар бисёре аз кишварҳо мафҳумҳои муқобили онҳо доман густурда истодаанд. Махсусан, дар кишварҳои Ховари Миёна, Украина, Афғонистон, Ироқ, Африқо ва ғайра кайҳост, ки ба ҷои осоиш, сулҳу ҷанг, хушунат, бадбахтӣ ва куштор ҳукмфармост, ки ин падидаҳои номатлуб хеле нигаронкунанда мебошанд.

Озарахш чун фарзанди замони худ нисбат ба ин гирудорҳои зиндагӣ бетараф набуда, ба онҳо бо диди амиқи шоирона нигариста дар ин хусус шеърҳо, бавижа ғазалҳои ҷолибро манзур сохтааст, ки баррасии ҳамаҷонибаи чунин шеърҳо барои насли имрӯз аҳаммияти калон дорад.

Дар матлаи ғазали зайл шоир бо истифода аз бароати истеҳлол пешакӣ матлабашро ба хонандаи ҳушманди худ иброз дошта, ки умри инсон моломоли шодиву ғам аст. Ин ду мафҳум ҳамеша пайи ҳам ҳастанд. Дил, ки маркази дарку фаҳму эҳсоси ғаму шодии зиндагист, гоҳо бардоштани ин ҳар ду ба он гаронӣ мекунад. Шоир ба мухотаби худ «дил» панд медиҳад, ки дар ҳолати рангорангу тазодзои зиндагӣ дарҳамбарҳамӣ набошад:

*Девона машав, эй дил, ин умр ҳамин ранг аст,*

*Як лаҳза taнинаш шод, як лаҳза ғамоҳанг аст* [18, 34].

Биноан, ба таъкиди шоир беҳудонолӣ кардан даркор нест. Дар ҳоле ки «дар маҳкамаи сина» истода, чизеро тағйир кардан ғайри мумкин аст. Ҳамчунин, ба назари ӯ ҷаҳон паҳнои нопайдоканор дошта бошад ҳам, вале бо гирудораш «дар

чашми шахси соҳибхирад» маҳкамаи синаро мемонад, ки вай берун аз он буда наметавонад:

*Беҳуда чӣ менолӣ, аз маҳкамаи сина,*

*Дар дидаи равшанбин паҳнои ҷаҳон танг аст* [18, 34].

Ба назари шоир, шикасту рехт оини рақамшудаи ҷаҳон аст, ки қаҳрамони лирикии ӯ аз уҳдаи тағйири он баромада наметавонад. Аз ин рӯ, бо дарки он, ки «хавфи задани санг бар хонаи ойина» ҳамеша пайгир аст, бояд дар эҳтиёт буд. Дар маҷмуъ, манзури соҳибсухан эҳтиёти ҳаёт, зиндагӣ ва сайёраи сабз-замин мебошад, ки як навъ ҳушдор ба ҷомеаи башарист:

*Рӯзе, ки рақам карданд, ойини шикастанро,*

*Бар хонаи ойина хавфи задани санг аст* [18, 34].

Дар байти баъдӣ шоир бевосита ба мафҳуми инсон ва ҳайвон дахл карда, моҳияти ҳар якеро дар бастагӣ ба афъолашон таъкид мекунад. Афсӯс мехӯрад, ки ҳайвон бо он ки осоиш мехоҳад, ба мақоми инсонӣ мушарраф шуда наметавонад. Аммо инсоне, ки хостори амонӣ, осоиш нест ва пайгири даҳшатноктарин амал-ҷанг аст, бемуҳобо ба синфи ҳайвонот шомил аст. Пас, асли шарафу номус ва ҷавҳари инсонӣ дар рифоҳу осоиш ба сар бурдани худ ва дигарон будааст:

*Ҳайвон чу амонӣ хост, инсон нашавад афсӯс,*

*Одам бишавад ҳайвон мақсуд агар ҷанг аст* [18, 34].

Ҷангҷӯиву куштори инсонҳоро шоир дар баднафсиву ҷоҳталабӣ ва найрангбозиҳои иддае аз ҳайвонсифатон, ки танҳо сурати инсонӣ доранд, дидааст ва аъмоли ношоистаи онҳоро ба Қобилу Ҳобил талмеҳ кардааст, ки мазмуни он ба ҳамагон маълум аст:

*Қобил ҳамон Қобил, Ҳобил ҳамон Ҳобил,*

*Савдои зану зарро ҳар дам раҳи найранг аст* [18, 34].

Ба андешаи шоир, омадшуди дунё барои ҳамаи инсонҳо як зовияи дудара дорад. Агарчи замону макону фазову вақт, аслу насабу нажоду миллат, дину мазҳабу мактаб гуногун аст, вале омилҳое ҳастанд, ки инсониятро ба худшиносию муттаҳидӣ, аз ҷангу ҷидол дурбуданҳо, аз кину ҷоҳталабиву

хунрезӣ досткашиданҳо водор месозад ва ин ба назари шоир имон ба Худо мебошад, ки ҳамагон новобаста аз ҳар чиз дар ҳама ҳолат ӯро ёд мекунанд:

*Даргоҳи вафо яктост, имони Худо яктост,*

*Сад мазҳабу сад мактаб, бар хонаи фарҳанг аст* [18, 34].

Пас, агар чунин аст, шоир аз касоне, ки дидаву дониста, ба аъмоли ношоиста даст мезананд, суол карда, ки «ин тӯдаи зулмонӣ бо косаи шарбату киссаи пурбангашон аз халқ чӣ мехоҳанд?!» Дар ҳоле ки авомили фавқуззикр ҳаст:

*Ин тӯдаи зулмонӣ аз халқ чӣ мехоҳанд?*

*Дар косаашон шарбат, дар кисаашон банг аст* [18, 34].

Шоир таъкид мекунад, ки ин раванди номатлуб тоза набуда, қарнҳо боз болои халқи ҷаҳон таҳмил шуда меояд. Бинoан, аз ин нодидагирифтанҳо дониста ба ҷоҳафканданҳо шоир озурдахотир шуда, аз шеъру шоирӣ нангаш омадааст:

*Аз озару рахши мо уммеди чӣ пайвандест?*

*Ошиқ шуданам ор аст, шоир шуданам нанг аст* [18, 34].

Дар ғазали зерин низ маънии ғазали боло тақвият дода шудааст. Шоир бо истифода аз санъати таҷоҳули ориф ба хонандагони худ муроҷиат кардааст, ки аз гирудори зиндагӣ дилтангӣ дорам, ин ҳолатро медонед?! Сабаби падид омадани ин вазъиятро шоир ба мақоли «шишаву санг» донистааст, ки таъсири яке ба дигаре зарари ҷубронноназирро дар пай дошта метавонад ва ниҳоят дилгир аст:

*Дилогоҳон, дилогоҳон, дилам танг аст, медонед?*

*Ҳадисам аз мақоли шишаву санг аст, медонед?* [18, 110].

Нафасгирӣ омилест, ки инсон бе он буда наметавонад. Дар ин замона, ки моҷаро ва нобасомониҳои давр ҷони инсониятро шабу рӯз мекоҳонад ва аз ин хеле ба танг омадаем. Вале ин аҷиб, ки мо ба ин нафасгирии душвор одат кардаем:

*Нафасгирӣ чӣ душвор аст ҳангоми нафасгирӣ!*

*Ҳамин ҳангома бо ҷонам ҳамоҳанг аст, медонед?* [18, 110].

Аз дасти касоне, ки худро ҳамчун ғамхори мардуми сайёра муаррифӣ намуда, лекин дар паси парда корҳоеро ба анҷом мерасонанд, ки пур аз дасисаву найранг буда, боиси ҷангҳои пуршиддату беасос байни мардуми сайёра гаштаанд, ба танг меоянд. Шоир аъмоли ношоистаи чунин инсонҳоро хеле зебо бо санъати иштиқоқ, таҷнис ва маҷоз ба қалам додааст:

*Гурӯҳе дар найистони замона ранг мерезанд,*

*Най андар ранг чун омехт, найранг аст, медонед?* [18, 110].

Ба таъкиди шоир, онҳо байни худ оштии пур аз кина мекунанд, лек дар дилҳояшон доғ ҷойгир аст ва боз фитнаи дигаре дар пай дошта метавонад. Манзури шоир ин аст, ки инсоният бе ҷанг дар оштӣ бошад:

*Бисӯзад решаи он оштӣ, к-аз ҷанг бархезад!*

*Ҷаҳон бо ҷони ман дар оштиҷанг аст, медонед?* [18, 110].

Дар мисраъҳои баъдина шоир Чингиз ва рафторҳои ӯро пеши назар оварда гуфтааст, ки чашми вай ба ҷуз хунрезӣ, қатлу куштορҳо ва исёну вайронагӣ чизе беш дида натавонистааст. Темур бо пои лангаш мардуми зиёдеро, аз ҷумла донишмандон ва олимони замонаашро низ аз байн бурдааст ва бо ин ҷаҳонро дар ҳоли лангони худаш дидааст:

*Ба чашми танги Чингизӣ само хунрез метобад,*

*Ба пои ланги Темурӣ замин ланг аст, медонед?* [18, 110].

Баъд аз ин шоир ба хулосае омадааст, ки замин дар тули таърихи мавҷудияташ борҳо ҳолатҳои хунинро аз сар гузаронида, ҳазорон ҳазор инсонро дар дили худ ғунҷонидааст. Табиист, ки дар ин миён олимон, донишмандон низ шомиланд. Биноан, вай заминро «гӯристони фарҳанг» номидааст, ки чунин тарзи ифода дар шуарои дигар ба назар намерасад:

*Чӣ ҷои осмони тираи таърихи инсонӣ!*

*Замин як пора гӯристони фарҳанг аст, медонед?* [18, 110].

Дар мақтаъ, шоир сайёраи Зуҳраро ташхис намуда, онро ба садо кардан водор сохтааст, ки ҳоли дар замин будаҳо ба навои ҷангашон хуб нест. Ин матлабро ба таври зайл иброз доштааст:

*Садо ояд ба гӯшам, Озарахш, аз Зуҳраи чангӣ,*

*Навои чангатон дар чанги харчанг аст, медонед?* [18, 110].

Масъалаи дигаре, ки ҷомеаи башарӣ ба он беш аз ҳарвақта мувоҷеҳ аст, муҳоҷирати иҷтимоӣ ва сиёсист. Устод Озарахш ба ин масъала таваҷҷуҳ карда, бо ҳунари суханофаринии худ ҳамоно хонандаашро таълим ва тарбия дода, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳад.

Дар ғазали дигар, шоир нобасомониҳоро мушоҳида карда хостааст, лаҳзае аз шунидани хабари ҷангҳои хонумонсӯз худро канора гирад ва болидахотирона ба мутриб амр медиҳад, ки таронае зан, то каме ҳам бошад, худро хушҳол кунем, зеро аз ҷудоиҳо хаста шудаем. Ин бозиҳои сиёсӣ аз дасти носипосон сар зада, мардуми бечораро ба кӯчагардиву гадоӣ оварда расонидааст. Ин ҳол наслҳои наврасро аз илму фарҳанг дур кардааст. Биноан, мазлумон аз фиребу найрангҳои силоҳдорон канора ҷуста, аз вартаи муҳлик тавассути илму дониш бурун оянд. Ҳарчанд нотавонбинон панд аз ҷониби дӯстон мешунаванд, ин ҷангҳои беҳударо бас кунед, бо ёди Худо бошед, зеро шумо миллати худ, Ватанро бо ин рафторҳоятон нест сохта, аз байн мебаред, вале афсӯс ки суханҳои дӯстон ба гӯши онҳо намерасад:

*Ҳарчанд мерасад панд аз сӯи ёри дилбанд,*

*Эй одамон, шиносед оҳанги ҳамнидоӣ* [18, 225].

Дар ғазали дигараш Озарахш боз рӯ меорад ба ҳамон шахсоне, ки солҳои зиёд ба муҳоҷират рафтуомад намуда, зиндагиашонро аз буҳрони мушкилиҳо мебароранд. Ва ҳамин сабаб мешавад, ки аксари шахсоне, ки дар Ватани худ ҷои кори мувофиқ пайдо намекунанд, роҳ ҷониби муҳоҷират пеш мегиранд: мусофирон зи мулки хеш барои ба даст овардани қути лоямут ба дуриҳои дур аз Ватан сафар мекунанд:

*Мусофирон ба сафар меравванду меоянд,*

*Зи мулки ёр бадар меравванду меоянд* [18, 91].

Дар байти зайл шоир мухотабро ба тасвир ворид кардааст. Мақсад аз моҳи шаб ниманонест, ки мусофирон онро тӯшаи роҳ мекунанд ва сафарашон ба монанди рафтуои офтоби нурпош ва пурҷилост, ки меоянду мераванд. Ғарибон

барои ба даст овардани рӯзии хеш дари ҳазор хонаро мекӯбанд ва ба ёди хонаи хеш бармегарданд:

*Зи моҳи шаб лаби ноне гирифта зоди сафар,*

*Чу офтоби саҳар мераванду меоянд* [18, 91].

Ба андешаи шоир, Ватан барои ҳар ватандоре, ки чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар аст, азиз аст ва мусофирон ҳангоми сафар бо дуои падар мераванду меоянд:

*Ватан ҳамеша Ватан ҳаст бар ғарибу қариб,*

*Ба ин дуъои падар мераванду меоянд* [18, 91].

Шоир изтироби дили ҳассоси хешро дар тасвири нооромиҳои кишварҳои хориҷӣ пинҳон намедорад:

*Ҳодиса ашк мешавад, манзара гиря мекунад,*

*Фосила оҳ мекашад, хотира гиря мекунад* [18, 89].

Ӯ ба вазъи буғранҷи кишварҳои ҷангзада бетараф буданро салоҳ намедонад:

*Кишваракон ба сӯи ҳам тиру гулӯла мезананд,*

*Қалби замин даридааст, бефара гиря мекунад* [18, 89].

Аз ҳодисаҳое, ки дар Ироқ рӯй додааст, мардумаш аз хатари ин хунрезиҳо хаста шуда, гирёну нолон гаштаанд. Аврупо аз ин нобасомониҳо мотам гирифта, пайкараҳои ин минтақаҳо аз ин даҳшат ба гиря омадаанд:

*Чӯли Ироқ хастаҷон аз хатари самуми ҷанг,*

*Шаҳри Фаранг мотамӣ, пайкара гиря мекунад* [18, 89].

Сурия яке аз давлатҳое мебошад, ки аз ҷиҳати нафту газ бой аст. Нокасон дар ин мамолик ошӯб барпо карда, нафту газро бо хуни мардумаш омехта намуда, фазоро вайрон намудаанд ва ба ҳоли ин минтақа мусулмонону кофирон аз сӯзи дил гиря мекунанд:

*Обу ҳавои Суриё ғарқаи хуну нафт шуд,*

*Муъмину кофари бараш яксара гиря мекунад.* [18, 89].

Дар Шарқу Ғарб оташи хоки Украина аз ҷанг машҳур гардид, мардумаш руҳафтода гаштанд, рӯдҳову шаршараҳо ба хоку хун омехта шуданд. Шоир аз

худ пурсон мешавад, ки ин ҷаҳон аз ин мамлакатҳо чӣ мехоҳад ва кӣ ҳаст, ки ин офатҳоро ба по хезондааст, хонаи офиятхо куҷост, дар ҷаҳон киҳо кӯдакҳои хурдро куштанд, дар куҷое, ки дари хонаҳояшонро кӯбӣ, аз он ҷо овози гиря мешунавӣ:

*Хонаи офият куҷост, дар ҳама даҳр, Озарахш,*

*Панҷа ба дар, ки мезанӣ, панҷара гиря мекунад.* [18, 89].

Аз ин мисраъҳо бармеояд, ки шоир мардуми ҷаҳонро ба якдиливу сулҳу осоиш даъват намудааст. Албатта, он ҷангу кушторҳое, ки дар давлатҳои гуногуни зикршуда рух дода истодааст, бисёр нигаронкунанда буда, ҳамагонро ҳушдор медиҳад, ки аз ҷангу нобасомониҳо, аз қатлу кушторҳо даст кашанд ва ба сулҳу осоиш рӯ оранд. Мусаллам аст, ки ҷанг дар ҳама ҳолат ба инсон ва давлат хисороти зиёде мерасонад. Мо халқи тоҷик агар солҳои ҷанги шаҳрвандии Ватани худро дар пеши назар оварем, солҳое буданд, ки мардуми зиёд аз гуруснагиву беҳолӣ ва беадолатиҳо ҷони худро аз даст доданд. Оре, мардуми тоҷик, ки ин даҳшатро аз сар гузаронидааст, дарк мекунад, ки чунин ҷангҳо, чи мусибатҳое дар пай доранд.

Метавон хулоса кард, ки масоили мубрами ҷомеаи башарӣ аз нигоҳи шоирии Озарахш пинҳон намондааст. Ӯ, ки чун шоир дили ҳассос ва нигоҳи жарф дорад, ба ин масъалаи доғи рӯз бетарафӣ зоҳир накарда, бо истифода аз саноеи бадеӣ мушоҳидаҳои шоиронаашро рӯйи қоғаз овардааст ва мардуми оламро даъват кардааст, ки ба қадри обу хоки ин Сайёра бирасанд ва онро вайрону валангор не, балки ободу маъмур нигоҳ доранд.

# БОБИ II. АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР АШЪОРИ ОЗАРАХШ

## 2.1. Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри ӯ

Шеър бо мусиқӣ иртиботи қавӣ дорад. Аз ин рӯ, шеъру мусиқию оҳанг якҷоя ба вуҷуд меоянд. Ба шеър мусиқӣ бартарӣ ва хушӣ илқо мекунад. Шеъре, ки дар таркиби худ мусиқӣ надорад, ба дилҳо роҳ ёфта наметавонад, яъне он гӯшнавозу рӯҳафзо нест. Толиб Карим дар овони донишҷӯияш ба он масъала пай бурд, ки аз сарояндагони хуб шоирони хуб баромада метавонанд. Зеро ин ду ҳирфа ҳамдигарро такмил медиҳанд. Тибқи ривоятҳо Борбади Марвазӣ, ки дар навозандагиву овозхонӣ ягонаи замонаш буд, бисёре аз хусравониҳои сурудаашро шахсан, худаш эҷод кардааст. Падари шеъри форсии тоҷикӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бар замми шоири мумтоз буданаш муғаннӣ ва овозхони чирадаст буд, ки ҳамон шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-аш бас аст, то мо ба ин қазия итминон ҳосил кунем. Чунин суннат имрӯз ҳам идома дорад.

Мусиқӣ дар ашъори Озарахш, бавижа дар ғазалиёташ нақши калидӣ дорад. Ӯ бисёре аз ғазалиёти худро ба азми оҳангнок шуданашон меофарад, ки мо зимнан чанде аз онҳоро баррасӣ хоҳем кард. Ба андешаи Озарахш шеъру мусиқӣ пайванди азалӣ ва ҷовидонаро соҳибанд. Онҳо чун ҷон дар бадан ё тан бо ҷон арзи вуҷуд мекунанд. Масалан, ғазали зерин сар то по саршори мусиқии калимаҳост:

*Наврӯз дар сари сол андешаҳо шукуфта,*

*Ин боғ навда-навда то решаҳо шукуфта.*

*Аз остин бурун соз, эй Озарахш, дасте,*

*Хуршед панҷа-панҷа аз пешаҳо шукуфта* [20, 156].

Мавҷи мусиқии ин ғазал пеш аз ҳама, аз қофияву радиф ва анбӯҳи калимаҳои ҳамоҳанг, билохира аз такрори вожаҳо таркиб ёфтааст. Калимаҳои зебои «андешаҳо», «решаҳо», «гулбешаҳо», «тешаҳо», «шишаҳо» ва «пешаҳо» ҳамқофия буда, онҳо чун шаддамарҷоне ба риштаи зарини радифи «шукуфта», ки дар ин ғазал аз ибтидо то интиҳо ба маънои маҷозӣ истифода шудааст, ба

ҳам омада, мусиқии канории ғазалро созмон додаанд. Авҷи ин мусиқӣ дар такрори вожаҳои «навда-навда», «чашма-чашма» ва «панҷа - панҷа» тазоҳур ёфтааст, ки онҳо дар байни ғазал омадаанд. Баму зери мусиқии ин ғазалро вожаҳои зебо ва тозае амсоли «гулбешаҳо» ва «хорогул» хеле ҷаззоб кардаанд.

Истеъдоди фитрӣ ва ҳирфаи овозхонии Озарахш дар эҷоди ғазал ба мушоҳида мерасад. Ногуфта намонад, ки шоир дар эҷоди бархе аз ғазалиёташ аз маъно дида, ба мусиқӣ бештар диққат медиҳад. Дар ин ҳолат Озарахш пеши худ сараввал мақсад мегузорад. Аксар вақт чунин мақсадҳояш ё ба тавассути корбурди радифҳои тӯлонӣ, ё ба тавассути истифодаи васеъ аз санъати бадеии такрор амалӣ мешаванд. Ин ҷо ба пурраги шоҳид овардани ғазалеро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

*Рӯзу шабҳо гарм-гарму сард-сард,*

*Гирд гардад даври сарҳо, гард-гард*

*Дар миёни ин ҳама ҷамъу пареш*

*Озарахше шеърхонӣ кард, кард...* [20, 143].

Забоншиносони Эрон Меҳрони Муҳоҷир ва Муҳаммад Набавӣ андешаи ҷолиберо рӯи қоғаз овардаанд: «Мусиқии каломро аз дер боз аслитарин омили ҳастибахши шеър ба шумор овардаанд... Ба қавли Шафеии Кадканӣ «ба эътибори бахшидани оҳанг ва тавозун» ба калом ба он ташхис мебахшанд ва онро аз забони рӯзмарра мутамоиз мекунанд. Ин аносир иборатанд аз вазн, қофия, радиф ва ҳамоҳангиҳои савтӣ» [60, 167].

Агар аз нуқтаи назари вазн ба ин ғазал назар кунем, ҳар мисраи он ба се рукн тақсим мешавад, ки алъон онро тақтеъ мекунем:

*Рӯзу шабҳо/ гарм-гарму/ сард-сард,*

*Гирд гардад/ даври сарҳо/ гард-гард.*

Ин ғазал дар вазни 11-и ҳиҷоии рамал (мусаддаси маҳзуф)-ду бор фоилотун ва як бор фоилун эҷод шудааст. Лозим ба тазаккур аст, ки бо чунин вазн дар адабиёти классикӣ «Маснавии маънавӣ»– и Ҷалолиддини Балхӣ ва дар адабиёти муосир «Ҷони ширин»– и Мирзо Турсунзода барин асарҳо офарида шудаанд. Ёдовар мешавем, ки дар рукни охири ғазали Озарахш ба ҷои

«фоилун» «фоилон» гуфтан ҷоиз аст, зеро «сард» ва «гард» барин вожаҳои дар охир омада якунимҳиҷоӣ маҳсуб меёбанд. Ғазали мавриди назари мо мураддаф нест, аммо қофияҳои он мусиқии канории ин ғазалро ташаккул додаанд. Аз ҳама бештар такрори калимаҳо ба ҳамоҳангии савтӣ мусоидат кардаанд: «гарм-гарм», «сард- сард», «гард-гард», «сабз-сабз», «сурх-сурх», «зард-зард», «шод-шод», «дард-дард», «зан-зан», «мард-мард», «вард-вард», «ганҷ-ганҷ», «фард-фард» ва «кард, кард». Чунин усули такрор ва қофияоройӣ хоси худи Озарахш аст. Ӯ дӯст медорад, чунин тарзи бозӣ дорондани қофия ва такрори вожаҳоро, зеро ҳамин гуна падидаҳо дар ғазалиёташ беҳад фаровонанд. Агар аз лиҳози овошиносӣ ба ин ғазали Озарахш назар кунем, ба хулоса меоем, ки серистеъмолтарин ҳарфи садонок дар ғазали баррасишуда «а» ва серистеъмолтарин ҳамсадоҳо «р» ва «д» мебошанд, ки онҳо ларзиши овозро дар мусиқии канории ғазал хеле афзудаанд.

Озарахш чун шоири баркамол чи тавре ки қаблан зикр кардем, мусиқиро бе шеър ва шеърро бе мусиқӣ тасаввур карда наметавонад. Тавре ки аз суҳбаташ бармеояд, ӯ на танҳо дар шеъри суннатӣ, ҳатто дар шеъри сафед ҳам мусиқиро ҷузъи асосӣ меҳисобад. Мусиқии азалии калимаҳо шеъри сафедро хонданиву шуниданӣ мекунанд. Забони мо худ саршори мусиқист. Агар ашъори тоҷикиро ба забонҳои аврупоӣ тарҷума кунем, на танҳо радиф аз байн меравад, балки он мусиқии дилпазиру гӯшнавози тоҷиконаи худро аз даст медиҳад.

Озарахш на танҳо овозхони нозуктабиат, балки шоири ҳасос буда, мусиқиро на танҳо дар шеър, балки дар ҳамаи зарроти ашёи олам ба мушоҳида мегирад. Агар ҳамин қариҳаи фитриаш намебуд ӯ то ин дараҷа ба мусиқӣ, алалхусус, ба мусиқии шеър мутаваҷҷеҳ намешуд. Пораи ғазалеро ин ҷо иқтибос меорем, ки Озарахш ба мусиқии ҳамсадои «з» то кадом андоза таваҷҷуҳ зоҳир намудааст:

*Лаҳза омад, ҷовидон оғоз шуд,*

*Бекарон аз чашми як дам боз шуд.*

*Боз шеъри тоза меояд ба лаб,*

*Ишқи куҳна ба ғами нав соз шуд...*

*Бар дили хомӯшам овозат расид,*

*Боз хомӯшии ман овоз шуд...*

*Соати нозуктарин дармерасад,*

*Ноз кун, ҷонам, замони ноз шуд* [17, 94].

Дар ин ғазал ҳамсадои «з» 19 маротиба истифода шудааст. Яъне, Озарахш бештар вожаҳоеро мавриди корбурд қарор додааст, ки бо ҳамин ҳамсадо таркиб ёфтааанд ва чунин таҷрибаҳои эҷодӣ дар ғазалиёти шоир кам нестанд.

Озарахш дар бисёре аз ғазалиёти ошиқонааш кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки на танҳо қофияву радифу вазн, балки калимаҳои ҳамоҳанг низ ба мусиқии дохилии онҳо мусоидат кунанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳам шоир эҳтиёткорона амал мекунад, то ин ки маъноро қурбони шакл накунад. Дар ғазали ошиқонаи зерин, ки вазни чоррукнӣ дорад, ҳамин ҳолат рух додааст. Вазни ин ғазал мусиқии лангардор дорад:

*Рӯзе, ки аз рӯи гулат гулзорҳо пар-пар шуданд,*

*Уммедҳо фархундарӯ, пиндорҳо бовар шуданд* [20, 157].

Агар аз нуқтаи назари назмшиносӣ таҳлил кунем, ин ғазал дар баҳри раҷази мусаммани солим эҷод шуда, дар ҳар байт 8 маротиба мустафъилун омадааст, ки ҳар мисраъ аз 16 ҳиҷо таркиб ёфтааст. Намунаи тақтеи матлаи ғазал чунин аст:

*Рӯзе, ки аз/ рӯи гулат/ гулзорҳо/ пар-пар шуданд,*

*Уммедҳо/ фархундарӯ/ пиндорҳо/ бовар шуданд.*

Бо ин вазн дар адабиёти классикии форсу тоҷик бисёр ғазалиёти ошиқона суруда шудааст, ки машҳуртарини онҳо «Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва «Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад»-и Шайх Саъдии Шерозист. Дар интихоби вазни ғазалиёти ошиқона Озарахш аз таҷрибаи классикони мо баҳравар шудааст. Ӯ ба хубӣ дарк намудааст, ки мусиқии шеър аз вазн ибтидо меёбад.

Унсурҳои дигаре, ки мусиқии ин ғазали Озарахшро ташкил додаанд, қофия ва радиф мебошанд. Дар ғазали мавриди назар калимаи «шуданд» радиф буда, бо феъли замони гузаштаи наздики нақлии мутлақ ифода ёфтааст. Аз матлаъ то мақтаъ калимаҳои «пар-пар», «бовар», «дилбар» «шаккар», «пайкар», «музтар», «дигар» ва «дафтар» қофияҳои ғазалро созмон додаанд ва онро хушоҳанг кардаанд. Такрор шудани калима низ одатан ба мусиқии шеър мусоидат мекунад, ба шарте ки бемаврид набошад.

Дар «Девони ишқ»-и Озарахш мавзунтарин ва хушоҳангтарин ғазалиёташ фароҳам омадаанд. Дар ғазали мавриди назари мо, ки ошиқона аст, бар замми вазну қофияву радиф калимаҳои зиёде мавриди корбурди шоир қарор гирифтаанд, ки онҳо боиси эҷоди мусиқии дарунии ин ғазали зебо шудаанд. Вазни ин ғазалро чунин тақтеъ кардан ҷоиз аст:

*Аз сад за/мон замона/як шеър,/ як тарона*

*Оварда/ам нишона/ як шеър, /як тарона* [18, 219].

Вазни он чунин аст: мафъӯлу фоилотун ( - -V/ -V- -) ду бор дар ҳар мисраъ.

Дар ин ғазал шумораҳои миқдории нумеративии «як шеър», «як тарона» радиф буда, калимаҳои «замона» «нишона», «ягона», «шабона», «ошиқона», «дона», «тарона» ва «баҳона» ҳамқофияанд ва ҳамроҳи вазн мусиқии беруни ғазалро созмон додаанд. Мусиқии дарунии ин ғазал аз ҳисоби калимаҳои ҳамоҳанги «замон-ҷаҳон», «ҷаҳонтар-ҷавонтар», «тобиш-офтобиш», «нигине-пайвандофарине», «гул-дил», «ширинтарин-шевотарин», «навозиш-ниёиш», «меҳрномабахшӣ-Озарахшӣ» шакл гирифтааст.

Ногуфта намонад, ки Озарахш барои хушоҳангии ғазалиёташ ва гӯшнавоз шудани мусиқии онҳо аз суруду оҳангҳои мардумӣ фаровон истифода мебарад. Масалан:

*Гул дона-дона-дона, дил дона-дона-дона,*

*Чун гул чӣ дил, чӣ дона, як шеър, як тарона* [18, 219].

Дар ғазали мавриди назари мо ӯ мисрае аз суруди мардумиро хеле моҳирона истифода бурдааст, ки шакли мукаммали он чунин аст:

*Ало, гул дона-дона -дона,*

*Ёракум қаҳр кардай намёя хона.*

Худи Озарахш дар роҳи мусиқӣ шудани ашъораш, бавижа ғазалиёташ умре дар такопӯ ва ҷустуҷӯ буда, бештар вазнҳои равони рамалу раҷаз ва ҳазаҷро барои офаридани онҳо интихоб мекунад. Илова бар ин, дар интихоби радиф хеле эҷодкорона амал карда, ба радифҳои нисбатан мураккабу тулонӣ майл дорад. Зебоӣ ва мусиқоии ғазалиёташ дар он низ тазоҳур меёбад, ки ӯ дар интихоби калимаҳо низ хеле дақиқкорона амал мекунад. Аксар вақт калимаҳои нафис, корхӯрда ва латифро дар ғазал ба кор мегирад ва баъзан худаш бо роҳи морфологӣ калимаҳои мураккабе месозад, ки дар ин бобат дар фасли махсус андешаҳои худро иброз медорем.

Ин ҷо аз чунин ҷинс ғазали ошиқонае аз Озарахшро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки такрори вожаҳои маъмул, зарбу оҳанги калимаҳо ва радифи таркибӣ онро хеле хушоҳанг ва мусиқӣ кардаанд:

*Чашме ба чашме боз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!*

*Дил бо диле дамсоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!*

*Ақле ба ақле даст дод, руҳе ба руҳе рӯ ниҳод,*

*Ҷоне ба ҷоне соз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!* [18, 133].

Дар ин ғазал Озарахш аз ишқу алоқаи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба қофияоройӣ пайравӣ кардааст. Тарзи радифсозии Озарахш дар адабиёти муосири тоҷик падидаи тозаест, ки мо дар фасли радиф ба ин масъала муфассал мутаваҷҷеҳ мешавем. Бояд алъон ҳаминро тазаккур бидиҳем, ки дар ғазали мавриди назари мо радиф аз калимаҳои «шуд, ёрон, муборак бод ишқ!» таркиб ёфтааст. Чунин тарзи радифсозӣ дар ғазалиёти шоирони пешина ва замони мо ба нудрат вомехӯрад. Радифи мавриди назар аз феъли ёвари «шуд», исми ҷамъи «ёрон» (дар ин ҷо ба вазифаи мухотаб омадааст), феъли таркибии «муборак бод ишқ!» шакл гирифтааст. Калимаҳои хушоҳанги «боз», «дамсоз», «соз», «ҳамроз», «ноз» ва «оғоз» ҳамқофияанд.

Озарахш ба чунин вазни равону радифи таркибиву қофияҳои хушоҳанг қаноат накарда, мусиқии дарунии ғазалро аз ҳисоби калимаҳои ҳамоҳанг такмил додааст. Бар замми ин, аз санъати бадеии такрор моҳирона истифода

бурдааст. Ин санъат дар чунин шакл сурат гирифтааст: «чашме ба чашме», «дил бо диле», «ақле ба ақле», «рӯҳе ба руҳе», «ҷоне ба ҷоне». Инчунин, дар таркиби як байт омадани калимаҳои ҳамоҳанг ба бештар мусиқӣ шудани ғазал мусоидат кардаанд: «ҳавас-нафас», «булбул-гул», «нӯшҳо-оғӯшҳо», «ниёз-ноз», «зеботар-шайдотар». Давоми ин ғазали саршори мусиқӣ чунин аст:

*Дар боғи ҳастӣ бо ҳавас гулбӯса мебӯсад нафас,*

*Булбул ба гул ҳамроз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!*

*Ин нӯшҳо ширин шавад, оғӯшҳо ширин шавад,*

*Васли ниёзу ноз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!*

*Лайлои мо зеботар аст, Маҷнуни мо шайдотар аст,*

*Анҷомро оғоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!* [18, 133].

Чунин ғазалиёти хушоҳангу марғуб ва саршори мусиқии даруниву берунӣ, ки аз ҳисоби такрори вожаҳо, корбурди калимаҳои ҳамоҳанг ва қофияву радифҳои таркибӣ созмон ёфтаанд, дар эҷодиёти Толиб Карими Озарахш кам нестанд. Таҷрибаҳои пайгиронаи аз оҳангсозиву овозхонӣ андӯхтааш сабабгори он шудаанд, ки ин шоири соҳибзавқ ғазалиёти саршори мусиқӣ офарад. Яке аз сабабҳои писанди сароянддагону оҳангсозон ва мухлисону хонандагон шудани ғазалиёту ашъори ӯ ҳамин аст.

Хулоса, Толиб Карими Озарахш ҳам истеъдоди фитрии овозхониву мусиқишиносӣ ва ҳам истеъдоди баланди шоирӣ дошта, ин ду истеъдод дар коргоҳи эҷодии ӯ ба ҳам тазвиҷ шудаанд ва яке дигареро мукаммалтар мекунад. Шоир дар кулли ашёи олам мусиқиро эҳсос мекунад ва онро ба риштаи назм мекашад. Ӯ чунин суннатҳоро аз устодони классики мо Абуабдуллоҳи Рӯдакиву Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Хоҷа Ҳофиз омӯхтааст ва пайваста онҳоро сайқал медиҳад. Шеъру ғазалиёти Озарахш саршори мусиқии даруниву канорӣ буда, аз ҳисоби калимаҳои ҳамоҳангу вазнҳои равон ва қофияҳои дилангезу радифҳои таркибӣ созмон ёфтаанд.

## 2.2. Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш

Толиб Карими Озарахш дар адабиёти муосири тоҷик на танҳо чун шоири ошиқпеша, инчунин чун шоири иҷтимоъгаро низ мақоми вижа дорад. Тобишҳои иҷтимоии ашъори ӯ ба рангу маъниҳои гуногун ҷилва мекунанд. Иҷтимоишавии худи шоир дар ҷомеаи мо ба таври сода сурат гирифтааст. Ӯ фарзанди ҳамин замон, ҳамин обу гил, ҳамин марзу бум ва билохира, ҳамин сайёра будани худро фаромӯш намекунад. Рисолати шоириаш низ ба ҳамин ақида тавъам аст. Ӯ ҳанӯз аз овони навқаламиаш ба ин масъала диққати махсус медод. Тадриҷан, ақидаҳои иҷтимоӣ дар сиришти ӯ реша давондаанд. Ба қавли профессор Атахон Сайфуллоев: «Адабиёти бадеӣ дар шароитҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамдаму ҳамнафас ва маслиҳатгари хирадманди халқ будааст» [92, 6].

Озарахш дар баёни ақидаҳои иҷтимоӣ табъи баланд ва қалами тез дорад. Вай чунин ақидаҳоро аз тавсифи зодгоҳаш сар карда, то муҳити ҷомеаи шаҳрвандии мо ва аз ин баъд то вазъи ҷомеаи умумибашарӣ матраҳ кардааст, ки масоили зикршуда дар боби аввали рисола ҳаллу фасл шуда буд. Аммо тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш гуногунпаҳлу буда, баррасии онҳо фасли алоҳидаеро тақозо дорад.

Қадамҳои нахустини иҷтимоъгаро шудани шоир аз зодгоҳаш деҳаи Урметан оғоз шудааст. Дар ду ғазали алоҳида ӯ ба ин масъала ишора мекунад. Масалан:

*Шаҳри афсонаи ман, деҳаи Урметани ман,*

*Ёдгори падару модари ҷону тани ман.*

*Ҳеҷ пиндор баробар ба бузургии ту нест,*

*Ватани кӯчаки ман, маърифати меҳани ман* [16, 114].

Шоир ба хубӣ эҳсос кардааст, ки маърифати Меҳан аз Ватани кӯчакаш, ки деҳаи Урметан аст, оғоз ёфтааст. Аз гаҳвора оғоз шудани Ватан қаблан дар шеъри устоди зиндаёд Лоиқ ифода ёфта буд. Озарахш ба мардуми дигар унс гирифтанро аз мардуми деҳаи худ омӯхтааст:

*Мардумат нур диҳад мардумаки чашмонро,*

*Содаву софдилу покраву равшани ман* [17, 115].

Озарахш аз ғазалҳояш, ки навъи латифи ғиноӣ буда, асосан ба андешаҳои ошиқона мувофиқанд, баъзан барои баёни афкори иҷтимоияш низ истифода мебарад. Ҷанги таҳмилии солҳои 90-уми асри гузашта танҳо ғаму ғурбат, иллату миннат, мусибату дарду ҳасрат ва вайронию бадбахтиҳо ба бор овардааст. Яке аз ҳамон мусибатҳо фирорӣ шудани аҳли қалам аз марказҳои фарҳангист, ки ин андешаи мағшуш дар ғазали дигари Озарахш бо эҳсоси дилмондагӣ ифода ёфтааст, ки ӯ паноҳгоҳеро ба ҷуз зодгоҳаш намебинад:

*Ҷаҳон ғурбатсаро будаст, Урметан, паноҳам деҳ!*

*Замон миннатгаро будаст, Урметан, паноҳам деҳ!*

*Нафас шоҳид, ки Одам ҳар чӣ дорад сӯи ворастан,*

*Раҳи ҳасратбаро будаст, Урметан, паноҳам деҳ!* [17, 115].

Баъзан, ақидаҳои иҷтимоии Озарахш ба худ оҳанги шикваомез мегиранд, ки ин падида дар порае аз ғазали иқтибосшуда ба мушоҳида мерасад. Шоир дар бархе аз рубоиёташ низ чунин тобишро ба қалам додааст:

*Эй чарх, садои ноларо мешунавӣ?*

*Фарёди ҳазорсоларо мешунавӣ?*

*То чанд зи ҷоми хуни мардум мастӣ,*

*Оҳанги ҳазини ноларо мешунавӣ?* [17, 140].

Агар дар рубоии фавқуззикр ҳиссиёти дилмондагӣ ва руҳафтодагии шоир зикр шуда бошад, дар рубоии зерин ҳиссиёти ватандӯстонааш бо оҳанги умедворкунанда ва шукру сипос ифода ёфта, шоир як порча матои ҷони худро аз Парчами Ватан ва тани худро аз хоки он ки ба қавли устод Лоиқ “сарзамини камзамин” аст, иборат дониста, барои аз обу ҳавои он нафас гирифтан шукргузорӣ мекунад ва ҳама каму беши худро аз Ватан медонад:

*Як парча матои ҷонам аз парчами туст,*

*Як пора танам нишони хоки ками туст.*

*Гирам нафас аз обу ҳавоят бо шукр,*

*Бешу камам, эй Ватан, зи бешу ками туст* [17, 141].

Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори классикони форсу тоҷик асосан, бо оҳангҳои ҳузну навмедӣ махлут мешуданд. Озарахш зимни таъсирпазирӣ аз классикон рубоии қабл аз ин таҳлилшударо эҷод намудааст. Аммо рубоии мавриди назари мо, тобиши иҷтимоии замони навро воқеъбинона касб кардааст. Дар адабиёти классикӣ шоирон барои баёни ақидаҳои иҷтимоии худ бештар вожаҳои «чарх», «фалак», «гардун» ва «гетӣ»-ро мухотаби хеш қарор медоданд, ки дар рубоии аввалаи Озарахш низ ҳамон услуб ба кор рафтааст. Масалан, Хайём чунин рубоие дорад: «Эй чарх, дилам ҳамеша ғамнок кунӣ», Нақибхон Туғрал чунин ғазали ҳузнангез сурудааст: «Эй фалак, дод аз ҷафоят, дар чӣ ҳолам кардаӣ?» ва ғайра.

Озарахш дар ҳамон ҳолу ҳаво рубоии авваларо сурудааст, яъне анъанаи гузаштагонро идома додааст. Аммо дар таркиби рубоии ӯ як мисраи тоза ҳаст: «Фарёди ҳазорсоларо мешунавӣ?» Рубоии дуюми мавриди назари мо фазо ва рангу бори тоза дорад, яъне, он рубоии замони мост.

Озарахш ба ғазалиёти алоҳидаи худ тобишҳои иҷтимоӣ ато мекунад. Зиндагӣ дар назари ӯ аз ҳодисаи муқаррарии иҷтимоӣ гоҳо фаротар меравад. Аз қисмате, ки дар зиндагӣ насибаш шудааст, эҳсоси қаноатмандӣ мекунад, бурду бохтҳоро на танҳо аз қисмат, балки аз ҷустанҳояш медонад:

*Ҳар чи ҷустам, қисматамро ёфтам дар зиндагӣ,*

*Бохтамро, нусратамро ёфтам дар зиндагӣ* [20, 131].

Дар назари шоир зиндагӣ аз маҷмуаи бешу камиҳо, шодиву ғамҳо ва заҳмату роҳатҳо шакл гирифтааст:

*Ғам кашидам лаҳзаҳое, шод гаштам соате,*

*Заҳматамро, роҳатамро ёфтам дар зиндагӣ...* [20, 131].

Дар ин ғазал Озарахш аз баёни интизоӣ даст кашида, ба баёни мушаххаси воқеӣ мутаваҷҷеҳ шудааст. Зеро мавзуи матраҳнамудааш ҳаминро тақозо менамояд. Аз зиндагие, ки ба сараш омадааст, бечоранолӣ намекунад:

*Ному нону ёдгору посдорам ҳасту нест,*

*Ин китоби ҳикматамро ёфтам дар зиндагӣ* [20, 131].

Дар ҳар давру замон роҳу равиши зиндагӣ ва вазъи иҷтимоии мардум аз мушкилоти иқтисодӣ орӣ буда наметавонад. Дар замони мо дар Тоҷикистон ва умуман, дар Сайёра масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба масоили доғи рӯз мубаддал гардидааст. Озарахш шоири ҳассос ва мушоҳидакор буда, ин масъаларо дар чанд шеъру ғазали худ матраҳ кардааст. Ӯ аз баёни воқеият худдорӣ намекунад, ки ин падида аз вижагиҳои эҷодиёти ӯст. Дар ғазале, ки ҳоло мавриди баррасии мост, баёни воқеии шоир бо ҳусни отифа гиреҳбандӣ шудааст. Ӯ дар силсилаи шеърҳои «Ватаннома»- и худ, ки дар боби аввал онҳоро баррасӣ кардем, ҳоли низори мардикорон– муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва зану фарзандони онҳоро ба таври риққатангез ба риштаи тасвир кашидааст. Дар ин ғазал, ки тору пудаш аз отифа ва ҳузн таркиб ёфтааст, аз хоку гард зард шудани рухсораҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва дар мулки бегона (асосан Русия) сарсону раҳгум будани онҳо, ҷон канда пораи нон ёфта овардани эшон ва дар хонаҳои сард чашм ба роҳи онҳо нишастани зану фарзандон ифода шудааст. Ғазал хусусияти нақлӣ дорад, аммо ҷанбаи ақлӣ ба он печидааст. Шоир зимни нақли воқеа чунин вазъи ногувори иҷтимоиро аз қисмати онҳо медонад, гардуни бедардро гунаҳгори ин воқеа меҳисобад ва дунёи номардро мазаммат мекунад. Ғазал хеле ҳузнангез аст ва хонандаро ба ҳамдардӣ меорад:

*Рухсораҳо зард, э вой, э вой,*
*Аз хоку аз гард, э вой, э вой...*
*Сарсону раҳгум, дар мулки мардум,*
*Қисмат раҳо кард, э вой, э вой...*
*Кай дошт парво аз дарди дилҳо,*
*Гардуни бедард, э вой, э вой...*
*Як пораи нон бо қиммати ҷон,*
*Бояд биёвард, э вой, э вой...*
*Фарзанду занҳо биншаста танҳо*
*Дар хонаи сард, э вой, э вой...*
*Бо марди роҳаш мардӣ надорад,*
*Дунёи номард, э вой, э вой...* [20, 56]

Яке аз ҷанбаҳои ашъори иҷтимоии Озарахш танқид ва мазаммат аст. Ӯ дар ин ҷабҳа гоҳо ба суннатгароӣ даст мезанад ва зимни ин кор навпардозиро ҳам фаромӯш намекунад. Тазодҳои рӯзгори иҷтимоии моро одамони неку бад, андешаҳои равшану торик, мардуми шикампарасту парҳезгор ва обрӯманду беобрӯ ташкил медиҳанд. Шоирро соҳибқаламе ба ғазаб овардааст, ки ба шаъни аҳли қалам иснод меорад. Зеро андешаҳояш торик буда, фикри шикам ӯро домангир аст ва бо макру фиреб китобҳои ғафси худро ба нашр мерасонад, аммо дар онҳо маъниҳои борик, яъне баланд ва қобили қабул вуҷуд надоранд. Шоир нангу номуси одамиро боиси обрӯмандии ӯ медонад. Таъкид менамояд, ки як қатра обрӯро аз уқёнуси Атлантика ҳам пайдо кардан ва ба даст овардан имкон надорад. Тозаҷӯиҳои Озарахш дар корбурди вожаи «Атлантик» тазоҳур меёбад. Порае аз ин ғазалро шоҳид меорем:

*Эй ки дар андешаат ҷуз ҷодаи торик нест,*

*Фикри шоми хеш бинмо, субҳи ту наздик нест!*

*Як назар аз шиками худ дуртар бояд бидид,*

*Дар китоби ғафси ту як маънии борик нест!...*

*Обрӯи одамӣ аз нангу аз номуси ӯст,*

*Қатрае з-ин об дар амвоҷи Атлантик нест!* [20, 141].

Танқид ва музаммати хислатҳои бад ва ношоистаи ҳамқаламон дар адабиёти мо собиқаи дерина дорад. Агар ин кор беғаразона ва воқеъбинона сурат бигирад, ба манфиати ҷомеа аст, вагарна мазаммати ноҷо ва танқиди беасос манфиате надорад. Тибқи маъхазҳои таърихи адабиёт шоире бо номи Абузироа сардафтари адабиёти форсу тоҷик – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ғаразу ҳасад мазаммат карда буд ва худи Абузироа боиси мазаммати мухлисони устод Рӯдакӣ шуд. Аз ин қазия Озарахш ба хубӣ огоҳ аст. Вай касеро аз рӯи ғаразу ҳасад мазаммату сарзаниш накардааст, балки ин иқдоми ӯ беғаразона буда, ҷанбаи тарбиявӣ низ дорад. Зеро гуфтани ҳақиқат ва ошкор кардани айбу иллатҳои қаламкашон ба манфиати кор аст. Ӯ зимни мазаммат норасоиҳои давру замони моро низ ошкоро баён намудааст:

*Ёвагӯеро замон алломаи айём хонд,*

*Хаймадуздеро нишони хаймаи Хайём хонд* [20, 144].

Тасвири норасоиҳои иҷтимоӣ дар симои иддае аз зиёиён аз мавзуоти алоҳидаи ашъори Озарахш буда, дар ғазали мавриди назари мо сароҳатан ифода ёфтааст. Бо айби замоне, ки коргардонаш худи ҳамзамонон мебошанд, ёвагӯе (ҳарзагӯе) унвони алломаи айёмро соҳиб шудааст, ки бо хаймадуздӣ, ки маҷозан, ба маънои ришваситонӣ омадааст, ба ин «мартаба» расидааст. Ҳама ҳарфҳои ӯ ғӯранд (хоманд), аммо дигарон, ки дар тамйиз маҳорат надоранд, онҳоро пухта мепиндоранд:

*Ҳарфҳои ғӯри ӯро чун яке ангур гуфт,*

*Хомҳоро пухта хонду пухтаҳоро хом хонд* [20, 144].

Чунин шахс гавҳаршинос нест ва дар маърузаҳои «илмӣ»- аш ақли норасои худро, ки ба пистаи бемағз (таъбири Бедил) ташбеҳ дода шудааст, аз ақлҳои комили дигарон боло мегузорад:

*Бехабар аз гавҳари шеъру сухан маърӯза кард,*

*Пистаи бемағзи худро гирдаву бодом хонд* [20, 144].

Ҳамин тариқ, дар чор байти дигари ин ғазал низ сухан аз мазаммати чунин «аллома» меравад. Шоир таъкид менамояд, ки ӯ аз китобҳои илмии олам танҳо номҳояшонро медонаду халос, барои ба ин «мақом» расидан вай худро ба сояи бузургон задааст. Ин аллома худро соҳиби ганҷур ва фотеҳи бомҳои баланд медонад, ҳол он ки ганҷеро надидааст ва аз нардбон баҳра набурдааст. Бадии кор дар он аст, ки зумрае аз хушкакон ки онҳо одамони бесаводанд, ӯро дастгирӣ мекунанд. Аммо вақт, ки довари ҳақшинос аст, парда аз рӯйи ҳақиқат мебардорад:

*Ёвагӯиро садо зад то мақоми ёвагӣ,*

*Вақт ин оғози ӯро беҳтарин анҷом хонд...* [20, 144].

Ғазали дигари Озарахш, ки бо мисраи «Шакарнаме ба боғи шабнаме намерасад» оғоз меёбад, тобиши иҷтимоӣ дорад, аммо он бо баёни интизоӣ ифода ёфта, шоир бо роҳи ҳисомезӣ тасвирҳои тоза офаридааст. Ин ғазал оҳанги шикоятӣ дорад.

Озарахш зимни баёни ақидаҳои иҷтимоии худ бештар ба тозагии гуфтор мутаваҷҷеҳ мешавад. Дар ғазале, ки мавриди назари мост, оҳанги даъват мавҷ мезанад. Шоир хонандаро ба ҳамбастагиву якдилӣ ва якдигарфаҳмиву якпорчагӣ даъват карда, Ватанро чун анъана модар меҳисобад:

*Биё эй ҳамватан, бо ҳам сароем,*

*Ки соҳибхони ин ширинсароем!*

*Дари майхона боз аз роҳи дилҳост,*

*Дари дилро кушоему дароем.*

*Чу нури чашмҳо аз роҳи дида,*

*Барои пурсиши якдигар оем!*

*Ватан моро чу модар парварида,*

*Даме бар пойбӯси модар оем!* [20. 166].

Ин пораи баррасишудаи ғазали Озарахш ғазали Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро, ки бо мисраи «Биё, эй дӯст қадри ҳам бидонем» оғоз меёбад, ба хотир меорад, аммо фазоҳои ин ғазалҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар ғазали Балхӣ оҳанги гуманистӣ мақоми хос дорад, аммо дар ғазали Озарахш оҳанги ватандӯстона ва ақидаи иҷтимоӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол намудаанд. Вожаҳои хоси шеъри имрӯзи мо «Ватан», «Меҳан» ва «парчам» ба навоварии шоир мусоидат кардаанд. Озарахш бо роҳи корбурд аз кинояву маҷоз, яъне «аз имони падар сохтани парчам», «Хондани ҳадиси кӯҳу дарё» ва «чу хуршеду маҳи меҳан баромадан»-ро таъкид карда, ҷудоиву душмангароиро, ки унсурҳои халалгори ҳаёти иҷтимоиянд, маҳкум мекунад:

*Зи имони падар парчам бисозем,*

*Ки бо чархи фалак сар бо сар оем!*

*Ҳадиси кӯҳу дарёро бихонем,*

*Чу хуршеду маҳи меҳан бароем!*

*Чаро унвонтарошиву ҷудоӣ,*

*Агар бо ҳам наем, аз ҳам чароем?!*

*Ҳадиси оҷизон душмангароист,*

*Ба номи дӯст, мо бо ҳам гароем!* [20, 166].

Лозим ба тазаккур аст, ки Озарахш танҳо ба тасвири вазъи иҷтимоии кишвари мо маҳдуд нашудааст. Вай озурдагиҳои мамолики хориҷиро бо эҳсоси отифӣ баён намуда, дар ғазали зерин ки воқеъбинона эҷод шудааст, вазъи сиёсиву иҷтимоии он кишварҳоро чунин тасвир кардааст:

*Ҳоҷати сурат гирифтан нест, рӯ озурдааст,*

*Зиндагӣ аз олами берангубӯ озурдааст.*

*Ғайри даҳшат нест дар ахбори симои замон,*

*Табъи хуш аз мардуми афсурдахӯ озурдааст* [20, 109].

Бояд ҳамин нуктаро ҳам таъкид намуд, ки ин ғазал хулосаҳои таассуроти шоир аз тамошои гузоришу хабарҳои сиёсиву иҷтимоии олам дар ибтидои қарни бисту як буда, муаллиф тамошобини бетараф нест. Ӯ вокунишу аксуламали худро бо ҳамин ғазал ифода намудааст:

*Чанд даъвогар кашокаш мекунад рӯзу шабон,*

*Чарх аз яғмогарони ҷангҷӯ озурдааст.*

*Нест уммеди раҳоӣ аз дами тиру туфанг,*

*Бегунаҳ ҷон додан аз теғи адӯ озурдааст* [20, 109].

Шоир аз маҳзабгароиву ифротгароӣ ва тундравиҳои мардуми олам, гурезагиву парешониҳои бегуноҳон, ки бо айби чанд даъвогари бемурувввату дасисаангез сар задааст, ба риққат меояд ва роҳи амнияти халқи дунёро дар гуфтушунидҳои мусолиматомез ва ҳусни тафоҳум мебинад:

*Кофару габру мусалмону насоро, чора чист?*

*Марг аз ин мурдани беобрӯ озурдааст.*

*Халқ аз манзил гурезон, кӯ ба кӯву дар ба дар,*

*Дар дили уммедзодаш орзу озурдааст.*

*Гуфтугӯи одамивор аст роҳи амн, лек,*

*Ин ҷаҳон, эй Озарахш, аз гуфтугӯ озурдааст* [20, 109].

Хулоса, тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш ҷойгоҳи вижаеро касб кардаанд. Ӯ шоирест, ки ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад. Аз пешрафт ва шукуфоии ҷумҳурӣ ва некӯаҳволии мардум меболад ва аз камбизоатии халқу бечораҳолии он ба риққат меояд. Дар тасвири вазъи

иҷтимоӣ аз баёни интизоӣ иҷтиноб меварзад ва даст ба вуқуъбаёнӣ мезанад. Дар ашъори ба ин мавзуи муҳим бахшидаи Озарахш, ки аксарияташон дар қолабҳои суннатӣ эҷод шудаанд, навпардозиҳои шоир дар фазои онҳо ба мушоҳида мерасанд.

## 2.3. Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш

Гиромидошт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ аз ҷанбаи муҳимми эҷодиёти Озарахш буда, ӯ ин масъаларо бо масъулияти ба худ хос пайгирӣ мекунад. Ба ақидаи адабиётшинос Юсуф Акбаров: «Дар ҳамаи давру замонҳо шоири ҳақиқӣ, шоири халқу миллат фарзанди замони хеш, тарғибгари пешқадамтарин ғояҳо, наҷибтарин орзуҳо будааст» [31, 9-10].

Яке аз ҷашнҳои қадимаи тоҷикон Наврӯз буда, шоире нест, ки онро дар шеъри худ бо меҳру муҳаббат тасвир накарда бошад. Озарахш бахшида ба ин ҷашни миллӣ таҳти унвони «Шаби пеш аз Наврӯз» силсилаи ашъори худро эҷод намудааст, ки шеърҳои «Китоби офтоб», «Моҳи дарёӣ», «Сапеда», «Шаби пеш аз Наврӯз» ва «Тасвира» қисмҳои таркибии онанд.

Шеъри «Китоби офтоб» асосан, бо роҳи баёни интизоӣ эҷод шудааст. Дар ин шеър пайванди маънавӣ ва руҳонии инсон бо табиат мунъакис гаштааст. Шоир зебоиҳои маъшуқа ва табиатро дар ҳамбастагӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Дар назари шоир зебоиҳои баҳор ба ишқи инсон робитаи зич дорад:

*Қасам ба ишқ мехӯрам!*

*Агар набуд ёдҳои нозпарварат,*

*Баҳор нозанин набуд!*

*Ҳаёт буду меҳр буду шеър буд,*

*Лек инчунин набуд!* [17, 38].

Шеъри «Моҳи дарёӣ» тасвирӣ буда, эҳсосу андешаҳои шоир ба таври мармуз ифода ёфтаанд. Онҳо аз баёни воқеӣ фосила гирифтаанд. Дар ин шеър тахайюли шоирона ҷои тааққули воқеъбинонаро танг карда, шеъриятро ташаккул додааст:

*Даст дар сояи дастони Худо,*

*Пой дар обу гили хештанем.*

*Чанд асрест, ки гуфтанду гузаштанд, вале*

*Боз банди суханем:*

*Зиндагӣ нав нашавад, то дили мо нав нашавад,*

*Дили мо нав нашавад, манзили мо нав нашавад...*

*Кафшҳоро бикашем,*

*Дар бисоти малакутии замин*

*Обро аз кафи по нӯш кунем,*

*Хокро бо дили дил гӯш кунем...* [17, 39].

Озарахш дар ин шеъри нимоӣ нав шудани зиндагиро дар таҷдиди дилу ниятҳои ҳамзамонон медонад. Мафҳуми нав шудани зиндагӣ маҷозан, ба маънои пешрафту шукуфоӣ ва ободии рӯзгори мардум меояд. Шоир дар фасли баҳор, ки фасли оғоз ва эҳёи табиат аст, аз муосирони худ навгароиҳои маънавию ботиниро дархост карда, побанди хурофотҳои дерина шуданро музаммат кардааст. «Дар бисоти малакутии замин обро аз кафи по нӯш кардан ва хокро бо дили дил гӯш кардан» бозёфти шоиронаест, ки маънои links мармуз касб кардааст. Классикони мо осмонро олами улвӣ ва заминро олами сифлӣ медонистанд. Озарахш бошад, баръакс, бисоти заминро малакутӣ (лоҳутӣ) медонад. Ифодаи «аз кафи по нӯш кардани об» маҷозан ишора дорад ба даст кашидан аз одатҳои қолабиву шахшуда. «Бо дили дил гӯш кардани хок» ишораест ба омӯхтани асрори замин, ки тамоми эҳтиёҷоти инсониятро қонеъ мегардонад.

Дар шеъри «Сапеда» масъалаҳои ишқи инсону табиат ба ҳам ҷӯр шудаанд. Тахайюли шоирона дар ин шеъри озод назар ба тааққулу тафаккур рӯшантар ифода ёфтааст. Тасвири табиат мармуз ва шоирона буда, он бо роҳи ҳисомезӣ рӯйи қоғаз омадааст:

*Сапеда духтари бодомро пироҳани гул дод,*

*Туро,*

*эй найнавози ошно,*

*унвони булбул дод...* [17, 41].

Шеъри «Шаби пеш аз Наврӯз», ки ҳамноми силсилаашъор аст, низ тасвирию тахайюлӣ буда, унсурҳои сужавӣ дорад. Шоир дар ин шеър сараввал устухонпайванд будани худро бо дарахтон зикр намуда, манзараҳои Ҷӯйбори Сари Хирмани зодгоҳашро тасвир кардааст. Тадриҷан, дар бораи модару

падари хеш ҳарф зада, модарашро чун донандаи тарҷумаи ҳоли ҳама гулҳо ва падарашро чун донандаи забони ниҳолони шакарпайванд муаррифӣ намудааст. Баъдан, обҳову бодҳоро шоҳид оварда, дар шаби пеш аз Наврӯз ба олами ҳастӣ омадани худро бо баёне essence мармуз ва шоирона чунин ифода кардааст:

*...Обҳо медонанд,*

*Бодҳо мехонанд,*

*ки дар ин боғи биҳиштии заминӣ*

*шаби пеш аз Наврӯз*

*аз умеди модар,*

*хотираи сабзи падар*

*Ман чу як замзама эҷод шудам*

*Ва ба гулбарги бари духтари бодом сурудам:*

*Аз парастуҳо пурс,*

*Хабари омаданатро, ки шунидам,*

*чӣ қадар шод шудам!* [17, 43].

Шеъри дигари ин силсила «Тасвира» ном дошта, дар он манзараҳои зебо ва фиребои Ширбоғ, ки дар зодгоҳи шоир мавҷуд аст, бо санъати баланди бадеӣ рӯйи қоғаз омадаанд.

Озарахш аксар вақт дар ашъору ғазалиёти наврӯзии худ ҳатман маъшуқаашро мухотаб қарор медиҳад, оғози Наврӯзи худро аз номи маъшуқа медонад. Дар ғазали мавриди назар фасли Наврӯз дар чунин руҳия тасвир шуда, шоир махсус калимаи «гул»-ро радиф қарор додааст, чунки гулу Наврӯз бо ҳам иртиботи қавӣ доранд ва якеро бе дигаре тасаввур кардан имконпазир нест. Илова бар ин, дар ғазал баробар шудани шабу рӯз, ки дар тақвимҳо собит шудаасту дар сурудаҳои мардумӣ низ таъкид гардидааст, ки ифода ёфтааст, ки бад-ин мазмун дар адабиёти гуфторӣ чунин байте мавҷуд аст:

*Гули ман, иди Наврӯзат муборак,*

*Баробар шуд шабу рӯзат, муборак!*

Озарахш зимни истифода аз ин байт ғазали наврӯзии худро эҷод кардааст:

*Сар мешавад Наврӯзи ман аз ном, аз номи гулат,*

*Аз чеҳраи ғарқи гули бодом, бодоми гулат.*

*Вақти баробар гаштани рӯзу шабам дар чашми ту*

*Сарчашма мегирад саҳар аз шом, аз шоми гулат* [19, 14].

Озарахш дар айёми Наврӯз тамоми ашёи оламро дар шукуфоӣ мебинад. Дар назари шоиронаи ӯ на танҳо решаҳову гулбешаҳо, балки ашёҳои дигаре, амсоли андеша, теша, шиша ва ҳатто пешаҳо низ шукуфтаанд. Чунин тарзи тасвири айёми Наврӯз баёни шоирро дар шакли links мармуз ва интизоӣ ҷилвагар намудааст:

*Наврӯз дар сари сол андешаҳо шукуфта,*

*Ин боғ навда-навда то решаҳо шукуфта...* [18, 91].

Шоир дар чанд рубоии худ, ки онҳоро «Чорзарб» унвон кардааст, низ Наврӯзро тавсиф намудааст. Дар рубоии мавриди назар ошиқони ин иди зеборо муборакбод гуфтааст:

*Пайғоми баҳорону гули наврӯзаш,*

*Бо шеваи дилнишину ҷонафрӯзаш.*

*Бар ҷумлаи ошиқон муборак бодо!*

*Оҳангу таронаҳои ишқомӯзаш!* [20, 33].

Озарахш аз ҷаҳонишавии ҷашни Наврӯз изҳори хушнудӣ карда, Ватани мо–Тоҷикистонро «гулбоғи заминиву замонӣ», «пайванди ҷавониву амонӣ» ва «сарманзили Наврӯзи ҷаҳонӣ» меномад ва халқи ҷаҳонро ба меҳмонӣ даъват мекунад:

*Гулбоғи заминиву замонӣ - Ватан аст!*

*Пайванди ҷавониву амонӣ - Ватан аст!*

*Гӯ халқи ҷаҳон ба меҳмонӣ ояд,*

*Сарманзили наврӯзи ҷаҳонӣ Ватан аст!* [20, 34].

Шоир зимани тасвири иди Наврӯз мавзеъҳои таърихиро, ки таҷлили солгарди онҳо низ ба арзишҳои миллӣ шомиланд, ёдовар шудааст. Дар ин асно ёдовар шудани Саразми бостонӣ, Хатлону қалъаи Ҳулбук, ки яке таърихи 5500-

сола дораду дигаре дорои таърихи 2700-сола аст, дар ду рубоӣ ба назар мерасад:

*Бархез, гуло, ёри мусофир омад,*

*Бо ёди диёру майли хотир омад.*

*Аз марзи Саразму домани Сарвода,*

*Наврӯзи навовару муосир омад!* [20, 34].

***

*Эй ёри чаканпӯш, гули лолаи ман!*

*Бар гӯши фалак асар намуд нолаи ман!*

*Аз хиттаи Хатлону баҳори Ҳулбук*

*Нав-нав бирасад навои садсолаи ман!* [20, 34].

Ҷашни дигаре ки аз арзишҳои милли мо буда, Озарахш ба он мутаваҷҷеҳ шудааст, Меҳргон аст. Шоирони классик низ дар ситоиши он ашъори мондагоре эҷод намудаанд. Гиромидошти ҷашни Меҳргон ҳанӯз дар шеъри устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба назар мерасад. Шоирони дигар низ дар баробари Наврӯз Меҳргонро мавриди тавсифу ситоиш қарор додаанд. Аз он ҷумла, Унсурӣ мефармояд:

*Муборак бод ин ҷашн-Меҳргони бузург,*

*Насиби шодӣ аз ин беш баргузору бипой.*

*Бисоти базм кун аз гуна-гуна туҳфаи боғ,*

*Саройи хулд кун аз нағмаи сурудсарой* [13, 1].

Озарахш чун Унсурӣ аз фаро расидани иди Меҳргон изҳори хушнудӣ карда, мардумро ба меҳрубонӣ, ҳамнавоию ҳамсадоӣ ва ҳамзабонӣ даъват менамояд:

*Меҳргон омад, азизон, меҳрубон бо ҳам шавем!*

*Ҳамнавову ҳамсадову ҳамзабон бо ҳам шавем!* [19, 53].

Баъдан, шоир хонандаро аз чинористон, ки беҳосиланд, ба сайри анористон ҳидоят менамояд, аз арғувонӣ шудани ҷомаи сабзи дарахтон, яъне баргҳои онҳо мужда медиҳад, меваҳои шаккарину нуқлҳои ангубинро ёдовар

мешавад ва ба гирди дастархони идона даъват мекунад ва дар охир чунин натиҷагирӣ менамояд:

*Озарахш аз иди хуршедии тоҷик шеър гӯ,*

*Чун фари Наврӯзу нури Меҳргон бо ҳам шавем* [19, 53].

Тамҷиди расму одоби шарқӣ аз мавзуоти деринаи адабиёти мост. Ин мавзуи суннатӣ дар шеъри Озарахш дурахши тоза касб кардааст. Халқи тоҷик на танҳо бо фазилати одоб, инчунин бо ҳунармандиаш низ шуҳраи офоқ шудааст. Ба ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон шудааст, ки ҳамин маъниҳоро Озарахш дар ғазалаш шоирона матраҳ кардааст:

*Маърифат нест дар он чашм, ки одобаш нест,*

*Рӯсиёҳ аст чунин шом, ки маҳтобаш нест...*

*Шуҳрати шаҳр зи унвони ҳунармандон аст,*

*Лаънати халқ бар он мулк, ки арбобаш нест* [19, 54].

Дигаре аз арзишҳои миллии мо забон буда, ин масъала низ таваҷҷуҳи шоирро ба худ ҷалб намудааст. Гурӯҳе аз инсонҳои ноогоҳ миёни забонҳои тоҷикиву форсиву дарӣ фарқ мегузоранд, ки ин қазия Озарахшро бетараф нагузоштааст. Ӯ хуб дарк намудааст, ки забонҳои мазкур се забони алоҳида нестанд, балки онҳо се шохаи як забонанд ва устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии ҳамин се шохаи як забон аст:

*Дариву порсиву тоҷикиро*

*Яке хонӣ, чу хонӣ Рӯдакиро* [20, 178].

Аз арзишҳои дигари миллии мо ваҳдат ва сулҳу якпорчагист, ки бозтоби ин мавзуи муҳим дар шеъри Озарахш бармало ба мушоҳида мерасад. Шоир дар шеъри озоди «Милоди дубора» ваҳдатро бо камоли нозукиаш ба риштаи тасвир кашидааст. Ӯ оғози ваҳдатро аз чашмони модар, ду дамсози созандаи як оҳанг ва ду ҳамрози созандаи як фарҳанг медонад:

*Ваҳдат аз чашмони модар мешавад огоз,*-

*Аз ду дамсозе, ки як оҳанг месозанд,*

*Аз ду ҳамрозе, ки як фарҳанг месозанд,*

*Мисли ду боли кабӯтар дар раҳи парвоз,*

*Ваҳдат аз чашмони модар мешавад оғоз!* [20, 3].

Шоир дар ин банди шеъри мавриди назар чашмони интизори модари тоҷикро ба ду дамсозу ду ҳамроз ва ду боли кабӯтар ташбеҳ додааст. Аммо ташбеҳи сеюм ноҷо омадааст. Дар бандҳои минбаъда, ки онҳоро бо истилоҳи адабиётшиносони муосири Эрон фиқра номидан ҷоиз аст, шоир иброз медорад, ки ваҳдат барои миллати мо аз китобҳои бостонӣ омадааст. Баъдан, вазъи муташанниҷи солҳои ҷанги таҳмилиро, ки Ватан дар он айём адоватхона, манзили касратзада ва вайронае буду дар он бегонагон ҷавлон мекарданд ва дар канораш бародарон ва падару писарон алайҳи якдигар сангар гирифта буданд, рӯзгоре, ки чаманҳо мотамсаро ва обшорону кӯҳсорон азодор буданд, бо эҳсоси риққатангез тасвир намудааст. Зимни баёни ин воқеаи хунин шоир таъкид мекунад, ки «Тифли истиқлоли тоҷик кӯ ба кӯву дар ба дар буд». Дар фиқраи баъдина шоир бо эҳсоси хушнудӣ иброз медорад:

*Ваҳдат омад,*

*сулҳ омад,*

*меҳр омад.*

*Мисли хуршед аз паси абре сиёҳе,*

*Ҳамчу уммед аз пайи ҳоли табоҳе...* [20, 4].

Шоир дар фиқраи баъдина чунин таъкид мекунад:

*Дар ҳамон дам*

*Ман ба чашми хеш дидам:*

*Розҳои модарамро!* [20, 4].

Бояд таъкид намуд, ки дар ин банди шеър, ки баёни интизоист, шоир ба ғалати мантиқӣ роҳ додааст. Зеро «роз» исми маънӣ буда, онро ба чашм дидан имкон надорад. Фиқраи охири шеър бо як мисраъ ифода ёфтааст:

*Модарам ҷони маро, рӯҳи маро аз нав бизод...* [20, 4].

Образи модар, ки дар маркази ин шеър ифода ёфтааст, киноя аз худи Тоҷикистон аст.

Озарахш дар мавзуи иҷтимоӣ ғазале сурудааст, ки фарогири силсилаарзишҳои миллист. Дар матлаи ғазал шоир мавзуи истиқлолият ва Суруди миллиро чунин матраҳ кардааст:

*Субҳи давлат медамад аз синаи шоди Ватан,*

*Бо суруди миллати хуршедбунёди Ватан* [20, 73].

Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд доир гардида буд, дар байти сеюми ин ғазал ифода ёфтааст:

*Анҷуман ороста дар Қасри Арбоб ин саҳар*

*Дӯстдорони Ватан бо файзи иршоди Ватан* [20, 73].

Шоир дар байтҳои минбаъда Қасри Арбобро «гаҳвораи ишқу садоқат» ва расонандаи «паёми сулҳ» арзёбӣ карда, Раиси Шурои Олии ҷумҳурӣ интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шудааст, ки ӯ чунин ваъда дода буд: «Ман ба шумо сулҳ меоварам»:

*Аз ҳамин минбар нахустин бор пайки бахт дод*

*Раҳбари наврастон чун тифли навзоди Ватан.*

*Офтобу моҳи нав бархост баҳри равшанӣ,*

*Чун нишону парчами нав баҳри эҷоди Ватан* [20, 73].

Тавре ки дар боло таъкид намудем, Озарахш ба масъалаи забони ноби дарии тоҷикӣ чун ба арзиши миллӣ мутаваҷҷеҳ шудааст. Ӯ аз он ифтихор менамояд, ки бо ин забони ширин имрӯз низ дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, ки алъон дар тобеияти Ҷумҳурии Ӯзбекистони ҳамсоя шомиланд, ҳарф мезананд:

*Дар кӯчаву бозори Самарқанду Бухоро*

*Гуфтори дарӣ ҳаст, чӣ сон қанд набошад?!* [20, 99].

Озарахш шоирест, ки ба қадри суханварони бузург мерасад ва ба онҳо арҷгузорӣ мекунад. Зеро онҳо посдорони фарҳангу арзишҳои миллии мо буда, нигаҳбонон ва тарвиҷдиҳандагони забони ноби тоҷикианд. Иддае аз меҳрнома ва марсияҳои Озарахш баёнгари ҳамин маъниянд. Шоир аз фавти онҳо маҳзун

шудааст ва зикри хайрро нисбат ба онҳо дар ашъораш ифода намудааст. Аз он ҷумла, дар сӯги устоди шодравон Муъмин Қаноат чунин гуфтааст:

*Ватан гирён, ки шоир рафт, афсӯс!*

*Сафар омад, мусофир рафт, афсӯс!* [19, 31].

Озарахш дар пояи пайкараи устод Садриддин Айнӣ шеъри шодбошие сурудааст, ки ғазалгуна мебошад. Аз ҷиҳати вазну сохтор он ба шеъри «Шиор»-и устод Лоиқ Шералӣ шабеҳ буда, таъсирпазирии Озарахшро аз Лоиқ собит месозад. Албатта, устод Айнӣ барин бузургон ифтихори миллати тоҷиканд ва осори гаронбаҳояшон ба арзишҳои миллӣ шомиланд:

*Чашмасорон, манзари Айнӣ муборак бодатон,*

*Кӯҳсорон, минбари Айнӣ муборак бодатон!* [19, 37].

Озарахш ба шоири ҳамдиёри худ Нақибхон Туғрал эътиқоду ихлоси қавӣ дорад. Тавре ки худи Туғрал ба Мирзо Абдулқодири Бедил арҷгузорӣ кардааст, Озарахш ҳам ба Туғрал бо ҳусну тамҷид ғазале эҳдо намудааст, ки матлаи он чунин аст:

*Баланд аст аз сухан айвони Туғрал,*

*Зи кайвон бигзарад девони Туғрал* [19, 55].

Дар байти сеюми ғазали дигари Озарахш, ба сурудҳои ҷовидонаи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ арҷгузорӣ шудааст:

*Бо суруди Рӯдакӣ пирон ҷавонӣ мекунанд,*

*Он дилафшон ёд боду ин сарафшон ёд бод!* [19, 82].

Хулоса, Озарахш шоирест, ки ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд, ба ҷашнҳои миллии мо, бавижа Наврӯзу Меҳргон арҷгузорӣ мекунад. Аз он изҳори қаноатмандӣ мекунад, ки ҷашни Наврӯз мақоми ҷаҳонӣ гирифтааст. Шоир ба суннатҳои қадимии миллати мо эҳтиром мегузорад. Аз нуқтаи назари ӯ фарзандони барӯманд ва фарзонаи миллат, аз қабили устодон Рӯдакиву Айнӣ ва Туғралу Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром ва дигарон бо осори гаронмоя ва мондагори худ шомили арзишҳои миллианд. Забони тоҷикӣ низ бо фасоҳату балоғаташ қисми таркибии арзишҳои миллӣ маҳсуб меёбад, ки тасвираш дар боло зикр гардид.

## 2.4. Навпардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ

Анъана ва навоварӣ перояи шеъри Озарахшро созмон додаанд. Маъмултарин жанри суннатӣ, ки шоир ба он ишқу алоқа дорад, жанри ғазал буда, шумораи он дар китоби «Ояндаҳо» (2019) ба 100 адад мерасад. Озарахш ҳамон сад ғазали китоби зикршударо айнан, дар китоби наваш «Парвона зинда аст...» (2020) таҳти унвони «Дастагули ғазал» такроран, ба нашр расонидааст. Шоир дар китоби дигараш «Чархболи офтоб» (2011) таҳти унвони «Сураи суруд» 132 ғазалашро чоп кардааст, ки аксарияти онҳо такрори китобҳои зикршудаанд. Дар китоби «Девони ишқ»-и Озарахш (2016) 250 ғазал ба нашр расидааст, ки иддае аз онҳо дар китобҳои дигараш низ ба назар мерасанд. Жанрҳои суннатии дигаре, ки дар эҷодиёти Озарахш мавҷуданд, рубоиву дубайтиҳо мебошанд, аммо миқдори онҳо чандон зиёд нест. Дар китоби «Чархболи офтоб» таҳти унвони «Чаҳорбарг» 59 рубоӣ ва 14 дубайтии шоир ба табъ расидаанд. Таҳти унвони «Чорзарб» 10 рубоии ӯ дар китоби «Парвона зинда аст...» чоп шудаанд. Ашъори бо қофиябандии маснавӣ эҷоднамудаи шоир бештар дар силсилаи шеърҳои «Ватаннома» омадаанд, аммо шоир маснавии алоҳида эҷод накардааст. Ҳамин тариқ, дар эҷодиёти Озарахш аз жанрҳои суннатӣ ғазал мақоми махсус дорад ва худи шоир ҳам дилбохтаи ҳамин жанри суннатист.

Озарахш дар як суҳбати рӯзномагӣ аз рӯйи ақидаи муҳаққиқону шоирон кӯҳна шудани ғазалро рад карда, иброз медорад, ки Шайх Саъдӣ ҳамчун устод доди ғазалро додааст. Қарнҳои зиёде сипарӣ шудаанду ба кӯҳна шудани он ишора мекунанд. «Шоирони машҳуртарини мо ғазалҳои зиёде сурудаанд. Дар ғазали муосир ҳам Симини Беҳбаҳонӣ, Шаҳриёр ва Лоиқ барин шоирон дар ғазал инқилоб кардаанд. Махсусан, устод Лоиқ дар сабки хуросонии ғазал, ки устод Рӯдакӣ асос гузоштаанд, корҳои шоистае анҷом додаанд. Мо низ бояд руҳи хуросонии ғазаламонро нигоҳ дорем» [130, 12].

Озарахш дуруст қайд кардааст. Пас аз Саъдӣ шоирони дигари классики мо, аз қабили Хоҷа Ҳофиз, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Соиби Табрезӣ, Сайидои

Насафиву Бедил ғазалҳои фаровоне сурудаанд, ки ҳанӯз таровату лаззати онҳо аз байн нарафтааст. Ин навъи латифи лирикӣ писанди табъи ҳамагон аст. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ба шаҳодати адабиётшиносони маъруфи тоҷик Юсуф Акбарзода, дар ин бора чунин ақида дошт: «Аз ҷинси ҷавоҳири фунуни шеър ҳеҷ гавҳаре латифтар ва ҷавҳаре шарифтар аз ғазал нест, ки ҳамаи аъмол ва мақому аҳвол ва натиҷаи ишқу муҳаббат ба маъшуқ ва муриси (боиси) асрори фироқу висол аст» [32, 17].

Тавре ки аз таърихи адабиёти муосир бармеояд, ҳуҷуми маънавии аҳли қалам ба жанри ғазал ҳанӯз солҳои 40-50-уми асри бист оғоз шуда буд. Баъдан, шасти ин ҳуҷум андаке коҳиш ёфт. Аммо солҳои ҳаштодум он аз нав авҷ гирифт, ки «Мактуби кушод»-и шоир Ғаффор Мирзо, ки аз 10-уми июли соли 1986 дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» ба нашр расидааст, гувоҳи ҳол аст. Мавсуф дар ин номаи кушод даъват ба миён ниҳода буд, ки аз сабаби кӯҳна шуданашон мо аз баҳри ғазалу шаклҳои ғазалмонанд гузарем. Аммо ин даъвати беасос аз тарафи аҳли сухан пурра дастгирӣ наёфт. Зеро аксарият ба хулоса омаданд, ки ин жанри суннатӣ айбе надорад, балки айби асосӣ дар муҳтаво ва мазмунҳои умумиву обшуста аст. Имрӯз ҳам шоирони зиёди мо низ ғазалсароӣ мекунанд. Дар қолаби он мазмунҳои тозаро ифода менамоянд. Агар худи шоир навпардоз набошад, дар қолабҳои ашъори мудерн (шеърҳои сафед ва озод) ҳам сухани тоза гуфта наметавонад. Яъне, барои ифодаи маъноҳои бикр қолаб муҳим нест. Озарахш ин маъниро ба хубӣ дарк намудааст. Вай айнан ба ҳамин маънӣ ишора карда, дар як ғазали худ чунин фармудааст:

*Асрҳо бигзашту байти булбулу гул куҳна нест,*

*Эй хуш он навҷӯ, ки боби куҳнаро аз нав кушод* [18, 61].

Агар дар байти фавқуззикр Озарахш ҳанӯз кӯҳна нашудани жанри ғазалро бо киноя таъкид карда бошад, дар абёти ғазали дигараш онҳоеро мазаммат мекунад, ки табъи норӯшан доранд ва айби худро ба гардани шеъру таронаҳои суннатӣ бор мекунанд:

*Табъи ту безиё бувад, айби дилу тарона чист?*

*Ҳарф, ки бесафо бувад, фалсафаву фасона чист?*

*Саҳфа ба саҳфа мекашӣ номаи фитнаву ҳасад,*

*Номат агар сиё бувад, кори касу замона чист?* [18, 49].

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти Озарахш дар он аст, ки дар онҳо фазои рӯзгори мо бо роҳи истифода аз маҷозу киноя таҷассум меёбанд. Шоир ба он саъй мекунад, ки дар ҳар ғазал тозагиеро ба ҳамин роҳ ворид созад. Дар ҳамин асно таносуби суханро қатъиян, риоя мекунад. Масалан, ӯ вақте ки аз Бухоро сухан меронад, Зарафшонро фаромӯш намекунад, зеро дарёи Зарафшон роҳ ба сӯйи Бухоро дорад, аммо то ҳамон ҷо норасида мехушкад. Аз ин рӯ, ташнагии Бухоро аз Зарафшон воқеист. Ё ин ки чун аз Душанбе сухан мегӯяд, Варзобро ёдовар мешавад. Зеро Душанберо Варзоб бо оби шаффофу гуворо таъмин мекунад. Дар муносибати Бухорову Зарафшон ташнагӣ ва дар муносибати Душанбеву Варзоб ошиқӣ ифода меёбад:

*Як Бухоро ташна мондам, як Зарафшон об деҳ!*

*Як Душанбе ошиқам, як нозанин Варзоб деҳ!* [18, 57].

Озарахш дар сурудани жанри суннатии ғазал, чуноне ки аз таҳқиқот бармеояд, таҷрибаи вофир касб кардааст. Бештар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ғазалиёташ аз ғазалиёти шоирони гузаштаю имрӯза то андозае фарқ кунад, ҳарчанд ин иқдом мушкил аст. Зеро дар ин жанр аз устод Рӯдакӣ сар карда, то имрӯз ҳазорон шоирон суханпардозӣ кардаанд ва умри ин навъи латифи ғиноӣ аз ҳазору сад сол ҳам гузаштааст. Ба ибораи дигар, дар жанри мавриди назар шоирони ноком зиёданд, аммо шоирони муваффақ хеле каманд. Иллаташ дар он аст, ки иборапардозиҳои қадима ва вожаороиҳо кайҳост, ки ба ҳолатҳои обшуставу умумӣ табдил ёфтаанд. Мавзуъҳо низ умумиву фарсуда шудаанд. Дар ин ҷода суханваре муваффақ мешавад, ки тозапардозиро бо роҳи забон роҳандозӣ кунад. Озарахш низ ҳамин услубро пеш гирифтааст. Масалан, ӯ агар дар матлаи ғазали фавқуззикр, ки такроран овардани онро воҷиб медонем, ба ҷои «Як Бухоро ташна мондам, як Зарафшон об деҳ! Як Душанбе ошиқам, як нозанин Варзоб деҳ!» «Дар Бухоро ташна мондам аз Зарафшон об деҳ! Дар Душанбе ошиқам, эй нозанин Варзоб деҳ!»-мегуфт, матлаи ғазал умумӣ ва берангубор шуда, аз шеърият маҳрум мешуд, яъне вазну қофияву радиф дар ин

асно бори навпардозиро ҳамл намекарданд. Дар саҳни сухан барпо кунонидани растохези калимаҳо беҳтарин чораи раҳоӣ аз банди умумигӯйӣ буда, ба олами зебои навпардозӣ роҳ мекушояд, ки ин падидаи матлуб дар бисёре аз ғазалиёти Озарахш ба назар мерасад. Чунин таҷрибаҳои шоир қобили омӯзиш ва ҳаллу фасли махсусанд.

Воқеан, дар шеъри тоҷикию форсӣ зеботарин ва дилпазиртарин қолаб қолаби ғазал аст. Аммо танҳо ин қолаби зебо ниёзмандиҳои хонандагони соҳибзавқро қонеъ карда наметавонад. Таҷаддуд ва дигаргун кардани фазои ғазал шарти асосиест, ки пешорӯи шуарои муосир қарор дорад, аммо ҳама ғазалсароён аз уҳдаи чунин кор баромада наметавонанд. Озарахш ба нозукии ин қазия сарфаҳм рафтааст. Ӯ ҳам дар ғазалиёти ошиқона ва ҳам дар ғазалиёти иҷтимоии худ даст ба чунин иқдом мезанад ва аксар вақт муваффақ ҳам мешавад. Чунин фазои тозаро дар оғози як ғазали Озарахш ба мушоҳида мегирем:

*Омадӣ дар пардаи абрешимини форсӣ,*

*Дар нигоҳат шеваи нозофарини форсӣ.*

*Аз гули Гилон навои тозаи хушгил задӣ,*

*Дар қадамҳои таманноят танини форсӣ* [18, 238].

Аз муҳтавои ғазали мавриди назар ҳувайдост, ки он дар ситоиши овозхони эронӣ эҷод шудааст. Муаррифии ин мазмуни ғазалро пеш, аз ҳама радифҳои он «форсӣ» ва вожаҳои дигаре амсоли «Гилон» ва «Широз» ба дӯши худ гирифтаанд. Бозёфти шоиронаи Озарахш дар байтҳои сеюму чорум рӯшантар ҷило медиҳад. «Аз манзари чашмони шаффоф шукуфтани як ғазал монанди Сулаймони назар, ки дар кафаш нигини форсӣ дорад» ва «аз сози хуши ӯ рақсидани вожаҳо» ба ҳамин маънӣ далолат мекунанд. Илова бар он кинояҳо, ибораороии шоир дар мисоли «Сулаймони назар» ва «нигини форсӣ» ин навпардозиро такмил додаанд. Шоир бо истифодаи эҷодкорона аз санъати талмеҳ дар бораи ҳазрати Сулаймон (а), ки бо нигини худ тамоми инсу ҷинни оламро таҳти тасарруфи хеш даровარда буд, навҷӯии хешро дар шакли тозатар зоҳир намудааст, яъне «Сулаймони назар» ишораест ба назари баланд:

*Як ғазал аз манзари чашмони шаффофат шукуфт,*

*Чун Сулаймони назар дар каф нигини форсӣ.*

*Вожаҳо дар рақс афтоданд аз сози хушат,*

*Бо сафои бостониву навини форсӣ* [18, 238].

Озарахш дар яке аз ғазалиёти худ ба таҷдиди фазои ин жанри суннатӣ қонеъ нашудааст. Ӯ саъй намудааст, ки дар сохтори ғазал низ дигаргунӣ ворид намояд. Ин ғазал муҳтавои ирфонӣ дошта, аз дигар ғазалиёти шоир аз ҷиҳати сохт фарқ мекунад. Албатта, ин таҷрибаи нахустини шоир аст. Ғазали мавриди назар дорои вазни ягона ва қофияву радиф буда, дар назар ба шеъри озод шабоҳат дорад, аммо он шеъри озод нест, балки ғазалест, ки бо роҳи шикастани рукнҳо ва инчунин дар баҳри тавил ифода намудани онҳо эҷод шудааст. Ин ғазал аз чор байт таркиб ёфтааст, ки матлааш чунин аст:

*Сӣ пораи диламро бо сиву ду ҷамоат*

*қисмат чӣ гуна созам?*

*Қисмат фақат ту дорӣ!*

*Як ними ними ҷонам ҳаҷдаҳҳазориёнро*

*хидмат чӣ гуна созам?*

*Хидмат фақат ту дорӣ!* [18, 233].

Бояд қайд намуд, ки аз ҷиҳати сохт ин ғазали Озарахш ғазали мустазод аст, ки ҳамин хусусияташ онро аз шеъри озод фарқ мекунонад. Масалан, мисраъҳои аввалу дуюми ҳар байт дар навбати худ ҳар кадоме ду мисраи кӯтоҳеро замима кардаанд. Агар ба таври умумӣ андешаронӣ кунем, ин ғазал дорои ҳашт мисраи баланд (дар баҳри тавил) буда, дорои ҳашт мисраи кӯтоҳ дар шакли мустазод аст. Аз нигоҳи мантиқ, масалан, мисраи аввали матлаъ ба пуррагӣ чунин аст: «Сӣ пораи диламро бо сиву ду ҷамоат қисмат чӣ гуна созам?». Мисраи «Қисмат фақат ту дорӣ!» мустазод аст. Дар мисраи дуюми ин байт низ вазъ чунин аст. Мисраи пурра «Як ними ними ҷонам ҳаҷдаҳҳазориёнро хидмат чи гуна созам?» буда, «Хидмат фақат ту дорӣ!» мисраи мустазод аст. Ҳамин тариқ, се байти дигари ғазал ташаккул ёфтааст. Мақтаи ин ғазал аз ҳусни тахаллус орист. Ҳамин вижагиҳояш ин ғазали Озарахшро аз ғазалиёти дигарон фарқ мекунонад.

Мавзуи ғазал ба фалсафаи ислом ва ҷанбаҳои ирфонӣ марбут буда, дар байти аввал Худованд чун Қосим ва тақсимкунандаи ҳама ашёву амвол ва хидматрасони ҳаждаҳ ҳазор олами офаридаи худ тавсиф шудааст. Дар байти дувум, сухан аз он меравад, ки дини мубини Ислом дорои ҳафтоду ду фирқа буда, аз ин мову маниҳо ва тафриқаҳо миллати ягонаи исломиро созмон додан ғайриимкон аст. Ин масъала асрҳост, ки хотири аҳли суханро мушавваш сохта буд. Чунончи Хоҷа Ҳофиз чунин фармудааст: «Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ...». Имрӯз ҳам ин масъала чун доғи рӯзи мусалмонон боқӣ мондааст. Озарахш танҳо Худоро созандаи ин миллати бузург медонад:

*Ҳафтоду ду таманно ҳафтоду ду ману мо*

*парвард дар канораш,*

*Бо сози рӯзгораш*

*Пову саре муаллақ дар пайкаре муаллақ*

*миллат чӣ гуна созам?*

*Миллат фақат ту дорӣ!* [18, 233].

Озарахш ҳама сарватҳои дунёро бебақо медонад ва асли зиндагиро аз бод мепиндорад. Зеро ҳар он чи ки аз бод меояд, барбод хоҳад рафт. Худро дар ин олами парешон парешонхотиру парешонҳол медонад ва моли дунёро давлат намеҳисобад, ки ин ақида дар ашъори шоирони сӯфимашраб хеле серистеъмол аст. Танҳо Худоро офаридгор ва соҳиби давлати дунё меҳисобад:

*Ҳар сарвате, ки додӣ, дар зиндагии бодӣ*

*пайдо шуду ниҳон шуд,*

*Бе ному бе нишон шуд,*

*Инак, мани парешон дар оламе парешон*

*давлат чӣ гуна созам,*

*Давлат фақат ту дорӣ!* [18, 233].

Дар байти чоруми ғазали мустазоди мавриди назар сухан аз парешонии зоҳиру ботини мардуми олам, хусусан мусулмонон меравад, ки онҳо бо гуногунандешиву гуногунақидагӣ ва мазҳабҳову равияҳои мухталиф дар рӯйи замину зери осмон аз ҳам ҷудоянд. Мисраи мустазоди «як тору сад тарона»

баёнгари дар як замону як замин зистан, аммо ҳамфикру ҳамраъй набудани инсонҳоро далолат мекунад. Ба ақидаи шоир, ба ваҳдату ягонагӣ овардани ин ақвом танҳо аз дасти Худо бармеояд:

*Чашме забони дигар, қалбе макони дигар*

*дар дасти як замона*

*Як тору сад тарона,*

*... Ин бому ин ҳаворо, ин арзу ин саморо*

*ваҳдат чӣ гуна созам,*

*Ваҳдат фақат ту дорӣ!* [18, 233].

Корбурди саноеъи мухталифи бадеӣ, алалхусус, санъати такрор ва анбӯҳи радифҳои таркибиву нисбатан номаъмул аз навпардозиҳои Озарахш дар жанри суннатии ғазал мебошад.

Аммо, чунончи дар аввали ин фасл қайд кардем, аз жанрҳои суннатии дигар рубоиву дубайтӣ низ дар эҷодиёти Озарахш мавқеи алоҳида дошта бошанд ҳам, шумораи онҳо каманд. Шоир аз соли 2011 то имрӯз 69 рубоӣ ва 14 дубайтии худро ба нашр расонидааст. Озарахш дар силсилаи рубоиву дубайтиҳои «Чаҳорбарг» бештар ба забони классикон такя намуда, аз мазмуни иҷтимоиву фалсафӣ судҷӯӣ кардааст. Дар рубоии нахустини силсила ба оғози офариниши олам ва иртиботи он ба фазли худовандӣ ишора доштааст:

*Он дам, ки замину осмон гашт ҷудо,*

*Печид ба коинот нуре зи садо:*

*Ҳар як зану марде, ки биёяд фардо,*

*Пайванд биҷӯяд аз ҳамин фазли Худо* [17, 137].

Дар рубоии дигар, зимни корбурд аз услуби фавқуззикр мақоли мардумии «одаму дам»-ро дар мавқеаш истифода бурдааст:

*Дунё-дунё ҳамҳамаву дамдамаҳо,*

*Аз як дами одаму дам оғоз шуда* [17, 137].

Озарахш ба хотири навпардозӣ баъзан, дар жанри суннатии рубоӣ низ баъзан, вожаҳои иқтибосии байналмилалиро мавриди истифода қарор додааст. Масалан, калимаи «фотоаппарат», дар шакли тарҷумааш «суратбардор» ва

калимаи «видео» дар шакли дучоршавиаш ба ҳодисаҳои савтӣ дар рубоии зерин корбурд шудааст:

*Чашмам пури акс аст, чу суратбардор,*

*Ё сурати видиёи саршори навор.*

*Мебинамату наменамоӣ бар ман,*

*Э вой, зи дидори мани бедидор!* [17, 138].

Шоир дар баъзе аз рубоиёти худ замонҳоро дар ифодаҳои воқеӣ ба ҳам мепайвандад. Дар ин росто, забони рӯзноманигорӣ ва дарки публитсистӣ ба баёни ӯ беасар намемонад. Рубоии зерин аз ҳамин қабил рубоиёти Озарахш аст.

*Бо шеваи Рӯдакӣ сухан ширин аст,*

*З-ин шаҳду шакар кому даҳан ширин аст.*

*Монандаи «Нонреза»-и Турсунзода,*

*Нони адабиёти Ватан ширин аст* [17, 139].

Озарахш дар силсилаи рубоиёти «Чорзарб», ки миқдорашон 10 адад аст, бештар ба тавсифи Ватан, арзишҳои миллӣ ва суннатҳои мардумӣ мутаваҷҷеҳ шудааст. Ба мавзуи ишқ диққати махсус дода, «асли олам» ва «китоби насли одам»-ро ба он марбут медонад.

*Олам ишқ аст, асли олам ишқ аст,*

*Дар ҳар дами зиндагӣ дамодам ишқ аст.*

*Аз мактаби ошиқон биёмӯз адаб,*

*Ирфони китоби насли одам ишқ аст* [20, 33].

Дар дубайтиҳои Озарахш падидаҳои суннатӣ ва мудерн бо ҳам иртибот доранд. Дар ин жанри хурди ғиноӣ шоир бештар ба ҳусни баён ва ифодаи забон диққат додааст. Инчунин, ба тозагии ифода бо роҳи ҳисомезӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Масалан, «дасти дарахтон, умеди сабзбахтон ва кафи беточутахтонро бӯсидани сабо» ифодаҳои тозаи шоиронаанд:

*Сабо дасти дарахтонро бибӯсид,*

*Умеди сабзбахтонро бибӯсид.*

*Чӣ давлат ёфт аз боғи хазонрез,*

*Кафи беточутахтонро бибӯсид* [17, 145].

Таъсирпазирии Озарахш аз услуби дубайтиҳои халқӣ ва инчунин Бобо Тоҳири Урён низ баъзан, ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳолат, ихтисори таркиби калимаҳои алоҳида сурат мегирад. Илова бар ин, шоир аз истифодаи калимаҳои иқтибосӣ ҳам худдорӣ намекунад:

*Хушо, бар шаъшаи моҳу ситора,*

*Ки меборад ба бому дар ҳамора.*

*Ғами каммасрафии ломпҳоро,*

*Ба дунёи хаёлаш ҳам надора* [17, 146].

Дар дубайтии мавриди назар ду сабки баён- сабки баёни классикӣ ва сабки баёни мудерн бо ҳам тазвиҷ шудаанд, яъне забони байти якуми он анъанавии классикӣ буда, забони байти дуюми он мудерни замонавист. Албатта, чунин тарзи баён дар ашъори суннатӣ кори мушкил аст, зеро аксар вақт гуфтори шоиронро ба сарҳади маснуӣ мекашад. Озарахш дар ин ҷода хеле эҳтиёткорона амал мекунад.

Хулоса, тозапардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ қобили қабул ва омӯзишу таҳқиқ аст. Ӯ асосан, дар жанрҳои анъанавии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ба ин амал даст задааст. Озарахш дар сурудани ғазал дасти расо дорад ва аз нисф зиёди эҷодиёти ӯро ҳамин жанр ташкил медиҳад. Дар гуфтани ғазал бештар қолабҳои анъанавиро пайравӣ мекунад, аммо пайравиҳояш ҳама эҷодкоронаанд. Ғазалиёти ӯ бо фазои наву замонавӣ ва радифҳои мураккабу таркибии тозаашон аз ғазалиёти классикони адабиёт ва ҳамзамонони мо фарқ мекунанд. Миқдори рубоиву дубайтиҳои Озарахш кам бошад ҳам, аз истеъдоду навпардозиҳояш дар сурудани ин анвои анъанавӣ дарак медиҳанд.

## 2.5. Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо

Озарахш на танҳо шаклҳои суннатии шеърро пайгирӣ карда, дар онҳо фазои тоза ва замонавӣ ворид намудааст, балки нозукиву асрори шеъри озодро низ омӯхта, дар ин шакли шеърӣ ҳам табъозмоӣ кардааст. Шеърҳои озоди ӯ асосан, дар китобҳои «Чархболи офтоб»(2011) ва «Парвона зинда аст...»(2020) бештар фароҳам омадаанд. Шеъри озод дар адабиёти имрӯзи Эрон мақоми хос дорад. Падари шеъри озод Нимо Юшиҷ буда, дар мақолаи худ «Шоир кист?» чунин изҳори ақида мекунад: «Ҳунари нақл ва интиқол аз худ ба дигарон аст, ки шоирӣ номида мешавад. Шоирӣ тахассус аст. Имрӯз шоир ба касе гуфта мешавад, ки метавонад табиати худро баён кунад [133, 12]. Аҳмади Шомлу бунёдгузори шеъри сафед аст. Нимо ва Шомлу ҳамин ду шакли шеъри навро дар Эрон асос гузоштанд ва мактабҳои худро таъсис доданд. Аммо шеъри нави Эрон ба Тоҷикистон асосан, тавассути ашъори озоди Нодири Нодирпур солҳои 60-уми қарни гузашта ворид шуд. Албатта, ин ақида маънои онро надорад, ки мо қабл аз он шеъри нав надоштем. Нахустин шеъри навро дар адабиёти тоҷик устод Садриддин Айнӣ сурудааст, ки он «Марши ҳуррият» мебошад. Баъдан, Пайрав Сулаймонӣ ба ин пайраҳа қадам ниҳодааст. Устод Лоиқ ва ҳамқаламони ӯ таҷрибаҳои дар шеъри озод кардаи Нодирпурро мавриди омӯзиш ва амал қарор доданд.

Ба қавли адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмонов: «Дар шеъри озод мундариҷаи ғоявӣ хусусиятҳои жанр, қолибҳои синтаксисӣ, ритму оҳанг ҳамаи мисраъу байт ва бандҳоро ба ҳамдигар алоқадор сохта, як лавҳаи хушбаёни лирикӣ эҳё намуд» [90, 233].

Озарахш ҳанӯз шеъри сафед (шомлуӣ) нагуфтааст, аммо шеъри озод (нимоӣ) дар эҷодиёти ӯ мавқеи хос дорад, ки мо вижагиҳои онро аз назар мегузаронем. Яке аз беҳтарин шеърҳои озоди Озарахш «Аз чашмасор омадам» мебошад. Ин шеър дорои 5 банд буда, банди аввал аз ҳашт мисраъ таркиб ёфтааст:

*Марди мусофирам.*

*Аз манзиле ба манзиле пайғом мебарам.*

*Аз чашмасор омадам,*

*аз зодгоҳи рӯд;*

*Аз роҳи дури дур, ки оғоз мешавад*

*Аз мазраъи биҳиштии домони модарам,*

*Аз он маҳалла, ки падарам ҷонамоз ёфт.*

*Як ҷонамози сабз, чу хоби кабӯтарон,*

*Ҷои намози сабзтар аз боғи хотирам* [17, 7].

Дар ин банд, ки тибқи пешниҳоди адабиётшиносони Эрон онро фикра номидан ҷоиз аст, ҳашт мисраъ ба 4 байт тақсим мешавад. Аммо тақсимшавӣ ба байтҳо ба анъана мувофиқат намекунад. Шоир озодона фикри худро ҷамъбаст намудааст. Дар мисраи якум фикр, аллакай ҷамъбаст шудааст, яъне ин мисраъ худ ба сари худ мустақил аст: «Марди мусофирам». Мисраи дуюм низ айнан, чунин хусусияти синтаксисӣ дорад: «Аз манзиле ба манзиле пайғом мебарам». Ин мисраъҳо ҷумлаҳои содаи яктаркибаанд, зеро мубтадо надоранд. Аммо байти сеюм вазъи дигаргуна дорад. Он аз чор мисраъ таркиб ёфта, ҷумлаи мураккаби омехта аст, зеро дар таркиби он ҳафт ҷумлаи сода мавҷуд буда, онҳо ҳам алоқаи пайвастӣ ва ҳам алоқаи тобеӣ доранд:

*Аз чашмасор омадам,*

*аз зодгоҳи рӯд;*

*Аз роҳи дури дур, ки оғоз мешавад*

*Аз мазраъи биҳиштии домони модарам,*

*Аз он маҳалла, ки падарам ҷонамоз ёфт* [17, 7].

Байти чорум ду мисраъро фаро гирифтааст, ки онҳо аз нигоҳи илми наҳв ҷумлаҳои мукаммал нестанд, балки ибораҳои таркибианд:

*Як ҷонамози сабз, чу хоби кабӯтарон,*

*Ҷои намози сабзтар аз боғи хотирам* [17, 7].

Аз лиҳози синтаксисӣ таҳлил намудани шеъри озод ба муайян намудани мантиқи он мусоидат мекунад. Ибораҳое, ки дар байти чорум омадаанд,

мафҳумҳои муайянанд, ки онҳо дар танҳоӣ фикреро ифода карда наметавонанд. Аммо хабари мисраи пеш аз онҳо омада, ки «ёфт» аст, ба онҳо низ тааллуқ дорад. Бо ёрии ҳамин хабар, ки бо феъли замони гузаштаи наздики шуҳудӣ ифода шудааст, ду мисраи охир низ бо ҷумлаҳои содаи яктаркиба табдил меёбанд.

Дар банди мавриди назар танҳо дар мисраи якум «Марди мусофирам» рукнҳои шикастаанд, аммо рукнҳои мисраъҳои баъдина ба ҳамдигар баробаранд. Дар ин банд тасвирҳои тозаи шоирона, ки бо роҳи ҳисомезӣ ва тахайюл сохта шудаанд, инҳоянд: «мазраи биҳиштии домони модар», «ҷонамози сабз чу хоби кабӯтарон» ва «боғи хотир». Дар банди мавриди назар радиф мавҷуд нест, аммо калимаҳои «мусофирам», «мебарам», «модарам» ва «хотирам» ҳамқофия буда, шоир онҳоро танҳо аз рӯи зарурат мавриди истифода қарор додааст. Зеро ба ақидаи адабиётшинос Шоҳзамон Раҳмонов: «Қофия акнун дар ин низом мисли пештара ҳатмӣ нест, шоир онро танҳо ба хотири пурҷозибагии мазмун, ритму оҳанг кор мефармояд» [90, 234]. Чунин ҳолат дар шеъри озоди Озарахш «Доро» рух додааст:

*Падарам чӯпон буд,*
*ки пайи чӯпонӣ*
*Бе ягон мадрасае олим шуд.*
*Ман басо мадрасаҳоро гаштам,*
*лек олим нашудам.*
*Ман пас аз мадраса чӯпон гаштам* [17, 9].

Ин пораи иқтибос овардаи мо банди шашуми шеъри мавриди назар аст. Чуноне ки ба мушоҳида мерасад, дар ин банд қофия ва радиф вуҷуд надоранд, аммо ритму оҳанг ва вазн мавҷуданд. Набудани онҳо ба насрзада шудани ин банд роҳ кушодааст. Вожаҳои «гаштам» ва «шудам» ҳамқофия шуда наметавонанд, зеро решаҳои онҳо «гашт» ва «шуд» буда, «-ам» бандак аст.

Дар шеъри «Бигӯ, ки боз биёяд...»-и Озарахш дар банди аввал мисраъҳои якуму дуюм қофия надоранд, аммо мисраъҳои сеюму чорум дорои қофияҳои шойгонанд, яъне «боғбон» ва «забон»:

*Ба мӯсафеди зимистон,*

*ки шом сурфакунон аз канори рӯд гузашт,*

*Бигӯ ки боз биёяд.*

*Агарчи аз нафасаш боғи боғбон ях баст,*

*Садои обии ҷӯбор дар забон ях баст* [17, 12].

Аз таҳқиқот бармеояд, ки дар шеърҳои озод, аз он ҷумла дар шеърҳои озоди Озарахш на ҳама мисраъҳо дорои шеърияτанд. Масалан, дар ҳамин банди иқтибосшуда шеърият танҳо дар мисраъҳои якуму чорум мавҷуд аст, мисраъҳои дуюму сеюм аз шеърият маҳруманд.

Вижагии дигаре, ки дар шеъри озоди Озарахш ба назар мерасад, ба радиф мутаваҷҷеҳ шудан ва аз қофия иҷтиноб варзидани шоир аст, яъне дар баъзе фикраҳо миқдори радиф аз миқдори қофия бештар аст. Агар қофияҳо мавриди корбурд қарор бигиранд, аксарияти онҳо қофияҳои шойгонанд. Дар шеъри «Таронаи сапеда» ҳамин ҳодиса рух додааст:

*Наметавонам аз ин нур дида пӯшидан.*

*Чу аз муҳаббати модар,*

*Чу аз умеди падар.*

*Зи меҳри ёр, ки аз Парвардгори ман аст,*

*Зи ашку хандаи тифле, ки ёдгори ман аст.*

*Ман ин таронаи худро ба пешвози саҳар*

*Дар осмони шабонгаҳ ба нури дида навиштам,*

*Ки ҳар чи ҳаст ба олам сапед, шеъри ман аст,*

*Сапеда шеъри ман аст!* [17, 4].

Дар ин банд бар иловаи ритму оҳанг ва вазн радиф мавҷуд аст: «шеъри ман аст». Дар нуҳ мисраъ ҳамагӣ ду қофияи солим «бидод» ва «бикшод» вуҷуд доранд. Калимаҳои «сапед» ва «сапеда», «модар» ва «падар» ҳамқофия шуда наметавонад ва агар шоир онҳоро ҳамчун вожаҳои ҳамқофия мавриди корбурди хеш қарор дода бошад ҳам, онҳо аз ҳамқофияҳои заифанд.

Чи тавре ки адабиётшиноси тоҷик Шоҳзамон Раҳмонов бо истинод ба суханварони Эрон қайд кардааст: «Муҳаққиқон низоми нави шеъри озодро

услуби нав, шакли тоза низ номидаанд, ки байни назму наср миёнаравиро муроъот доранд (Жола), пояи асосии кор ва зарурати он шеърро ба табиати наср наздик фаровардааст (Нодирпур)» [90, 235]. Ҳамин вазъият гоҳе дар ашъори Озарахш низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, банди охири шеъри «Доро» ки қаблан дар бораа андешаронӣ намудем, чунин ҳолу ҳаво дорад, яъне табиати ин банди шеър аз назм дида, ба наср наздиктар аст:

*Ман ҳамон чӯпонам,*
*ки худаш мол надорад, аммо*
*пайи моли дигарон дашт ба дашт,*
*кӯҳ ба кӯҳ мегардад.*
*Ҳама пайдои маро медонад,*
*Ҳама пинҳони маро медонад.*
*Дар ҷаҳон ҷуз дили девона надорам чизе*
*Ман намедонам,*
*агар ҳаст,*
*Худо медонад...* [17, 9].

Озарахш дар баъзе ҳолатҳо, дар бандҳои алоҳида баръакс, ба қофияву радиф бештар мутаваҷҷеҳ шудааст. Ин ду унсурро аз лавозимоти муҳими шеърҳои озоди худ шуморидааст. Шеъри «Милоднома»-и Озарахш чун дигар шеърҳояш дар вазни арузи озод суруда шудааст. Ин шеър аз нуҳ банд (фиқра) таркиб ёфта, бандҳои сеюму чорум ҳар кадоме аз чор мисраъ, бандҳои панҷум, шашум ва ҳафтум ҳар кадоме аз се мисраъ, банди ҳаштум аз ду мисраъ ва банди нуҳум аз се мисраъ таркиб ёфтаанд. Агар аз ҷиҳати мазмуни синтаксисӣ таҳлил кунем, банди аввали ин шеър аз ду ҷумлаи сода, ки яке яктаркибаву дигаре дутаркибаи тафсилист, шакл гирифтааст ва дар мисраъҳои сеюму чорум калимаҳои «тоҷик» ва «табрик» ҳамқофия шудаанд:

*Ассалом,*
*Эй дӯст, эй шоир!*
*Эй марди раҳи фарҳанги тоҷик,*
*Бар туву бар ҷумлаи хонандагонат*

*Зодрӯзат бод табрик!* [20, 9]

Банди дуюми шеър дар асоси ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода ёфтааст, ки ҷумлаи пайраваш ҷумлаи пайрави хилоф аст. Мисраъҳои якум ва дуюм ҳамқофия шудаанд (меҳргардон-паймон); мисраъҳои сеюму панҷум низ ҳамқофияанд (мефишорам-надорам):

*Ин саҳар чун офтоби зарфишону меҳргардон,*

*Дар раҳи панҷоҳу панҷи аҳду паймон,*

*Панҷаатро мефишорам,*

*Гарчи бар тақвими синну соли шоирҳои олам*

*Он қадар бовар надорам* [20, 9].

Банди сеюми шеър аз ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак таркиб ёфта, дар охири ҷумлаҳои содаи якуму дуюм калимаҳои «бесиннусоланд» ва «бемисоланд» вазифаи вожаҳои ҳамқофияро адо кардаанд, аммо ин қофияҳо заифанд:

*Шоирон дар кишвари зебои илҳоми Худованд*

*Мардуми бесиннусоланд.*

*Дар китоби номдорони муҳаббат*

*Ошиқони беқиёсу бемисоланд* [20, 9].

Банди минбаъда бо ҷумлаи мураккаби пайвасти сертаркиб ифода шуда, аз чор ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ ташаккул ёфтааст. Ҳар як мисраъ ҷумлаи содаи мустақил аст. Дар ин чор ҷумла як мубтадо «шоире» мавҷуд буда ҷумлаи якум содаи дутаркиба, ҷумлаҳои дуюму сеюм ва чорум яктаркибаанд. Мисраъҳои якум бо дуюм ҳамқофия шудаанд (месозад-мебозад) ва мисраъҳои сеюму чорум ҳамқофияаанд (монданро-хонданро):

*Шоире бо як сухан як лаҳзаро садсола месозад,*

*Як қалам по монданаш бо нақши сад айём мебозад,*

*Аз нафас меофарад таърихи рафтанрову монданро,*

*Сарнавишти гул навиштанрову хонданро...* [20, 9].

Банди панҷуми ин шеър аз нигоҳи наҳвӣ аз як ҷумлаи мураккаби тобеъ таркиб ёфтааст, ки мисраи аввал сарҷумла буда, мисраъҳои дуюму сеюм

ҷумлаҳои пайрави пуркунандаанд. Дар ин банд калимаи «аст» радиф буда, вожаҳои «чанд» ва «банд» ҳамқофияаанд:

*Ҳеҷ кас монанди як шоир намедонад,*

*Соати дасти дарахтони ҳаводисро ки чанд аст,*

*Пояшон дар чор фасли умр*

*бар роҳи ҳавасҳои кӣ банд аст?* [20, 9].

Банди шашуми шеъри мавриди назар аз як ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ таркиб ёфтааст, ки мубтадою хабараш дар мисраи якум омадаанд ва пуркунандаву ҳол дар мисраъҳои дуюму сеюм мавҷуданд. Ҳарсеи мисраъҳо бо ҳамдигар ҳамқофияанд (Бадахшон-инсон-биёбон):

*Ҳеҷ кас монанди як шоир намегиряд*

*мисоли пиряхҳои Бадахшон*

*Аз ғами лабташнагони насли инсон,*

*Дар хиёбону биёбон...* [20, 10].

Фикраи навбатии шеъри мавриди назар аз ҷумлаи мураккаби таркибӣ иборат буда, аз се ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ таркиб ёфтааст, ки онҳо ба воситаи интонатсия ба ҳамдигар пайваст шудаанд. Ҷумлаи содаи якум дутаркибаи тафсилӣ буда, ҷумлаҳои содаи дуюм ва сеюм содаи яктаркибаанд. Ҳарсеи ин мисраъҳо ҳамқофияаанд (намедонад- намемонад- намехонад):

*Ҳеҷ кас монанди як шоир*

*забони мурғу моҳиро намедонад.*

*Мисли як шабнам ба гесуи гиёҳе дил намемонад,*

*Рӯзу шаб рози сапедиву сиёҳиро намехонад* [20, 10].

Банди ҳаштуми ин шеър аз ду мисраъ иборат буда, аз як ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин банд калимаҳои «хеш» ва «ҳеҷандеш» ҳамқофия мебошанд:

*Ҳеҷ кас монанди як шоир намехандад ба ҳоли хеш*

*дар ойинаи дунёи ҳеҷандеш* [20, 10].

Агар аз нуқтаи назари синтаксисӣ таҳлил кунем, ҳодиса ранги дигар мегирад. Аз лиҳози қонуни наҳв банди нуҳуми шеъри мавриди назар мустақил

нест, зеро он бо пайвандаки тобеъкунандаи «чунки» оғоз меёбад, ҳарчанд ки шоир банди ҳаштуми шеърро тамомшуда ҳисобида, ба он нуқта гузоштааст ва байти охиринро бо гузоштани фосила оғоз намудааст. Дар ин сурат, мо бояд аз ҷиҳати қоидаи таҳлили наҳвӣ ва мантиқ банди ҳаштумро сарҷумла ҳисобем ва ҳар як мисраи байти нуҳумро чун ҷумлаи сода ба он тобеъ донем. Яъне, ин ду банди шеър дар маҷмуъ ҷумлаи тобеи сертаркиб буда, чуноне ки ба мушоҳида мерасад, мисраи якуми байти нуҳум ба сарҷумла (банди ҳаштум) тобеъ шудааст. Мисраи дуюми ин банд ба мисраи якум ва мисраи сеюм ба мисраи дуюм пайваст шудааст, ки дар ин ҳолат пайвандаки пайвасткунанда вуҷуд надорад, аммо вазифаи онро интонатсия адо намудааст. Бояд афзуд, ки банди мавриди назар мураддаф буда, калимаи «офариданд», ки феъли замони гузаштаи наздики шуҳудист (дар синтаксис хабар), радиф аст ва калимаҳои «хешсозӣ – ишқбозӣ - бениёзӣ» ҳамқофияанд:

*Чунки ӯро бехабар аз қиссаҳои хешсозӣ офариданд,*

*Бо ҳавои ишқбозӣ офариданд,*

*Дар замину дар замони бениёзӣ офариданд!* [20, 10].

Бояд ҳаминро афзуд, ки шеъри озоди мавриди назар бо вуҷуди қаробаташ ба наср дорои шеъриятест, ки ҷо-ҷо тазоҳур карда, малоҳати шеърро таъмин намудааст. Хусусан, ҳисомезиҳо ва тасвирҳои тозаи «кишвари зебои илҳоми Худованд», «сарнавишти гул», «соати дасти дарахтони ҳаводис», «гесӯи гиёҳ» ба ин таъкиди мо далел шуда метавонанд.

Табиист, ки баъзе шеърҳои озоди шоир пургӯиро ба дунбол меоранд, аммо муаллиф бо роҳи офаридани тасвирҳои тозаи шоирона ин норасоиҳоро ҷуброн мекунад. Тавре ки мусаллам аст, кӯтоҳбаёнӣ камоли истеъдод мебошад. Шоири тавоно ҳамин ки матлаб ҷамъбаст шуд, ба шеър нуқтаи таммат мегузорад. Дар адабиёти муосири тоҷик чунин падидаҳои гуворо дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Алимуҳаммад Муродӣ ба мушоҳида мерасад. Озарахш низ ба чунин анъана баъзан вақт даст мезанад ва комёб ҳам мешавад. Ӯ шеъре дорад таҳти унвони «Кӯтоҳдаст»:

*Аз дасти даст дод!*

*Дар баччагӣ ба тахтаи мактаб намерасид.*

*Дар навхатӣ ба домани дилдор,*

*Акнун ба ҳеҷ кор...* [17, 31].

Чунин услуби эҷодӣ дар шеърҳои «Дар боғ» (иборат аз чор мисраъ), «Фарёди бод» (се мисраъ), «Забонхат» (чор мисраъ) ба назар мерасад. «Шеъри ширин» – и Озарахш аз ду мисраъ таркиб ёфтааст:

Шеъри ширини лаби ман ин аст:

*«Лаби ту ширин аст»* [17, 32].

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик, ба ақидаи адабиётшиносон, чунин суннат мавҷуд будааст, ки шоирон байтҳои алоҳида низ эҷод мекардаанд ва он байтҳо дар алоҳидагӣ ҳукми шеъри ҷудогонаро ҳам доштаанд.

Устоди шодравон Лоиқ Шералӣ байтҳои алоҳидаи худро бо унвони «Такбайтиҳо» эҷод намуда буд, ки ҳар байт дар алоҳидагӣ як шеъри мустақил аст. Масалан:

*Бешу ками олам одати дерин аст,*

*Кам бошаду ғам набошад, иқбол ин аст* [26, 513].

Озарахш зимни пайравӣ ба суннатҳои адабиёти классикӣ ва такбайтиҳои устод Лоиқ як силсила байтҳо эҷод намуда, онҳоро таҳти унвони «Андешарезаҳо» дар маҷмуаи ҷадиди худ «Парвона зинда аст...» (2020) ба нашр расонидааст, ки миқдори онҳо 56 ададанд. Силсилаи байтҳои ӯ бо байти зерин оғоз меёбад:

*Ҳар соли нав, эй ошиқон, тақвим дигар мешавад,*

*Ҷонон ҳамону ҷон ҳамон, тақдим дигар мешавад* [20, 171].

Байтҳои Озарахш дар мавзуъҳои мухталиф, аз он ҷумла ишқ, иҷтимоиёт, маърифат ва фалсафаи зиндагӣ эҷод шудаанд. Шоир гоҳо танзро мавриди корбурди худ қарор дода, дигаргуниҳои ҳаёти инсониро таҷассум менамояд:

*Солҳо бо номи ҳайвонҳо дигаргун мешаванд,*

*Бо ҳамин тақвим инсонҳо дигаргун мешаванд* [20, 171].

Шоир дар ин байт солшумории мучал (мулҷар) – ро, ки силсилаи дувоздаҳгона дошта, ба ҳар сол номи як ҷонвар дода шудааст, сарчашма қарор

додааст (Муш, Бақар, Паланг...). Дар робита ба мучал ақидаҳои мардумӣ роҷеъ ба омади сол ва тағйирёбии хислатҳои одамон мавҷуданд. Шоир ба гарон шудани нархи навои бозор, ки аз он мардуми камбизоат ва миёнаҳол зарар мебинанд, бо оҳанги танзу киноя чунин ишора намудааст:

*Машав озурда аз савдои бозор,*

*Ки дорад вожаи «бозор» – «озор»* [20, 171].

Дар байтҳои алоҳидаи силсилаи мавриди назар мутаноқизбаёнӣ низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар байти зерин ифодаи «хобидаро бедор кардани хобида» таноқуз аст:

*Кӯҳ бар гӯшам садои рӯдро такрор кард,*

*Кӯҳи хобида мани хобидаро бедор кард...* [20, 173].

Ифодаи «овоз додани андешареза» баёни интизоиест, ки ба мутаноқизбаёнӣ печидааст:

*Овоз дод оқибат андешарезае:*

*Дунё кироя нест бар ситезае* [20, 174].

Бо истифода аз санъати иҳом шоир баёни интизоиро дар байте роҳандозӣ кардааст. Зеро «Овоз додани баҳор аз чашми наргис» аз воқеият дур аст:

*Баҳор овоз дод аз чашми наргис,*

*Набандед аз тамошо дида ҳаргиз* [20, 177].

Озарахш аз корбурди маъниҳои духӯра низ иҷтиноб намеварзад. Масалан, дар ин байт:

*Теғ бар каф андаке оҳиста бош,*

*Бо сарам бозӣ макун, эй сартарош...* [20, 177].

Истифодаи санъати тазод ба шоир имконият медиҳад, ки зиндагии воқеӣ ва вазъи иҷтимоиро сароҳатан ба қалам диҳад:

*Киссаҳо пур, каллаҳо холӣ,*

*Зиндагӣ савдои ҷанҷолӣ* [20, 178].

Дар як байт шоир муваффақ шудааст, ки манзараи ғуруби офтоб ва ғафлати мардумро рӯйи қоғаз биоварад. Ибораи бо роҳи ҳисомезӣ ҳосилшудаи «мурғи хуршед» нав нест, зеро шиори маъруфи форсизабон Нодири Нодирпур

бо чунин ном китобе дорад, аммо «аз сари дасти сафедорон паридани он» ибораи тару тозаи шоиронаи Озарахш аст:

*Мурғи хуршед аз сари дасти сафедорон парид,*

*Давлате буд, аз баҳори ғафлати ёрон парид* [20, 178].

Шоир дар байти мавриди назар ба масъалаи баромади иҷтимоӣ ва ҷуғрофии бузургоне, ки дар деҳот ба дунё омада, дар маркази вилоятҳову пойтахти ҷумҳурӣ таҳсил ва касби камол кардаанду аммо дар назари муғризон онҳо бо ҳама донишу маърифат ва истеъдоду хидматҳо чун мардуми музофотӣ мондаанд, ишораи киноёмез кардааст:

*Он бузургоне, ки деҳотӣ буданд,*

*Марказиҳои музофотӣ буданд...* [20, 178].

Ногуфта намонад, ки дар силсилаи байтҳои «Андешарезаҳо» танҳо як рубоӣ, ки бо санъати маҷоз ороста шудааст, омадааст:

*Бодом чу куртаи арусӣ пӯшид,*

*Борон ба сараш чу ашк гавҳар пошид.*

*Бечора чинори пир аз нокомӣ,*

*Дар ҷоми ҳавас шароби ҳасрат нӯшид* [20, 175].

Дар ин рубоӣ ифодаи «куртаи арусӣ пӯшидани бодом» тасвири тозаи шоирона ва бозёфти худи Озарахш буда, маҷозан ба маънои гул кардани дарахти бодом аст, ки он шабеҳи куртаи арусист. Шоир бо вуҷуди пайравӣ аз суннати байтгӯӣ, ки онро гузаштагон оғоз кардаанд, кӯшиш ба харҷ додааст, ки тозапардозиҳои худро дар ин навъи адабӣ роҳандозӣ кунад.

Хулоса, шеърҳои озод ва андешарезаҳои Озарахш аз лиҳози шакли зоҳирӣ ва қолаб падидаи нав набошад ҳам, дар онҳо навпардозиҳои шоир равшан ба назар мерасанд. Муаллиф ба он муваффақ шудааст, ки аз пайравии маҳз даст кашида, дар олами онҳо фазои тозаро ба тавассути тасвир ва бозёфтҳои шоиронаи худ ворид намояд ва собит кунад, ки метавонад чун шоири нававар шеърҳои озод (нимоӣ) ва байтҳои мондагор офарад.

# БОБИ III. СОХТ ВА БАДЕИЯТИ ШЕЪРИ ОЗАРАХШ

## 3.1. Вазни ашъори Озарахш

Мусаллам аст, ки вазн дар бобати ба вуҷуд омадани каломи мавзун нақши муҳим дорад. Маҳз тавассути он намудҳои адабӣ арзи ҳастӣ кардаанд ва каломи равону мансур ба ченаки вижаи суханофаринӣ ворид гашта, зеботару ҷолибтару дилнишинтар шуда, истилоҳи назм ва шеърро ба худ гирифтаанд. Тули ҳазорсолаҳост, ки вазни арузӣ шеъри моро дар худ таҷассум карда меояд. Дар ин росто он чунон танаввуъ, вижагӣ, қавоид, қонунмандӣ пайдо кардааст, ки ҳамагӣ ба табиати забон созгору мувофиқ мебошад ва ба таври табиӣ аз ҷониби суханварон иҷро мегардад. Азбаски забони адабиёти мо, бавижа забони шеър дар тули таърихи мавҷудияти худ кам ба тағйирот дучор гаштааст, вазни аруз имрӯз низ дар эҷодиёти шуарои муосир мавриди пайгирӣ ва истифодаи вофир қарор дорад. Онон, бо вуҷуди он ки шеър анвои нав пайдо кардааст ва ба мудерншавӣ, озодӣ аз аруз тамоюл менамояд, вазнро ба ҳар сурат сарфи назар нанамудаанд. Махсусан, шоироне, ки дар партави шеъри классикӣ шеър эҷод мекунанд, дар осорашон риояи вазни аруз ва корбурди огоҳонаву ҳунармандонаи имконоти он бармало мушоҳида мешавад. Мутолиаи арузӣ ва таҳқиқи ашъори Озарахш собит месозад, ки 95 дарсади онро ғазал ташкил медиҳад ва ҳамагӣ дар вазнҳои хушоянду марғубу мутантану дилнишини арузиянд. Илова бар ин, ашъори мудерну нимоии шоир низ дар вазни аруз суруда шудааст.

Озарахш, ки бештар дар партави шеъри классикӣ суханофаринӣ мекунад, дар адабиёти муосири тоҷик мақоми худро ба таври шоиста ёфтааст. То кунун маҷмуаву девон ва силсилаи ашъори тозаэҷодаш чоп ва дастраси хонандагон шуда, зуд ба дилу дидаи халқ ҷой шудаанд ва овозхонҳову ҳунармандони варзида онҳоро ба оҳангу мусиқӣ ҷӯр карда месароянд. Матну оҳанг ва мусиқӣ ниҳоят мувофиқ омада, руҳу табъи шунавандаро болида месозад ва дарку фаҳми маъниро саҳл. Ин маънои онро дорад, ки шоир дар интихоби мавзуъ ва

вазни шеър бисёр ҷиддӣ муносибат карда, якеро ба дигаре хуб тавъам намудааст. Яке аз комёбиҳои эҷодии шоир низ дар ҳамин арзёбӣ мегардад. Авзони ашъори шоир чун муҳтавои он пурғановат, ҷолиб ва серпаҳлӯст. Вай дар сурудани ғазал ва ашъори худ бештар ба авзони хушоянди арузӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, мушикофона аз нозукиҳои онҳо кор гирифта, дар ин росто мумтоз будани хешро собит сохтааст. Дар шеъри шоир ҳам баҳрҳои солим ва ҳам баҳрҳои фаръӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб ва мутадорик аз бахрҳои солим; сареъ, музореъ, муҷтасс ва хафиф аз баҳрҳои фаръӣ мебошанд. Аз рӯйи касрати истеъмол ва танаввуъи авзон ҳазаҷ дар шеъри Озарахш дар ҷойи аввал меистад. Шоир ба ҳазаҷ, ки хушоҳангу дилписанду руҳафзотарин бахри арӯзист, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда авзони солиму зиҳофоти маъмулу хуши онро дар ашъори худ ба кор бурдааст.

Ҳазаҷ дар луғат ба маънии *овози хуш, суруд, тарона, алҳони хушоянду садои форам* шарҳ ёфтааст. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки рукни аслиаш мафоъӣлун буда, дар асоси он зиҳофоташ ҳосил мешаванд [66, 36-38; 97, 66-67; 101, 83-90].

Авзони аз ҳазаҷ беруномада чи дар рукни солимаш ва чи ‹дар зиҳофоташ ҳамагӣ дилпазиру хушоянданд. Ин вижагӣ ба ҳамаи буҳури солими арузӣ марбут нест. Озарахш бо дарки хасоиси баҳри ҳазаҷ 18 ғазали худро дар рукни солими баҳри мазкур сурудааст. Аз ҷумла:

*Агар рӯзе зи умрам монда бошад, дӯстат дорам,*

*Зи рӯям давр рӯ гардонда бошад, дӯстат дорам!* [18, 151]

v - - - / v - - - / v - - - / v - - -

*мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун*

Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим.

2. Аз авзони дигари баҳри ҳазаҷ, ки бо рукни охири арузу зарб аз вазни солим тафовут мекунад, ҳазаҷи мусаммани мусаббағ аст, ки шоир 7 ғазали худро дар ин вазн эҷод кардааст:

*Дар ин гулшан ба қадри зинда будан дӯст бояд дошт,*

*Ба ҳаққи як нафас фархунда будан дӯст бояд дошт* [19, 16].

*v - - - / v - - -/ v - - - / v - - ~*

*мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлон*

Вазн: ҳазаҷи мусаммани мусаббағ

3. Шоир танҳо дар як ғазали худ аз вазни мусаддаси солими баҳри ҳазаҷ истифода кардааст:

*Ман ин ҷаннатзаминро дӯст медорам,*

*Диёри нозанинро дӯст медорам* [19, 4].

*v - - - / v - - - /v- - -*

*мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъилун*

4. Вазни дигаре, ки аз баҳри ҳазаҷ дар ғазалиёти шоир ба назар расид, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф мебошад. Теъдоди ғазалҳое, ки ӯ дар ин вазн сурудааст, ба 5 мерасад. Намуна:

*Номат ба лабам маззаи қанд аст ҳамеша,*

*Нӯшест, ки бар ком писанд аст ҳамеша* [19, 27].

*--v/ v - - v/ v - - v/ v - -*

*мафъӯлу / мафоъилу/ мафоъилу/ фаъӯлун*

5. Ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҳзуф: 1 ғазал

*Дигарбора шабовез, дигарбора таманно,*

*Дигарбора сапеда, дигарбора тамошо* [18, 7].

*v - - v/ v - - v/ v - - v/v - -*

*мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун*

6. Ҳазаҷи мусаммани мақбуз: 7 ғазал

*Сухан ба бод мебарад лаби суханфурӯшро,*

*Чаман ба бод мекашад гули чаманфурӯшро* [18, 12].

*v – v -/ v – v-/ v – v -/ v – v –*

*Мафоъилун / мафоъилун / мафоъилун / мафоъилун*

7. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф: 5 ғазал

*Замин сахт аст ё ин зиндагонӣ,*

*Ҳаво сард аст ё фасли ҷавонӣ* [18, 241].

*v - - - / v - - - / v - -*

*Мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун*

8. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи аштар: 1 ғазал

*Зиёда бод ёди ту, зиёд ёд кардаам…*

*Зи ёди меҳрзоди ту, зиёд ёд кардаам!* [18, 171]

*v – v - / v – v- / v – v - / v – v –*

*Мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун*

9. Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи мақбузи мақсур: 1 ғазал

*Сарам санги Саразми бостон аст,*

*Дилам ашки Сарези ростон аст* [18, 33].

*v - - v / v - - - / v - ~*

*Мафоъӣлу / мафоъилун / мафоъил*

10. Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ: 2 ғазал

*Девона машав, эй дил ин умр ҳамин ранг аст,*

*Як лаҳза танинаш шод, як лаҳза ғамоҳанг аст* [18, 34].

*- - v / v - - - / - - v / v - - ~*

*Мафъӯлу / мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъӣлон*

11. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур: 9 – ғазал

*Эй дӯст, биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,*

*Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст* [18, 44].

*-- v / v - - v / v - - v / v - ~*

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / мафоъӣл*

12. Ҳазаҷи мусаммани макфуфи аштар: 1 – ғазал

*Дар хонаи дил ғайри ту кас нест, нест, нест,*

*Ҷуз васли ту дар сина ҳавас нест, нест, нест* [18, 55].

*- - v / v - - v / v - - v / - v –*

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фоъилун*

13. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф: 1 ғазал

*Бе ишқ назар назар надорад,*

*Бунёди саҳар саҳар надорад* [18, 67].

*- - v / v – v - / v - -*

*Мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун*

14. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҳзуф: 1 ғазал

*Ғубор ҷустаӣ аз ҳарфи ошиқонаи дил,*

*Ҳазор ҷурми туву як наво таронаи дил!* [18, 139]

v – v - / v – v - / v – v - / v - -

*Мафоъилун / мафоъилун / мафоъилун / фаъӯлун*

15. Ҳазаҷи мусаддаси аштар: 1 ғазал

*Зи мастиям зимистон мегузарад,*

*Ки девона зи мастон мегузарад* [18, 72].

v - - - / v - - - / -v –

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / фоъилун*

16. Ҳазаҷи мусаддаси мақсур: 3 ғазал

*Ҳамон рӯзе, ки занро офариданд,*

*Гули нози чаманро офариданд* [18, 88].

v - - - / v - - - / v - ~

*Мафоъӣлун/ мафоъӣлун / мафоъӣл*

17. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мусаббағ: 1 ғазал

*Хуршед ба ойина гуфто,ки салом,эй ёр!*

*Ойина ҳам аз сина гуфто, ки салом, эй ёр!* [18, 113]

- - v / v - - v / - - v / v - - ~

*Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафъӯлу / мафоъӣлон*

18. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб: 1 ғазал

*Рӯзе, ки таманнои ту мехонд ғазал,*

*Дунё ба тамошои ту мехонд ғазал* [18, 138].

- - v / v - - v / v - - v / v –

*Мафъӯлу / мафоъӣлу /мафоъӣлу / фаъал*

19. Ҳазаҷи мусаммани ахраб: 1 ғазал

*Хуршед Ватан дорад дар хонаи чашмонам,*

*Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам* [18, 163].

- - v / v - - - / - - v / v - - -

*Мафъӯлу / мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъӣлун*

20. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуфи аҳтам: 1 ғазал

*Эй ишқ, ба манзили висолам бирасон,*

*Эй ёр, ба васли бемисолам бирасон* [18, 189].

- - v / v – v - / v - - v / v ~

*Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлу / фаъӯл*

21. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақбуз: 1 ғазал

*Эй марг, мазан ханда бар ашки зулоли ман,*

*Ин аст дар ин олам аз ҷоҳу ҷалоли ман!* [18, 196]

- - v / v - - v / - - v / v – v –

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафъӯлу / мафоъилун*

22. Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб: 2 ғазал

*Эй дафтари боумед бикшодаи дил,*

*Сарномаи зиндагии озодаи дил* [19, 3].

- - v / v – v - / v - - v / v – –

*Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯлун*

23. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи ахрам: 1 ғазал

*Дуои роҳ гирифтам, фаришта, омин гӯй,*

*Ба ин мусофири ғурбатсиришта омин гӯй!* [18, 248]

v – v - / v - - - / v – v- / - - -

*Мафоъилун/ мафоъӣлун/ мафоъилун/ мафъӯлун*

24. Ҳазаҷи мусаммани аштар: 1 ғазал

*Дар замин таманное, мову ту намедонем,*

*Дар само тамошое, мову ту намедонем* [19, 10].

- v - / v - - - / - v - / v - - -

*Фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун / мафоъӣлун*

25. Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ: 1 ғазал

*Гиря мекунам имшаб бо баҳонаи борон,*

*Метапам ба тобу таб дар каронаи борон* [19, 15].

- v - / v - - - / - v - / v - -~

*Фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун/ мафоъилон*

26. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар: 1 ғазал

*Як рӯз ба хотири дилам меоям,*

*Бар хотири отири дилам меоям* [19, 17].

- - v / v - - v / v - - - / -

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлун / фаъ*

27. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз: 1 ғазал

*Дорам сухане, забон намедонад,*

*З-ин рози ниҳон, ниҳон намедонад* [19, 101].

- - v / v – v - / v - - -

*Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлун*

28. Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҷбуб:

*Навори рӯз, ки дар мавҷи об мешиканад,*

*Равон ба акси рухи офтоб мешиканад* [18, 80].

v – v - / v - - - / v - - - / v -

*Мафоъилун /мафоъӣлун/ мафоъӣлун / фаъал*

29. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур: 1 ғазал

*Дар хандаи ёр зиндагонист,*

*Ҳар нози нигор зиндагонист* [Аз махзани шоир]

- - v / v –v - / v - ~

*Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣл*

Тавре ки маълум мегардад, Озарахш дар ғазалиёти худ аз авзони хушоянди баҳри ҳазаҷ моҳирона истифода кардааст. Теъдоди авзони баҳри ҳазаҷ, ки дар мутолиаи арузии ғазалиёти шоир муайян шуд, ба 29 навъ мерасад.

Баҳри дуюми арузӣ, ки дар ғазалиёти шоир ба таври вофир ба кор рафтааст, рамал мебошад. Рамал дар луғот ба маънои *бӯрё бофтан, гашту ҳаракати уштур, як навъи суруд* ва ғайра тавзеҳ ёфтааст. Дар истилоҳ рамал баҳрест, ки вазнҳои он аз рукни фоъилотун падид меоянд. Рамал аз баҳрҳои серистеъмоли арузӣ ба ҳисоб меояд,- таъкид кардаанд донишмандон [97, 83-84; 66, 39].

Озарахш аз авзони баҳри рамал фаровон истифода кардааст, ки ҳамагӣ хушоянду дилнишинанд. Тақтеъ ва таҳлили арузии онҳо ба таври зайл аст:

1. Рамали мусаммани маҳзуф: 43 ғазал

*Хоксорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо,*

*Бандаворӣ кард модар пеши даргоҳи Худо* [18, 5].

- v - - / - v - - / - v - - / - v –

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

2. Рамали мусаддаси маҳзуф: 6 ғазал

*Лаб ба лаб розем, аммо лаб ба лаб,*

*Мӯ ба мӯ созем, аммо лаб ба лаб* [18, 17].

- v - - / - v - - / - v –

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

3. Рамали мусаддаси мақсур: 4 ғазал

*Гуфтугӯям аз забони гунгҳост,*

*Оташам аз озарахши сангҳост* [18, 31].

- v - - / - v - - / - v ~

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

4. Рамали мусаддаси махбуни мақсур: 3 ғазал

*Зиндагӣ маърифати раҳгузарист.*

*Зоди роҳаш нафаси ҳамсафарист* [18, 42].

- v - - / v v - - / v v ~

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилон*

5. Рамали мусаддаси маҳзуф: 1 ғазал

*Субҳи тобистон савоб омад,*

*Омадиву офтоб омад* [18, 82].

- v - - / - v - - / -

*Фоъилотун / фоъилотун / фаъ*

6. Рамали мусаддаси махбуни аслам: 5 ғазал

*Шоду бишкуфтаӣ, ту эй хуршед,*

*Ё барошуфтаӣ, ту эй хуршед* [18, 104].

- v - - / v v - - / - -

*Фоъилотун / фаъилотун / фаълун*

7. Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф: 3 ғазал

*Ман агар хор шавам, хори гулам,*

*Агарам зор шавам, зори гулам* [18, 159].

v v - - / vv - - / vv –

*Фаъилотун / фаъилотун / фаъилун*

8. Рамали мусаммани махбуни маҳзуф: 24 ғазал

*Ҳиммати ноз надорӣ, чӣ ниёз оварамат?*

*Ба ниёзе набиёӣ, ба чӣ ноз оварамат?!* [18, 20]

- v - - / v v - - / v v - - / v v –

*Фоъилотун / фаъилотун /фаъилотун /фаъилун*

9. Рамали мусаммани махбун: 1 ғазал

*Омадӣ, к-омаданатро ба гули ноз бигӯям?*

*Ба гули ноз зи нози қадамат роз бигӯям?* [18, 175]

- v - - / v v - - / v v - - / v v - -

*Фоъилотун / фаъилотун /фаъилотун / фаъилотун*

10. Рамали мусаммани мақсур: 30 ғазал

*Дар чаман шеъре сурудам, ёсуман «афсона» гуфт,*

*Настаран хамёза карду «шеваи бегона» гуфт* [18, 25].

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун /фоъилун*

11. Рамали мусаммани махбуни мақсур: 8 ғазал

*Ҳар сафаркарда паи пои маро хоҳад ёфт,*

*Ҳар сароҷӯй сароҷои маро хоҳад ёфт* [18, 29].

- v - - / v v - - / v v - - / v v ~

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилон*

12. Рамали мусаммани махбуни аслам: 8 ғазал

*Кабки ҳамсоя,ки ин субҳ азон мегӯяд,*

*Сирри гулдаста ба гулбоди вазон мегӯяд* [18, 105].

- *v - - / v v - - / v v - - / - -*

*Фоъилотун /фаъилотун / фаъилотун / фаълун*

13. Рамали мусаммани машкул: 4 ғазал

*Ҳама ҳарфҳои худро ба хаёл дода будем,*

*Ба китоби зиндагонӣ чу мисол дода будем* [18, 182].

*v v – v / - v - - / vv – v / - v - -*

*Фаъилоту/ фоъилотун /фаъилоту/ фоъилотун*

14. Рамали мусаммани машкули мусаббағ: 1 ғазал

*Ғазале зи гул сароям ба нишонаи баҳорон,*

*Ба ту рози дил бигӯям ба баҳонаи баҳорон* [18, 190].

*v v –v/ -v - - / vv – v / - v - ~*

*Фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилиён*

15. Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ: 4 ғазал

*Дар каф осори замон ҳаст, вале чизе нест,*

*Давлати ҷону ҷаҳон ҳаст, вале чизе нест* [19, 33].

*- v - - / v v - - / v v - - / - ~*

*Фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаълон*

16. Рамали мусаммани мусаббағ: 1 ғазал

*Ҳар куҷо ёдам намоӣ, дон, ки ёдат кардаам боз,*

*Ёдгардонам биёӣ, дон, ки ёдат кардаам боз* [19, 86].

*- v - - / - v - - / -v - - / - v - ~*

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун /фоъилиён*

Тавре ки маълум мешавад, Озарахш 16 навъи баҳри рамал дар ашъори суннатиаш- ғазалиёташ истифода кардааст. Аз ин миқдор вазни рамали мусаммани мусаббағ ва мусаддаси мазҳуф нодиранд. Аз баҳрҳои дигари арузӣ, ки дар ғазалиёти шоир ба таври вофир истифода шудааст, раҷаз мебошад.

Раҷаз аз баҳрҳои хушоянду ба мусиқӣ қарину гирои аруз аст ва дар луғат ба маъниҳои *бӯрё бофтан, гашти уштур ва навъе аз суруд* тавзеҳ ёфтааст [66, 39]. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки бо зиҳофоташ аз такрори рукни солими - - v - / ба вуҷуд меояд. Аз ин рукн ба таъкиди профессор У.Тоиров 50 навъи он (яъне,

авзони баҳри раҷаз Ҷ. Ҷ. Ҷ.) ба вуҷуд меояд [102, 164]. Бо дарназардошти ҳамаи ин вижагӣ ва истеъмол, ки раҷаз дорад, шоирон, аз он ҷумла устод Озарахш раҷазро дар шаклҳои мусамман, мусаддас ва мусаббағ ба кор бурдаанд.

Навъи авзоне, ки шоир аз онҳо дар сурудани ғазал кор гирифтааст, ба таври зайл аст:

1. Раҷази мусаммани солим: 9 ғазал

*Чашме ба чашме боз шуд, ёрон, муборак бод ишқ,*

*Дил бо диле дамсоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!* [18, 133]

- - v - / - - v - / - - v - / - - v –

*Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун*

2. Раҷази мусаммани музол: 8 ғазал

*Шодӣ чароғак мезанад дар дидаи бедорамон,*

*Ин аввалин гуфторамон ё охирин дидорамон?* [19, 19]

- - v - / - - v - / - - v - / - - v `~

*Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилон*

3. Раҷази мусаммани матвии махбун: 10 ғазал

*Эй назари баланди ту ҳамсухани ситораҳо,*

*Суҳбати хосаат ба чашм аз чамани назораҳо* [18, 3].

- v v - / v – v - / - v v - / v – v –

*Муфтаъилун/ мафоъилун/ муфтаъилун/ мафоъилун*

4. Раҷази мусаддаси солим: 1 ғазал

*Имшаб ба сад суҷуд туро хондам,*

*Бо як ҷаҳон дуруд туро хондам* [19, 148].

- - v - / - - v - / - - v -

*Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун*

5. Раҷази мусаммани матвӣ: 1 ғазал

*Соғари дасти ту ҳастам, пур шавам, холӣ шавам?*

*Ҷон ба фармони ту бастам, пур шавам, холӣ шавам?* [18, 166]

- v v - / - v v - / - v v - / - - v –

*Муфтаъилун/ муфтаъилун/ муфтаъилун/ мустафъилун*

6. Раҷази мураббаи мураффали мутаввал 1 ғазал

*Рухсораҳо зард, э вой, э вой,*

*Аз хоку аз гард, э вой, э вой…* [18, 226]

- - v - - / - - v - ~

*Мустафъилотун / мустафъилотон*

7. Раҷази мусаммани матвии махбуни музол 1 ғазал

*Эй шаби васли ошиқон, боз расиданат ба хайр!*

*Субҳи баноз дар бағал, ноз дамиданат бахайр!* [19, 57]

- v v - / v – v - / - v v - / v – v ~

*Муфтаъилун /мафоъилун / муфтаъилун / мафоъилон*

8. Раҷази мусаммани махбун 1 ғазал

*Меҷӯямат, меҷӯямат чун ҷӯи ташна обро,*

*Мекобамат, меёбамат чун чашми гушна хобро* [19, 61].

- - v - / - - v - / - - v - / v – v –

*Мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мафоъилун*

Мутолиаи арузӣ ва таҳқиқ нишон медиҳад, ки шоир аз 8 навъи авзони баҳри раҷаз истифода намудааст. Аз он ҷумла, раҷази мусаддаси солим ва мусаммани музол аҷиб мебошад.

Аз баҳрҳои дигари солим, ки дар ғазалиёти шоир ба назар расид, мутақориб аст. Мутақориб дар луғат ба маънои *зич, қариб, наздикшаванда* шарҳ дода шудааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни фаъӯлун пайдо мешавад. Азбаски авзони мутақориб оҳанги ҳарбӣ ва ҳамосиро дорад, дар он аксар ашъори ҳамосӣ суруда шудааст. Дар ғазал корбурди авзони мутақориб ба нудрат вомехӯрад. Ғазалсарои маъруфи асри асри 14 Хоҷа Ҳофиз дар баҳри мутақориб танҳо як ғазал гуфтааст. Шайх Саъдӣ асари пандуахлоқиаш «Бӯстон»-ро таълиф намудааст, ки ин падидаро устод М. Солеҳов: «як ҳодисаи ҳайратзо, қиёснопазир ва кашфиёт» [97, 272 ] ба қалам додааст.

Рӯйиҳамрафта дар шеъри шоири муосир ҳам ба вуқуъ пайвастани чунин ҳодиса ғайричашмдошт ва аҷиб буда, аз пайравии муваффақонаи ӯ арзёбӣ

мегардад. Устод Озарахш тавониста, ки ду ғазали худро дар авзони баҳри мазкур сарояд. Аз он ҷумлаи вазни солим:

*Мурад зиндагонӣ ба ин мурдахонӣ!*

*Ба ин мурдахонӣ мурад зиндагонӣ!* [Аз махзани шоир]

v - - / v - - / v - - / v –

*Фаъӯлун / фаъӯлун /фаъӯлун / фаъал*

Ҳамчунин:

*Ватан гуфтам, омад наво аз чаман,*

*Чаманро бинозам, ки нозад чу ман!* [19, 22]

v - - / v - - / v - - / v -

*Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъал*

Ғазали аввал оҳанги шикоятӣ ва тунду танқидӣ дорад, аммо ғазали дигар тараннуми зебоиҳои Ватан буда, мазмуни он ба вазн мувофиқтар мебошад.

Аз баҳрҳои камистеъмоли аслӣ, ки мутадорик аст, дар ғазалиёти шоир дар як маврид ба назар расид. Мутадорикро пас аз Халил ибни Аҳмад Абулҳасан Ахфаши Балхӣ кашф кардааст. Мутадорик дар луғат ба маънои *дарёфтан* омадааст. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни фоъилун пайдо шудааст. Ба таъкиди донишмандон доираи истеъмоли баҳри мазкур дар адабиёти классикӣ танг аст. Аммо дар шеъри муосир онро зиёд ба кор бурдаанд [66, 45-46]. Аз мутадорик вазни мусаммани мақтуъи он дар як ғазали шоир истифода шудааст:

*Як қадам аз қадам бурун рафтам,*

*Аз қадам як қадам бурун рафтам* [18, 141].

- v - / - v - / - - / - -

*Фоъилун /фоъилун /фаълун / фаълун*

Мутадорики мусаммани мақтуъ. Аҷиб ин ки ду рукни солим ва ду рукни баъдӣ зиҳофанд.

Дар ин росто, аз баҳрҳои хоси шеъри арабӣ, ки комил аст, дар ғазалиёти шоир дида шуд. Комил калимаи арабист, маънояш *пурра* мебошад. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни мутафоъилун пайдо шудааст. Аз авзони

баҳри мазкур кор гирифтан дар шеъри тоҷикӣ ба нудрат вомехӯрад. Аммо аҳёнан шоирони мо барои ҷилваи ҳунарӣ аз авзони комил кор мегиранд. Танҳо дар як ғазали шоир корбурди баҳри комилро мушоҳида намудем:

*Ману дарахтон ба шодмонӣ ба сабзазоре нишаста будем,*

*Хуморҳое ба гулфишонӣ зи навбаҳоре шикаста будем* [18, 180].

*v – v - - / v – v - - / v – v - - / v – v - -*

*Мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилотун*

Вазни мазкур ниҳоят аҷиб ба назар мерасад, ки аз ҳунари шоир дарак медиҳад. Намунаеро аз он дар кутуби таҳқиқӣ пайдо накардем. Ба ҳар сурат, баҳри комил нисбат ба дигар буҳури шеъри арабӣ дар шеъри тоҷикӣ корбурди васеътар дорад ва хушоҳанг аст [117, 118].

**Корбурди авзони баҳрҳои фаръӣ дар шеъри Озарахш.** Ончунон ки дар боло ишора шуд, Озарахш баробари буҳури аслӣ ба буҳури фаръӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мувофиқи табъу завқаш онҳоро дар шеъри худ ҳунармандона истифода кардааст. Баҳрҳои фаръӣ шохае аз баҳрҳои аслианд, ки бо иштироки ду рукни солими онҳо арзи ҳастӣ мекунанд. Баҳрҳои фаръӣ нисбат ба баҳрҳои аслӣ зиёд буда, дар системаи арузи Арабу Аҷам ҷойгоҳи вижаро моликанд. Арузшиносон онҳоро ба се гурӯҳ ё худ силсила тасниф намудаанд, ки дар ҳар силсила 3 баҳрӣ ҷой дода шудаанд. Ба силсилаи аввал, баҳрҳои фаръии қариб, музореъ ва мушокил шомиланд, ки аз рукни солими мафоъӣлун ва фоъилотун сохта шудаанд. Ба силсилаи дигар, баҳрҳои ҷадид, хафиф ва муҷтасс дохил мешаванд, ки аз рукнҳои солими фоъилотун ва мустафъилун ба вуҷуд омадаанд. Ба силсилаи сеюм, баҳрҳои сареъ, мунсареҳ ва муқтазаб шомиланд, ки аз рукнҳои мустафъилун ва мафъӯлоту падид омадаанд. Озарахш аз силсилаи якум авзони музореъ, аз силсилаи дуюм авзони хафифу муҷтасс ва аз силсилаи сеюм авзони баҳрҳои сареъ ва муқтазабро ба кор бурдааст.

Чунончи:

**Музореъ** дар луғат ба маънои *монанд* зикр шудааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки асли он аз аркони мафоъилун / фоъилотун падид меояд. Ба қавли профессор

М. Нарзиқул: «Баҳри музореъ ва авзони он аз ҷумлаи серистеъмолтарин вазнҳои шеъри форсии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд» [66, 51].

Аз ин хотир, нисбат ба дигар баҳрҳои фаръӣ ба музореъ бештар мароқ зоҳир намудани шоир тасодуфӣ нест. Намунаи абёте, ки дар баҳри музореъ гуфта шудааст, ба таври зайл аст:

1. Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур: 10 ғазал

*Вақте ки осмон сухан аз боби ишқ гуфт,*

*Пеши замин замон сухан аз боби ишқ гуфт* [18, 26].

- - v / - v – v / v - - v / - v ~

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу /фоъилон*

2. Музореъи мусаммани ахраб: 14 ғазал

*Дишаб сафои рӯят зебову диданӣ буд,*

*Як осмон таҷалло, як моҳ рӯшанӣ буд* [18, 62].

- - v / - v - - / - - v / - v - -

*Мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилотун*

3. Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф: 13 ғазал

*Нӯшинлабе, ки кӯзаи маҳтоб мекашад,*

*Аз Чашмаи Ҳабиб киро об мекашад?* [18, 77].

- - v / - v – v / v - - v / - v –

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун*

4. Музореъи мусаммани ахраби мусаббағ: 6 ғазал

*Шоме, ки мебиёӣ, ойинаҳо ҷавонанд,*

*Дидорҳои ташна ҳамрозу ҳамзабонанд* [18, 90].

- - v / - v - - / - - v / - v – ~

*Мафъӯлу /фоъилотун /мафъӯлу / фоъилиён*

5. Музореъи мусаммани ахраби макфуф: 3 ғазал

*Аз сад замон замона як шеър, як тарона*

*Овардаам нишона як шеър, як тарона* [18, 219].

- - v / - v – v / - - v / - v -

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафъӯлу / фоъилун*

6. Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мусаббағ: 1 ғазал

*Дар сина бе сафоят ҷои тарона холист,*

*Оҳангхона баста, овозхона холист* [18, 97].

- - *v* / - *v* - - / - - *v* / - *v* - ~

*Мафъӯлу/ фоъилоту / мафъӯлу / фоъилиён*

Тавре ки маълум шуд, Озарахш аз авзони маъмулу хушоянди музореъ истифода карда, ғазалҳои ҷолиберо манзури хонандагон намудааст. Минҷумла, **хафиф** аз баҳрҳои силсилаи дуюм ба шумор меравад. Он дар луғат ба маънии *сабук* шарҳ ёфтааст ва дар истилоҳ баҳрест, ки аслашро аркони фоъилотун/ мустафъилун ташкил кардааст. Хафиф аз сабуктарин баҳрҳои арузӣ [66, 53] арзёбӣ шудааст. Озарахш аз вижагӣ ва имконоти баҳри мазкур ба таври зайл истифода кардааст:

1. Хафифи мусаддаси махбуни аслам: 1 ғазал

*Як ту аз гулфишон сухан дорӣ,*

*Дар вуҷуд олами чаман дорӣ* [19, 62].

- *v* - - / *v* – *v* - / - -

*Фоъилотун / мафоъилун / фаълун*

2. Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф: 1 ғазал

*Тоҷикистони тоҷбарсари ман,*

*Манзари офтоби ховари ман!* [19, 103].

- *v* - - / *v* – *v* - / *v v* –

*Фоъилотун / мафоъилун / фаъилун*

Аз намунаҳо ва мутолиоти арузӣ бармеояд, ки шоир танҳо аз ду вазни баҳри хафиф кор гирифтааст.

3. **Муҷтасс** аз силсилаи дуюми буҳури фаръист. Дар луғат ба маънии *аз бех баркандан* тавзеҳ ёфтааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки асли онро рукнҳои мустафъилун / фоъилотун ташкил додааст. Аз ҷумлаи серистеъмолтарин авзони шеърӣ маҳсуб меёбад. Озарахш авзони баҳри мазкурро ба тариқи зерин ба кор бурдааст:

1. Муҷтасси мусаммани махбуни аслам: 8 ғазал

*Дуруди ишқ ба номат, ба номи ширинат!*

*Сафои меҳр ба комат, ба коми ширинат!* [18, 18]

*v – v - / vv - - / v – v - / - -*

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълун*

2. Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур: 3 ғазал

*Ба боғҳо дилу ҷон бастаам дарахт – дарахт,*

*Дар интизори ту биншастаам дарахт-дарахт* [18, 24].

*v – v - / vv - - / v – v - / vv ~*

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилон*

3. Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ: 5 ғазал

*Ҳавои шаҳри ҷавонӣ хуморборон аст,*

*Ки дар хазону зимистон баҳорборон аст* [18, 32].

*v – v - / vv - - / v – v - / - ~*

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълон*

4. Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф: 4 ғазал

*Насими муждарасон, аз замонаҳо чӣ хабар?*

*Фиғон зи фасли хазон! Аз ҷавонаҳо чӣ хабар?* [18, 121].

*v – v - / vv - - / v – v - / vv –*

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

5. Муҷтасси мусаммани махбун: 1 ғазал

*Сапеда бар ту муборак, ту бар сапеда, азизам,*

*Сапедатар зи сапеда биё ба дида, азизам!* [18, 154].

*v – v - / vv - - / v – v - / vv – -*

*Мафоъилун / фаъилотун /мафоъилун / фаъилотун*

Чунонки маълум мегардад, шоир аз панҷ вазни муҷтасс истифода кардааст.

1. **Сареъ** аз нахустбаҳри силсилаи сеюми баҳрҳои фаръӣ мебошад. Дар луғат ба маънии *тез, зуд ва шитоб* шарҳ ёфтааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки аз рукнҳои мустафъилун / мафъӯлоту ба вуҷуд омадааст. Нисбатан баҳри серистеъмол аст. Озарахш авзони онро ба таври зерин истифода кардааст:

1. Сареъи мусаддаси матвии макфуф: 4 ғазал

*Субҳ_ба хайр, эй гули райҳони ман,*

*Сабзтарин барги гулистони ман!* [18, 1].

- v v - / - v v - / - v –

*Муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилун*

Ҳамагӣ як вазни баҳри мазкурро шоир дар 4 ғазали худ ба кор бурдааст.

**5. Муқтазаб** баҳри охирини силсилаи сеюми буҳури фаръист. Дар луғат ба маънии *буридашуда* шарҳ гардидааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки аз рукнҳои мафъӯлоту ва мустафъилун падид омадааст. Озарахш аз авзони баҳри мазкур ба тариқи зерин кор гирифтасст:

1. Муқтазаби мусаммани матвии мақтуъ: 1 ғазал

*Эй баҳори гулпарвар, то ту мерасам, ё не?*

*Нозанини симинбар, то ту мерасам, ё не?* [18, 245].

- v – v / - - - / - v – v / - - -

*Фоъилоту / мафъӯлун / фоъилоту / мафъӯлун*

- v - / v - - - / - v - / v - - -

*Фоъилун / мафоъилун / фоъилун / мафоъилун*

Ҳазаҷи мусаммани аштар аз вазни дигари ин ғазал аст. Тавре ки маълум мегардад, шоир аз муқтазаб танҳо як вазнашро мавриди истифода қарор додааст, ки хушоянду ҷолибу равон асту зубаҳрайн.

Хулоса, Озарахш дар ғазалиёти худ тамоми баҳрҳои солими муштараки шеъри форсии тоҷикӣ ва як баҳри хоси шеъри арабиро низ истифода намуда, маҳорати волое аз худ бармало кардааст. Чунонки мебинем, авзоне, ки шоир истифода кардааст, хушоянд мебошанд, ки ин аз ҳунари мусиқидонии суханвар шаҳодат медиҳад. Зеро қисми зиёди ғазалиёти хешро ӯ дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал ва раҷаз сароидааст. Инчунин, ӯ ба авзони хушоянди буҳури фаръӣ мароқ зоҳир карда, онҳоро ба ваҷҳи аҳсан ба кор бурдааст. Дар ин миён, музореъу мучтасс ба касрати истеъмол ва корбурди авзон дар ҷои аввалу сонӣ ва буҳури дигар баъди онҳо қарор доранд.

### 3.1.1. Нақши қофия дар ашъори шоир

Мо дар фасли панҷуми боби дуюм роҷеъ ба мавқеи қофия дар шеъри озоди Озарахш мушоҳидаҳои худро баён намуда будем. Аз он ҷумла, таъкид карда будем, ки шоир тибқи анъана дар шеърҳои озоди худ ба қофия чандон мутаваҷҷеҳ намешавад. Қофияро танҳо аз рӯи зарурат мавриди корбурди худ қарор медиҳад. Ҳатто дар баъзе бандҳо (фикраҳо) –и шеърҳо озоди ӯ қофия мавҷуд нест.

Аммо қофия дар шеърҳои суннатӣ аз унсурҳои муҳимми шеър ба ҳисоб меравад. Ин ақида дар асари Насируддини Тӯсӣ «Меъёр-ул-ашъор» матраҳ шудааст. Ӯ шеърро каломи қофиядор ва мавзун номидааст. Нимо Юшиҷи навгаро гуфтааст, ки шеъри беқофия «одами беустухон» аст. Адабиётшиноси тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ чунин андеша дорад: «Дар ҳақиқат, гӯш ба воситаи қофияҳо ба ҳаракат медарояд ва эҳсоси лаззат менамояд ва бо омадани ҳамсадоҳо ва садонокҳои мухталиф як навъ лаззат ва хушнудӣ эҳсос мешавад» [54, 384-385].

Ҳақ ба ҷониби Зеҳнист. Қофияи шеър аз унсурҳои зарурии он аст. Хонанда шеъри беқофияро ба хушӣ пазирой намекунад ва агар пазирой кунад ҳам, онро ба осонӣ ҳифз карда наметавонад. Қофияҳо ва калимаҳои хушоҳанг агар дар мавриди худ истифода бурда шаванд, қиммати бадеӣ ва эстетикии шеърро меафзоянд.

Озарахш шоирест, ки дар корбурди қофия хеле эҳтиёткорона ва огоҳона амал мекунад. Дар чаҳорпораҳо ва ашъори суннатии ӯ, бавижа ғазалҳояш қофия чун унсури муҳимми шеър мақоми хос дорад. Масалан, дар шеъри «Ёд кардам...», ки дар шакли чаҳорпора эҷод шудааст, қофия композитсияи шеърро ба танзим даровардa, ба он оҳанги мусиқӣ эҳдо кардааст. Бар замми ин, такрори вожаҳо ба ҳаракати қофия мусоидат намудаанд:

*Салом, эй ёдҳо, эй ёдгорон,*

*Салом, эй бодҳо, эй раҳгузорон.*

*Салом, эй чашмҳои масту ҳушёр,*

*Салом, эй дӯстдорон, дӯстдорон,*

*Шуморо ёд кардам, ёд кардам!* [17, 23].

Дар ин банди шеър калимаҳои «ёдгорон», «раҳгузарон», «дӯстдорон» ҳамқофия буда, такрори калимаҳои «салом», «эй, бодҳо», «дӯстдорон» ва «ёд кардам» мусиқии онро ба авҷи баланд расонидааст. Анъанаҳои қофиябандии чаҳорпора чунин аст, ки мисраи аввал ва мисраи сеюм (яъне, мисраҳои тоқ) одатан аз қофия озод мешаванд. Шеъри «Эй ҳамсафар»-и Озарахш ҳамин гуна хусусиятро касб кардааст:

*Эй ҳамсафар, ки ҳамқадами мои,*

*Роҳи расидаи ту муборак бод!*

*Бар дӯши мо замона гарон омад,*

*Бори кашидаи ту муборак бод!* [17, 25].

Дар ин банди шеър калимаҳои «расида» ва «кашида», ки дар мисраъҳои ҷуфт омадаанд, ба ҳамдигар ҳамқофияанд ва пас аз ҳарфи равӣ бандаки изофӣ «-и» омада, бо радифи «ту муборак бод!» мулҳақ шудааст. Ибораҳои «роҳи расида» ва «бори кашида» аз нуқтаи назари грамматикӣ сифати феълӣ буда, чунин тарзи қофиябандӣ ҳусни кори эҷодии шоир аст.

Озарахш дар чаҳорпораҳо низ ба мусиқии дохилӣ ва канории мисраъҳо диққати махсус медиҳад. Ҳол он ки чунин иқдоми ӯ дар сурудани чаҳорпора шарти асосӣ нест. Масалан, банди дуюми шеъри «Хоби сиёҳ» чунин шакл гирифтааст:

*На садоям ба садоям монад,*

*На навоям ба навоям монад.*

*Дидаам бо назарам бегона,*

*Ҳама савдои сарам бегона...* [20, 25].

Ҳарчанд ки ин шеър дар шакли чаҳорпора эҷод шудааст, ду хусусияти зоҳирии он аз қоидаи чаҳорпораҳои урфӣ фарқ мекунад. Якумаш ин ки панҷ банди аввали он чормисраӣ буда, банди шашумаш аз ду миасраъ иборат аст. Дуюмаш ин ки тарзи қофиябандии он аз рӯйи сохторӣ маъмулӣ нест. Сохтори қофиябандии он чунин аст: банди якум ААБА, банди дуюм ААБА, бандҳои сеюму чоруму панҷум АБВБ, ва банди шашум-АА. Бояд гуфт, ки чунин тарзи

қофиябандӣ дар чаҳорпора аз кӯшишҳои навпардозонаи Озарахш аст. Аз таҳқиқи қофияороии ин шеър бармеояд, ки шоир мазмунро дар хидмати қофия не, балки қофияро дар хидмати мазмун қарор додааст. Хушоҳангтарин банди шеърии фавқуззикр, чуноне ки иқтибос овардем, банди дуюм аст. Вожаҳои ҳамқофияи ин банд дар ду мисраи аввал «садо» ва «наво» буда, «-ям» бандакҷонишини соҳибист, дар ду мисраи минбаъда «назар» ва «сар» ҳамқофия буда, «-ам» бандакҷонишини соҳибӣ мебошад. Ҳамаи калимаҳои ҳамқофия аз исм сохта шудаанд. Такрори ҳиссачаҳои инкории «на», калимаҳои «савдо» ва «наво» инчунин ду радиф –»монад» ва «бегона» ба оҳангнокии ин банди шеър мусоидат кардаанд.

Дар бораи қофия дар китоби Шафеии Кадканӣ «Мусиқии шеър» омадааст: «Метавон қофияро ба навъе тронсфурмотури электрикӣ шабеҳ кард» [72, 98-99].

Ин ташбеҳ асоси илмӣ ва назариявӣ дорад. Тавре ки трансформатор ҷараёни баркро танзим ва ба ноқилҳо ба таври муназзам тақсим мекунад, қофия мазмуни шеърро ба низоми муайян медарорад ва онро ба мисраъҳо қисмат мекунад, дар натиҷаи моҳирона истифода бурдани он ҷараққаҳои маънӣ дар шеър ҳосил мешаванд. Чунин падидаҳои матлуб ва хушоянд дар дар ғазалиёти Озарахш хеле фаровон ба назар мерасанд.

Озарахш табиатан шоири ғазалсаро буда, ба ин навъи шеъри суннатӣ ишқу алоқаи зиёд дорад. Азбаски худи ӯ дар баробари шоири тағаззулпеша буданаш овозхон ҳам ҳаст, таъсири ин пеша дар ғазалиёташ бештар эҳсос мешавад. Чӣ тавре ки қаблан изҳор кардем, жанри суннатии ғазал дар эҷодиёти Озарахш мақоми дараҷаи аввалро касб кардааст. Шоир бар замми дар ин навъи ғиноӣ даст ба навпардозӣ ва офаридани маъниҳои баланд заданаш, ба мусиқии дарунӣ ва берунии он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Дар адабиёти муосири тоҷик хеле каманд шоироне, ки дар баробари маънӣ ба мусиқии ғазал то ин дараҷа эътибори махсус дода бошанд. Таъсири овозхонии шоир дар ғазалиёти ошиқонааш ба мушоҳида мерасад. Ин навъи ғазалиёти шоир аз ҳисоби

калимаҳои ҳамоҳанги паҳлуи ҳамомада, такрори бамаврид ва қофияҳои солиму радифҳои ҷолиб саршори мусиқӣ шудаанд.

Масалан, дар ғазали зерини Озарахш ба иштиёқи шоир нисбати қофия ва калимаҳои ҳамоҳанг дучор меоем. Матлаи ғазал:

*Дилогоҳон, дилогоҳон, дилам танг аст, медонед?*

*Ҳадисам аз мақоми шишаву санг аст, медонед?* [18, 110].

Дар ин байт калимаҳои «танг» ва «санг» ҳамқофияанд. Калимаҳои ба онҳо ҳамқофияшаванда дар забони мо чандон зиёд нестанд. Дар байти мавриди назар қофия аз ду ҳиссаи мустақили нутқ сохта шудааст. Яъне «танг» сифат буда, «санг» исм аст. Аммо чунин тарзи қофиясозӣ ба байт иллате ворид накардааст. Радиф, ки аз феъли мустақил ва аз як феъли ёвар сохта шудааст, қофияро аз лиҳози мазмун тақвият бахшидааст. Инчунин, дар мисраи аввал калимаи «дил» се маротиба такрор шудааст. Пуркорбурдтарин ҳамсадое, ки дар ин байт омадааст, овози «д» мебошад, ки он ҳашт маротиба истеъмол гардидааст. Қофия ва радифҳо чун пӯсту устухон ин ғазалро такмил додаанд. Чунин вазъият дар байти дуюми ғазал низ ба мушоҳида мерасад:

*Нафасгирӣ чӣ душвор аст ҳангоми нафасгирӣ!*

*Ҳамин ҳангома бо ҷонам ҳамоҳанг аст, медонед?* [18, 110].

Вожаи «ҳамоҳанг» ҳамрадифи вожаҳои «танг» ва «санг» аст. Такрори калимаи «нафасгирӣ» дар мисраи аввал ва дар як мисраи дигар овардани калимаҳои «ҳамин», «ҳангома» ва «ҳамоҳанг» хушоҳангии қофияро ташкил додаанд. Дар байти сеюми ғазал низ шоир чунин равиши гуфторро идома додааст:

*Гурӯҳе дар найистони замона ранг мерезанд,*

*Най андар ранг чун омехт, найранг аст, медонед?* [18, 110].

Қофияи ин байт дар калимаи «найранг» мавҷуд аст. Аммо шоир танҳо ба қофия ва радифҳо қаноат накарда, аз санъати дигари суханварӣ суд ҷустааст, ки он таҷнис аст. Таҷнис одатан, бар замми баёнгари ҳусни суханварӣ буданаш, барои ба авҷ расидани мусиқии шеър ба қофияву радиф ёрӣ мерасонад. Ҳамин вазифааш дар байти баррасишуда эҳсос мешавад. Чунин тарзи суханварӣ аз

ҳунарҳои нодири шоирист, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик бештар дар ғазалиёт Шайх Камоли Хуҷандӣ ба мушоҳида мерасад ва албатта, таъсирпазириҳои Озарахш аз ин бузургвор пӯшида нест. Масалан, Шайх Камол чунин фармудааст:

*Гуфтам: Давои дарди диламро хате навис,*

*Гуфто: Давот чун бинависам, давот нест.*

*Доғи ҷафо ба ҷони мани хастадил манеҳ,*

*Рӯзе, ки дар вафот бимирам, вафот нест* [25, 95].

Дар байти аз Озарахш овардаи мо таҷнис дар калимаҳои «най» ва «ранг» мавҷуд аст. Вожаи «найистон» ба маънои аслияш маконеро ифода мекунад, ки дар он ҷо растании най (қамиш) мерӯяд. Аммо дар ин ҷо ба маънои маҷозӣ мавриди корбурди шоир қарор гирифтааст, ки таъкидгари ҷомеаи башарист. Калимаи «най» ба маънои асбои маъруфи мусиқӣ низ меояд. Маънои вожаи «ранг» маъруф буда, он муродифи «лавн» аст. Аммо муроди шоир аз овардани вожаи «найранг» таъкиди макру фиребест, ки имрӯз дар ҷомеаи башарӣ хеле зиёд рух медиҳад. Ин тарзи паҳлугардонии суханро Озарахш дар байти чоруми ғазалаш низ идома додааст:

*Бисӯзад решаи он оштӣ, к-аз ҷанг бархезад!*

*Ҷаҳон бо ҷони ман дар оштиҷанг аст, медонед?* [18, 110].

Дар ин байт қофия дар калимаи «оштиҷанг» буда, шоир аз ду исми ба ҳам муқобилмаъно калимаи нав сохтааст. Дар мисраи аввали он калимаҳои «оштӣ» ва «ҷанг» дар фосилаи пайвандаки «ки» (дар шакли ихтисорааш) ва пешоянди содаи «аз» омадаанд. Дар байти панҷум, шоир қофияро аз сифат сохтааст, ки он «ланг» аст ва дар мисраи дуюм такрор шудааст:

*Ба чашми танги Чингизӣ само хунрез метобад,*

*Ба пои ланги Темурӣ замин ланг аст, медонед?* [18, 110].

Вожаи «фарҳанг», ки исми ҷомеъ аст, бо калимаҳои дар боло овардашуда ҳамқофия мебошад ва дар байти зерин он мусиқие, ки дар байтҳои аввал ба мушоҳида расид, мавҷуд нест:

*Чӣ ҷои осмони тираи таърихи инсонӣ!*

*Замин як пора гӯристони фарҳанг аст, медонед?* [18, 110].

Дар мақтаи ғазали мавриди назар манзара ранги дигар гирифтааст:

*Садо ояд ба гӯшам, Озарахш, аз Зӯҳраи чангӣ,*

*Навои чангатон дар чанги харчанг аст, медонед?* [18, 110].

Дар ин байт Озарахш бар замми исми «харчанг»-ро қофия оварданаш ба бозӣ дорондани калимаҳо даст бурдааст. Аммо ин бозӣ аз тариқи ҳунари шоирӣ сурат гирифтааст. Дар як байт чор маротиба овардани вожаи «чанг» ва бо аҳдофи гуногун истеъмол кардани он ҳам ба тақвияти мазмун мусоидат кардааст ва ҳам мусиқии онро ба авҷи баланд расонидааст. Дар мисраи аввал ибораи «Зӯҳраи чангӣ» маҷозӣ буда, ишоратест ба ривояти мутрибаи фалак будани ин Сайёра. Дар мисраи дуюм «чанг» ба маънои асбоби мусиқӣ омадааст. «Чанг»-и дуюми ин мисраъ ба маънои «чангол» истеъмол шудааст. «Чанг»-е, ки дар таркиби вожаи мураккаби «харчанг» омадааст, барои ишора ба бурҷи Саратон, ки номи тоҷикияш харчанг аст, хидмат кардааст.

Мусаллам аст, ки аз як ҳиссаи нутқ офаридани қофия аз ҳасаноти кори шоир аст:

*Хез, модар, ки мусофирписарат омадааст,*

*Писари дар ба дарат пеши дарат омадааст* [18, 39].

Дар ин байт, ки аз ғазали мураддаф иқтибос овардем, калимаҳои «мусофирписарат» ва «дарат» ҳамқофия буда, ҳарду исми моддиянд. Бар замми ин, дар матлаъ ҳамнишинии калимаҳои «модар», «мусофирписар», «писар» ва «дар» (3 маротиба) ба авҷи мусиқии он мусоидат кардаанд, яъне қофияи дарунӣ ба қофияи канорӣ тақвият бахшидааст. Чунин бархӯрдҳои шоир бо қофияҳои даруниву канорӣ кам нестанд. Озарахш зимни такроран овардани калимаҳои қофияшаванда дар матлаи ғазали дигар низ ба чунин иқдом даст задааст:

*Оташи наззора бар наззорае афтодааст,*

*Гармии истора бар исторае афтодааст* [18, 39].

Аз ҳисоби ҳисссаҳои гуногуни нутқ овардани қофия дар баъзе ғазалиёти шоир ба мушоҳида мерасад. Масалан, чунин ҳолатро дар ғазали зерини Озарахш дидан мумкин аст:

*Замин сахт аст, ё ин зиндагонӣ,*

*Ҳаво сард аст, ё фасли ҷавонӣ?*

*Ҷаҳон танг аст, ё пироҳани ман,*

*Намеғунҷам дар ин дунёи фонӣ!*

*Намехоҳам, намехоҳам, ки бинам*

*Баҳорамро ба ранги заъфаронӣ...* [18, 241].

Дар оғози ғазали мавриди назари мо вожаҳои «зиндагонӣ», «ҷавонӣ», «фонӣ», ва «заъфаронӣ» ҳамқофия буда, ду калимаи аввал –«зиндагонӣ» ва «ҷавонӣ» исмҳои маънӣ мебошанд. Ду калимаи дигар –«фонӣ» ва «заъфаронӣ» сифатҳои аслианд.

Агар шоир қабл аз эҷоди шеър қофиябандӣ кунад, таҷрибаҳои эҷодӣ нишон додаанд, ки он шеър маснуӣ мебарояд ва ба дилҳо роҳ намеёбад. Аммо беҳтарин шеър он аст, ки ҳангоми эҷод қофияҳо бе мушкилӣ ва бе ҷустуҷӯи зиёд вориди мисраъҳо шаванд. Ҳамин гуна ҳолат дар ашъори Озарахш ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар ғазали зерини ӯ қофияҳо ба осонӣ ба даст омадаанд. Шоир ба такаллуф роҳ надодааст:

*Шабҳои мо сафеданд, маҳтоб зинда бошад,*

*То хоби мост равшан, ин хоб зинда бошад* [18, 79].

Дар ин байт, ки матлаи ғазал аст, калимаҳои «маҳтоб» ва «хоб» ҳамқофия шудаанд, ки ҳарду ҳам исманд. Шоир қофияҳоро ба осонӣ, бо дарназардошти таносуби сухан вориди байт кардааст. Яъне, василаи сафедии шабҳо маъмулан маҳтоб аст. Ҳар кас зинда будани хоби равшанро таманно менамояд, аз хоби тира ҳама безоранд. Дар байти дуюм, ки давоми мантиқии байти аввал аст, калимаи «шодоб» қофия буда, ҳамин равиши эҷодиро шоир пайгирӣ кардааст:

*Шеъри сафеди моро шаҳди сапедаҳо дод,*

*Ин рӯзгори шоду шодоб зинда бошад* [18, 79].

Калимаи «шодоб» сифати аслист, аммо он бо калимаҳои байти матлаъ бе мушкилӣ ҳамқофия шудааст. Шоир зимни ба ҳисоб гирифтани рӯзгоре, ки шеъри сафедашро шаҳди сапедаҳо додааст, онро шоду шодоб арзёбӣ кардааст ва қофия низ аз ҳамин маънӣ бархостааст:

*Шаб номае навиштам бар шаҳриёри Тӯсӣ,*

*Бигзор пеши Рустам Суҳроб зинда бошад* [18, 79].

Дар ин байт, «Суҳроб» исми хос буда, бо калимаи «шодоб» ҳамқофия шудааст. Озарахш зимни корбурди санъати киноя, ки «Шаҳриёри Тӯсӣ» киноя аз Фирдавсист, инчунин санъати талмеҳ, ки ишора ба саргузашти Рустам аст, вожаи «Суҳроб»-ро қофияи байт қарор додааст, яъне ин қофия беҳад осон ба даст омадааст. Байти дигари ғазал:

*Сабз аст то Бухоро аз гиряи Зарафшон,*

*Дар домани Душанбе Варзоб зинда бошад!* [18, 79].

Таносуби дарё ва шаҳрҳо дар мисоли Бухорову Зарафшон ва Душанбеву Варзоб қофияро ба дунбол овардааст, ки он «Варзоб» буда, исми хос аст. Чунин ҳолати тасвир дар байти дигар низ эҳсос мешавад:

*То тоб мезанад дил дар зулфи печ-пече,*

*Ин тоб зинда бошад, он тоб зинда бошад* [18, 79].

Дар ин байт, шоир калимаи омехтаи «печутоб»-ро ду пора карда, онро дар шакли «тоб» ва «печ-печ» мавриди истифода қарор додааст. Ҳамчунин, вожаи «тоб додани дил» киноя аз изтироб буда, дар мисраи дуюм, «тоб»-и дуюм ишора ба печутоби зулфи маъшуқа аст, ки он вазифаи қофияро адо менамояд.

Аммо дар мақтаи ғазал вазъият ранги дигар гирифтааст, ки хилофи қайдҳои болоист:

*Бо ёди зинда будан оҳанги ёр кардем,*

*Оҳанги зинда будан дар ёд зинда бошад!* [18, 79].

Бояд таъкид намуд, ки дар ин байт қофия мавҷуд нест. Пеш аз радиф ки «зинда бошад» аст, калимаи «ёд» омадааст. Албатта, он бо вожаҳои зикршудаи «маҳтоб», «хоб», «шодоб», «Суҳроб», «Варзоб» ва «тоб», ба ҳеҷ ваҷҳ ҳамқофия шуда наметавонад. Танҳо аз лиҳози оҳанги садоноки «о» ба онҳо андаке қаробат дорад. Дар ҳамин ҳолат ҳам калимаи «ёд» ба қоидаи қофияҳои маъюб ва шойгон низ мувофиқат карда наметавонад. Озарахш баъзан, қофияҳои маъюб ва шойгонро низ дар шеъри худ мавриди истифода қарор медиҳад, ки ин ҳолат дар эҷодиёти ӯ ба нудрат вомехӯрад.

Хулоса, қофия дар ашъори Озарахш аз аркони муҳим ва созанда маҳсуб меёбад. Шоир бо мақсади такомули мусиқии шеъраш аз он васеъ истифода мебарад. Алалхусус, дар ғазалиёти ӯ қофияҳои хушоҳанг ва солим фаровон буда, муаллиф онҳоро аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва бештар аз ҳама, аз исму сифат мавриди корбурди худ қарор додааст. Аксарияти қофияҳои шеъри Озарахш табиӣ буда, онҳо ҳосили андешаҳои ӯ дар сари мантиқ ва таносуби сухананд. Қофияҳои шойгон ва маъюб дар шеъри шоир хеле кам ба мушоҳида мерасанд.

### 3.1.2. Радиф дар ашъори Озарахш

Радиф дар шеъри форсӣ – тоҷикӣ чун қофия нақши муайян дорад. Вай пас аз ҳарфи равӣ, яъне ҳарфи охирини қофия меояд. Мусаллам аст, ки классикони адабиёти мо вазни арузро аз арабҳо омӯхтаанд. Қофиябандиҳои ашъори арабӣ ба шеъри мо таъсири амиқ расонидааст. Аммо радифи шеър ихтирои худи форсизабонон буда, он ба илми қофия алоқамандӣ дорад. Дар асрҳои миёна ва баъдтар дар ашъори арабзабонон радифҳо пайдо шуданд, ки ин ҳодиса зери таъсири форсизабонон ба вуқуъ пайвастааст. Шамси Қайси Розӣ дар асари маъруфи худ: «Ал-муъҷам» радифро чунин таъриф кардааст: «Радиф калимае бошад мустақили мунфасил аз қофия, ки баъд аз итмоми он дар лафз ояд бар ваҷҳе, ки шеърро дар вазну маънӣ бад-он ҳоҷат бошад ва ҳамон маънӣ дар охири ҷумлаи абёт мутакаррар шавад... ва чун калимаи радиф дар мавзеъи хеш мутамаккин наафтад, яъне аз рӯйи маънӣ бар он эҳтиёҷ набувад, маъйиб бошад» [91, 210-211].

Шамсӣ Қайси Розӣ радифро калимаи мустақил ва аз қофия ҷудо арзёбӣ кардааст. Аз устод Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ сар карда, то имрӯз шоирон шеърҳои мураддаф (радифдор) эҷод мекунанд ва дар аксари он сурудаҳо радиф ба ҷузъиёти муҳим ва ҳатто ҳалкунанда шомил шудааст.

Дар адабиёти имрӯзи тоҷик низ радифҳо дар қатори қофия чун қисми таркибии шеър маънидод мешаванд. Шеърҳои мураддаф миёни ҳаводорони сухан маҳбубияти бештареро касб кардааст Озарахш низ аз шумули он

шоиронест, ки ба радифи шеър таваҷҷуҳи хос дорад. Радифҳои дар шеъру ғазал истифода бурдаи ӯ гуногунранг ва тару тозаанд. Озарахш радифҳоро асосан, бо ду мақсад мавриди корбурди худ қарор медиҳад: а) бо мақсади таъмини мусиқии канории шеър; б) бо мақсади тақвияти мазмуни байтҳо. Масалан, дар ғазали зерин ҳардуи ҳамин мақсадҳо мушоҳида мешаванд:

*Ту ба айём чӣ додӣ, ки бибояд гирӣ?*

*Пайку пайғом чӣ додӣ, ки бибояд гирӣ?*

*...Кош як ҳарфи сипос аз лаби ту бармехост,*

*Ғайри дашном чӣ додӣ, ки бибояд гирӣ?* [19, 52].

Дар ин пораи ғазал радифи омехта мавҷуд буда, аз ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ таркиб ёфтааст, ки он «чӣ додӣ, ки бибояд гирӣ» мебошад. Дар ин ҷо «чӣ» ҷонишини саволӣ, «додӣ»-феъл, «ки» пайвандаки тобеъкунанда, «бибояд гирӣ»-сиғаи шартӣ –хоҳишмандист. Калимаҳои «айём», «пайғом» ва «дашном» ҳамқофия мебошанд. Радиф бар замми мусиқии канории байтҳоро таъмин намуданаш, мазмуни онҳоро пурра ва равшан кардааст. Радифи ин ғазал аз ҷиҳати маънову мақсад ва интонатсия саволӣ мебошад. Чунин тобиши саволии радиф дар ғазали зерин низ ба чашм мерасад:

*Дӯстон, аз якдигар душмантарошӣ то ба кай?*

*Рӯ ба рӯ хандида аз пас дилхарошӣ то ба кай?* [19, 85].

Ҳамон вазифаро, ки радифи «чӣ додӣ, ки бояд гирӣ» ифо менамуд, ҳамин радиф, яъне «то ба кай» низ дар ғазали мавриди назар иҷро менамояд. Аммо миёни ин ду радифи дорои тобиши саволӣ ду фарқияти ҷиддӣ низ мавҷуд аст. Аввалаш ин ки радифи ғазали аввала сохтаи худи Озарахш буда, радифи дуюм офаридаи классикон аст. Сониян, ин радифҳо аз лиҳози сохт ва таркиби грамматикиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мо дар боло таркиби радифҳои авваларо муайян намудем. Радифи мавриди назар бошад, аз «то»-пешоянд, «ба»-пешоянд (ҳарду як пешоянди таркибӣ) ва «кай» ҷонишини саволӣ ташаккул ёфтааст.

Озарахш на танҳо дар жанри суннатии ғазал, ки дар ин бора андешаронии худро идома хоҳем дод, инчунин дар жанрҳои шеъри озод ва чаҳорпора низ

радифҳоро огоҳона ва пайгирона мавриди корбурди худ қарор додааст. Аммо бояд қайд намуд, ки истифодаи радиф дар шеърҳои озоди ӯ хеле кам ба назар мерасад. Зеро табиати ин навъи шеър ҳаминро тақозо мекунад.

Мавҷудияти радиф ва мавқеи он дар шеъри озод аз рӯйи байт не, балки аз рӯйи банд (фикра) муайян карда мешавад. Масалан, дар шеъри озоди Озарахш, ки «Гуфтугӯ» ном дорад ва аз панҷ банд иборат аст, дар ду мисраи аввали банди якум радиф нест, аммо дар ду мисраи дигараш радиф мавҷуд аст:

*Оҳ, эй ситорагон,*

*Эй нуриёни силсилагесуи осмон.*

*Имшаб ба рӯдхонаи чашмам вузӯ кунед,*

*Бо ашкҳои ғамбасарам гуфтугӯ кунед* [17, 24].

Дар банди мавриди назари ин шеър калимаи «кунед» радиф буда, аз феъли фармоиш таркиб ёфтааст. Дар панҷ мисраи банди дуюм радиф се маротиба такрор шудааст:

*Имшаб дароз нест,*

*Имшаб ба қадри фосилаи умри булбул аст*

*Ё муддати шукуфтани як ғунчаи гул аст.*

*Гарчи намози хуфтани мо то саҳаргаҳист,*

*Арзи ниёзҳои дили зор мушкил аст...* [17, 24].

Дар ин банд «аст» радиф буда, бо феъли ёвар ифода шудааст. Шоир дар корбурди радиф дар шеъри озод озодона амал мекунад. Дар ин маврид, радифро бо мақсади таъмини мусиқии канории шеър не, балки бо мақсади ифодаи мазмун кор мефармояд. Дар банди сеюми шеъри фавқуззикр, дар шаш мисраи шомили банд радиф вожаи «не» буда, бо ҳиссачаи инкорӣ ифода шудааст. Банди чоруми шеър радиф надорад. Аммо дар банди панҷум радифи банди якуми шеър ҳамроҳи мисраъҳои сеюму чорум такроран омадааст.

Корбурди радиф назар ба шеърҳои озод дар чаҳорпораҳо зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Дар шеъри «Шабоҳанг»-и Озарахш, ки аз панҷ банди чаҳорпораӣ таркиб ёфтааст, дар бандҳои якум ва панҷум радиф ба назар мерасад:

*Инак, ба номи неки ту оғоз мекунам,*

*Ин нома-ин паёми наворези хешро.*

*Бар торҳои нури само захма мезанам,*

*Сар мекунам суруди шабовези хешро...*

*Имшаб ситораи дили танҳои осмон*

*Ашки шарорабори маро нӯш мекунад.*

*Яъне, ба номи неки ту овоз медиҳам,*

*Зеро Худо суруди маро гӯш мекунад...* [17, 29].

Дар банди аввал калимаи «хешро» радиф буда, аз ҷонишини нафсӣ-таъкидии «хеш» ва пасоянди «-ро» таркиб ёфтааст. Дар банди охир калимаи «мекунад» радиф аст. Ин радиф аз феъли ёрирасони замони ҳозира-оянда сохта шудааст. Радифҳое, ки Озарахш дар чаҳорпораҳои худ истифода мебарад, бештар бо мақсади таъкиди фикри ӯ хизмат мекунанд. Доктор Шафеии Кадканӣ қайд мекунад, ки: «Радиф яке аз неъматҳои бузурги шеъри форсӣ аст, ба шарти он ки балои ҷони маонӣ ва эҳсоси шоир набошад» [72, 168].

Озарахш дар корбурди радиф ба исроф роҳ намедиҳад. Вай эҳтиёткорона амал мекунад, то ин ки радифҳои ашъораш танҳо дар созмон додани шакл ва ташаккули мусиқии канории шеър хизмат карда, аз баёни мазмун фориғ нашаванд. Яъне, радифҳо бар замми иҷрои ин вазифа дар пурратар ифода кардани мазмунҳои баланд низ хизмат кунанд, маъниҳоро ифода намоянд ва эҳсоси муаллифро халалдор накунанд. Масалан, дар ин ғазал:

*Худоро илтиҷо дорам, ки дардатро ба ман бахшад,*

*Дилатро гарм созад, оҳи сардатро ба ман бахшад* [19, 88].

Дар ғазали мавриди назар радиф «ба ман бахшад» буда, аз пешоянди «ба», ҷонишини «ман» ва феъли «бахшад» таркиб ёфтааст.

Тавре ки қаблан таъкид намудем, қисми зиёди ашъори Озарахшро ғазал ташкил менамояд. Аз ин сабаб, дар асоси ғазалҳои ӯ таҳқиқ кардани радиф ба манфиати кор аст. Зеро табиати ғазал ба радиф ба хубӣ созгор меояд. Тибқи таҳқиқоти муҳаққиқ Шафеии Кадканӣ 80 дарсади ғазалиёти форсӣ дорои радиф мебошанд.

Муҳаққиқи тоҷик Шодиқул Шарифов радифҳои «Девони ишқ»-и Озарахшро мавриди таҳқиқ қарор дода, таъкид намудааст, ки аз 250 ғазали ин девон 215 ғазал мураддафанд. Тибқи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ бо феъл 160 радиф сохта шуда, бо исм 23 радиф, бо ҷонишин 16 радиф, бо сифат 7 радиф ба назар мерасад. Озарахш бо зарф, нидо ва ҳатто пайвандак низ радиф сохтааст [51, 221].

Шоир аз ҳама имконоти забон мехоҳад, ки истифода барад. Ӯ барои сохтани радиф баъзан, ба гӯйишҳои мардумӣ, яъне забони зиндаи халқ низ такя мекунад, ки радифи ғазали зерин маҳсули ҳамин амали ӯст:

*Он қадар ҳолпарешонам, ки...*

*Синагирёнаму хандонам, ки...*

*Рӯ ба рӯи худу оинаи вақт*

*Чашм бикшодаму ҳайронам, ки...* [18, 223].

Дар ин ғазал, ки шомили 11 байт аст, радиф бо пайвандаки «ки» сохта шудааст. Чунин радифсозӣ хоси худи Озарахш буда, дар ашъори дигар шоирони муосири мо ба мушоҳида намерасад. Дар забони зиндаи халқ, алалхусус, дар гӯйишҳои мардуми водии Зарафшон ин гуна ифода мавҷуд аст. Масалан, мардум ҳангоми хасташавӣ чунин иброз менамоянд: «Ҳамин қадар хаста шудам, ки...» Ё ҳангоми эътироз мегӯянд: «Он қадар ба дилам задӣ, ки...» Мақтаи ғазал низ ба ҳамин равиш ҷамъбаст шудааст. Радифҳо аз оғоз то анҷом ба касрати амал ишора мекунад:

*Озарахш, аз ҳама роз огоҳам,*

*Боз ҳам ҳеҷ намедонам, ки...* [18, 223].

Бояд қайд кард, ки радифсозиҳои Озарахш баъзан, ба такаллуф печида, танҳо хидмати шаклро ба ҷо меоваранд, аммо дар ифодаи маъно чандон саҳм гирифта наметавонанд:

*Дилатро ғарқи гул бикшодаӣ, аммо... вале... лекин,*

*Каломе пушти лаб бинҳодаӣ, аммо... вале... лекин.*

*...Ба майлу хоҳиши худ Озарахшатро ишорат кун,*

*Ки баҳри омадан омодаӣ, аммо... вале... лекин...* [18, 205].

Агар ҳадафи шоир бо пайвандак сохтани радиф бошад, танҳо яке аз он пайвандакҳо кофист, ду пайвандаки дигар дар ин ҷо ба ҷуз аз пур кардани мисраъҳо нақши абадие надоранд.

Метавон радифҳои дар ғазали Озарахш мавҷудбударо аз рӯйи ҳаҷму таркиб ба радифҳои калимагӣ, иборагӣ таркибиву гурӯҳи калимаҳо ва ҷумлаҳо тақсим кард. Қариб панҷоҳ дарсади радифҳои сохтаи Озарахш радифҳои калимагиянд. Масалан, дар ғазали зер:

*Тоҷикистони тоҷбарсари ман,*

*Манзари офтобу ховари ман!*

*Қиссаи кӯҳу чашмаву дарё*

*Дар назаргоҳи моҳу ахтари ман!* [19, 103].

Радифи ин ғазал аз як калима-«ман» сохта шудааст, ки он радифи ҷонишинӣ мебошад. Ин радиф бе ягон такаллуф сохта шуда, ба ифодаи маъно ва тақвияти фикр мусоидат кардааст. Радифи мазкур тоза набошад ҳам, табиист.

Баъд аз радифҳои калимагӣ дар ғазалиёти Озарахш радифҳои иборагӣ мақоми муайян доранд:

*Шод омадӣ, баҳор, баҳори азизи ман,*

*Гулрезу зарнигор, нигори азизи ман.*

*Дар мақдамат замину замонро сурур кошт,*

*Дунёи беканор, канори азизи ман...* [18, 201].

Дар ин ғазал пас аз қофия (баҳор, нигор, канор...) радифи иборагӣ омадааст, ки вай «азизи ман» аст ва он ибораи ҷонишинӣ мебошад.

Аз гурӯҳи калимаҳо сохтани радиф низ дар ғазалиёти Озарахш ҳодисаи маъмулист. Ин ҳодиса дар ғазали зерин ба назар мерасад:

*Шитобон меравад дарё, азизам, хайр, то дидор!*

*Надорад аҳд ин дунё, азизам, хайр, то дидор!*

*Ҳадиси омадан аз рафтан оғози дигар дорад,*

*Зи ҳар лаҳза, ба ҳар ашё, азизам, хайр, то дидор!* [19, 105].

Радифи ин ғазал «азизам, хайр, то дидор» буда, аз 4 калима сохта шудааст, ки «азизам» исм буда, «хайр»-нидо, «то»-пешоянд ва «дидор» исм аст. Аммо дар ин ғазали ошиқона калимаи «азизам» ба вазифаи мухотаб омада, вожаҳои « хайр, то дидор» дар якҷоягӣ ба вазифаи нидои таркибӣ омадаанд.

Радифҳои ҷумлагӣ дар ғазалиёти Озарахш мақоми махсусро касб кардаанд, ки онҳо бо роҳҳои гуногуни грамматикӣ сохта шудаанд:

*Эй шеваат шеъри равон, шод омадӣ бар ҷони ман!*

*Шевонаво, ширинравон, шод омадӣ бар ҷони ман!* [18, 202].

Дар матлаи ин ғазал пас аз қофия радиф омадааст, ки он «шод омадӣ бар ҷони ман» мебошад. Ин радиф аз як ҷумлаи содаи яктаркиба ташаккул ёфтааст, ки дар он мубтадо вуҷуд надорад. «Шод»-ҳоли тарзи амал буда, «омадӣ»-хабар аст ва «бар ҷони ман» –ҳоли макон аст. Хабар тибқи тақозои вазн дар мобайни ҳоли тарзи амалу ҳоли макон омадааст.

Радифи дигари ҷумлагиро дар ғазали дигар мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

*Ҳар куҷо ёдам намоӣ, дон, ки ёдат кардаам боз,*

*Ёдгардонам биёӣ, дон, ки ёдат кардаам боз* [19, 86].

Радифи ҷумлагии ин ғазал «дон, ки ёдат кардаам боз» мебошад. Агар аз нуқтаи назари наҳв таҳлил намоем, ба натиҷа мерасем, ки ин радиф аз як ҷумлаи мураккаби тобеъ ташаккул ёфтааст. «Дон» сарҷумла буда, «ки» пайвандаки тобеъкунанда ва «ёдат кардаам боз» ҷумлаи пайрави пуркунанда аст. Зеро он ба саволи сарҷумла, ки «чиро?» аст, ҷавоб медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки сарҷумла танҳо аз як калима –«дон» иборат буда, он ҷумлаи содаи яктаркиба аст ва мубтадо надорад, яъне хабар танҳо омадааст.

Аз ҷумлаи мураккаб сохтани радиф ҳодисаест, ки дар ғазали имрӯзи тоҷик ба нудрат вомехӯрад. Дар ин ҷода таҷрибаи радифсозии Озарахш қобили қайд аст. Баррасии радифи ғазали зеринро зарур мешуморем:

*Хирмани хуршедро гуфтам кашам, борон намонд,*

*Махзани хуршедро гуфтам кашам, борон намонд.*

*Мӯқалам аз гулшани рангаш гирифтам бо умед,*

*Гулхани хуршедро гуфтам кашам, борон намонд* [20, 132].

Радифи ин ғазал тӯлонӣ буда, аз ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак таркиб ёфтааст, ки аз ду ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ иборат аст. Ҷумлаи содаи якум «Хуршедро гуфтам кашам» ва ҷумлаи содаи дуюм «Борон намонд» мебошад. Мусаллам аст, ки ҷумлаи содаи аввал яктаркиба буда, мубтадо надорад. «Хуршедро» – пуркунанда буда, «гуфтам кашам» хабар аст. Ҷумлаи содаи дуюм дутаркибаи хуллас аст, зеро аз як мубтадо (борон) ва як хабар (намонд) иборат аст.

Бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохтани радиф собиқаи дерина дорад. Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бештар аз феълҳо радиф сохтааст. Масалан, ғазалҳои «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме», «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд» аз ҳамин қабиланд. Дар асрҳои минбаъда радифсозӣ бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ, аз он ҷумла исм, сифат, зарф, шумора, нидо, ҳиссача ба ҳукми анъана даромад. Ин анъана дар шеъри имрӯзи тоҷикӣ идома дорад ва радифсозиҳои Озарахш низ аз он ҷумла истисно нестанд. Китоби «Ояндаҳо» фарогири сад ғазали шоир буда, нахустин ғазалаш дорои радифи калимагӣ мебошад:

*Эй дафтари боумед бикшодаи дил,*

*Сарномаи зиндагии озодаи дил* [19, 3].

Дар ғазали мавриди назари мо радифи калимагӣ «дил» буда, исми моддист ва қофияҳои ғазалро бо низоми муайян аз паси худ мебарад. Қофияҳои ғазал бошанд, сифатҳо ва хусусиятҳои дилро мукаммал ва бозгӯ мекунанд. Озарахш дар баъзе ғазалҳояш аз феълҳои ёвар суд ҷуста, бо онҳо радиф месозад:

*Оқибат ойинаро дидорамон дилгир кард,*

*Як назар акси ҷавониро гирифту пир кард* [19, 9].

Дар ин байти ғазал калимаи «кард» радиф буда, бо феъли ёвари замони гузаштаи наздики шуҳудӣ ифода ёфтааст. Бо феъли фармоиш сохтани радиф дар ғазалиёти шоир оҳанги амрӣ мегирад:

*Субҳи мурод мерасад, боғ бирав, самар бихӯр,*

*Дида ба равшанӣ кушо, нур бубин, назар бихӯр!* [19, 39].

Дар байти мазкур калимаи «бихӯр» феъли фармоиш буда, чун радиф як силсилаи феълҳоро ба худ тобеъ намудааст: «мерасад»- феъли замони ҳозира–оянда «бирав», «кушо» ва «бубин» низ феълҳои фармоишанд. Имконияти радифшавии феъл назар ба дигар ҳиссаҳои нутқ фарохтар аст. Аз ҳамин ҷост, ки ағлаби радифҳои офаридаи классикон бо ҳамин ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд. Дар ғазали дигар Озарахш бо феъли мустақилмаъно радиф сохтааст:

*Фариштагони самоӣ ба хок пайвастанд,*

*Ба рӯзгори азизони пок пайвастанд* [19, 41].

Дар ин байт вожаи «пайвастанд» радиф буда, бо феъли замони гузаштаи наздики шуҳудӣ ифода ёфтааст. Лозим ба тазаккур аст, ки серистеъмолтарин ҳиссаи нутқе, ки Озарахш дар радифсозӣ аз он манфиат ҳосил кардааст, феъл аст.

Шоир баъзан, дар радифсозӣ аз сифат ҳам истифода мебарад. Масалан, дар ин ғазал:

*Зарра-зарра мешавад мӯҳо сафед,*

*Сабзаҳои ришу абрӯҳо сафед* [18, 109].

Дар ин ҷо калимаи «сафед» сифати аслӣ буда, ифодакунандаи манзараи фасли пирии одамизод аст. Ба фикри мо, агар шоир дар мисраи аввал ба ҷои калимаҳои такрори «зарра-зарра», «тора-тора»-мегуфт, мантиқи гуфтораш мушаххастар ва устувортар мешуд.

Озарахш бо ҷонишин ҳам радифҳои муносиб ва аз нигоҳи мантиқ устувор меофарад, ки намунаашро дар ғазали зерин мебинем:

*Меравам аз шаҳри ту ҳамчун Камол аз шаҳри хеш,*

*Аз барат мебигзарам монанди хеш аз баҳри хеш* [18, 132].

Дар ғазали мавриди назар ҷонишини нафсӣ – таъкидии «хеш» (худ) радиф буда, тамоми қофияҳоро ба худ аз лиҳози мазмун тобеъ кардааст.

Озарахш бо истифода аз сифат низ гоҳ-гоҳ радиф месозад. Мисолашро дар матлаи ғазали зерин аз назар мегузаронем:

*Баҳор омада, чашмони лолаҳо равшан!*

*Чароғи ишқ ба ҳомуну ёлаҳо равшан!* [18, 194].

Дар ғазали зикршуда вожаи «равшан» сифати аслист, ки ба низоми қофияҳо мусоидат мекунад ва баъзан, дар байтҳои алоҳидаи ғазал тобиши амрӣ ҳам мегирад.

Бо ҷонишини шахсӣ сохтани радиф тобиши лирикии ғазали Озарахшро меафзояд:

*Эй садои омаданҳоят муборакбоди ман,*

*Омаданҳоят муборак бод, бар милоди ман* [18, 195].

Радифи ин ғазал ҷонишини шахси якуми шумораи танҳо «ман» буда, тамоми қофияҳоро ба худ тобеъ кардааст ва ба истеҳкоми маънии ғазал мусоидат намудааст. Озарахш бо ҳамин радиф боз ҳафт ғазали дигар эҷод кардааст, ки онҳо дар китоби «Девони ишқ» ба нашр расидаанд.

Шоир баъзан вақт, бо зарф низ радиф месозад, ки ин гуна радифсозӣ назар ба ҳиссаҳои дигари нутқ камтар воқеъ мегардад:

*Бодбезан мезанад гулёсуман ин субҳидам,*

*Дар баҳори нозанин атри чаман ин субҳидам* [18, 145].

Дар ин байт таркиби «ин субҳидам» радиф буда, бо зарфи замон ифода шудааст.

Сохтани радиф бо ҳиссаҳои номустақили нутқ дар ғазалиёти Озарахш ба мушоҳида мерасад. Масалан, ӯ бо ҳиссача чунин радиф сохтааст:

*Ватан гирён, ки шоир рафт, афсӯс!*

*Сафар омад, мусофир рафт, афсӯс!* [20, 96].

Радифи ин сӯгнома «рафт, афсӯс!» буда, аз ду ҳиссаи нутқ сохта шудааст, ки «рафт»-феъли замони гузаштаи наздики шуҳудӣ ва «афсӯс» ҳиссача аст.

Шоир баъзан вақт барои ифодаи ҳиссиёт ва ҳаяҷони худ аз нидо радиф месозад, ки мисоли равшанаш ғазали зерин аст:

*Замон аз мо гурезон аст ё мо аз замон, ё ҳу!?*

*Ҷаҳон аз мо парешон аст ё мо аз ҷаҳон, ё ҳу!* [20, 85].

Дар ин ғазали мавриди таҳлили мо нидои таркибии «ё ҳу!?» радиф аст ва таажҷубу изтироби ботинии шоирро ифода намудааст.

Хулоса, радиф дар қатори қофия аз аносири муҳим ва созандаи ашъор, алалхусус ғазалиёти Озарахш буда, бар замми мусиқии онҳоро афзоиш доданаш дар истеҳкоми маъниҳои баланд саҳм мегирад. Дар ашъори ин шоир радифҳои тару тоза фаровонанд. Дар радифсозӣ Озарахш таҷрибаи зиёде касб кардааст. Радифҳои сохтаи ӯ на танҳо калимагию иборагианд, инчунин онҳо ҷумлагӣ низ мебошанд. Озарахш дар корбурди радиф эҳтиёткорона амал мекунад. Ӯ қариб аз ҳисоби ҳамаи ҳиссаҳои нутқ радифҳои қобили қабул сохтааст.

## 3.2. Тасвир ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш

Тасвиргароиҳои Озарахш ва бозёфтҳои шоиронаи ӯ ба ҳам робитаи зич доранд. Зеро шоир дар раванди тасвирсозиҳо аксар вақт кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бозёфти шоиронае ба даст орад. Тавре ки доктор Алиасғари Шеърдӯст қайд мекунад, ки: «Тасвир ё имажи (аз ин ҷо имажинизм) шоирон дарвоқеъ, натиҷаи коркарди хаёл (бар мабнои ҷавҳари шеър) дар бистари забон мебошад» [113, 27].

Дар тасвирҳои Озарахш тахайюл баъзан, бо воқеият гиреҳ мехӯрад, ки ин бурди ӯст.

Масалан, шоир дар шеъри «Шабоҳанг», ки дар шакли чаҳорпора суруда шудааст, тасвири зебоеро рӯи қоғаз овардааст:

*Имшаб шукуфазори дарахтони боғро*

*Андар гулобдони ду чашмам гирифтаам,*

*Имшаб канори ман нури гулнозҳои туст,*

*Чун аз шукуфаҳои хаёлат шукуфтаам* [17, 29].

Тасвири байти аввал назар ба тасвири байти дуюм малеҳтар буда, «дар гулобдони ду чашм гирифтани шукуфазори дарахтони боғ ҳангоми шаб» ҳодисаи бо тахайюлот омехтаи объективист. Дар байти дуюм тасвир хусусияти субъективӣ гирифтааст.

Тасвири воқеӣ бо тасвири хаёлӣ дар баъзе шеърҳои сюжетноки Озарахш ба ҳам омезиш меёбанд. Дар ин сурат, драматизми шеър ба авҷ мерасад. Шеъри «Ҳоло биё...»-и Озарахш чунин хусусият дорад. Хусусан, бандҳои дуюму сеюми он ҷолибанд:

*Он навҷавоне, ки назар кард*

*Бар соати дасташ хуморӣ,*

*Вақту фазо дар хотираш нест*

*Дар роҳи ёру интизорӣ.*

*Он мӯсафеде, ки паёпай*

*Ҷӯяд нишони зиндагонӣ,*

*Кони заре гум карда дар роҳ,*

*Дар кӯзаи пушташ ҷавонӣ* [20, 5].

Шеърият ва тасвири тоза дар байти дуюм мукаммалтар аст. Тасвири мӯйсафеде, ки нишони зиндагониро пайваста меҷӯяд ва ҷавониро чун кони заре гум кардаасту онро дар кӯзаи пушташ мебарад, хеле ҷолиб мебошад. Тасвири «кӯзаи пушт» киноя аз пириву қоматхамидагист. Тавре ки шоир ва муҳаққиқ Абдуҷаббори Суруш ба мушоҳида гирифтааст: «Тасвирҳои шоиронаи шеъри Озарахш аксаран заминаи заминӣ дошта, ҳосили ҷусторҳои мӯшикофонаи ӯ мебошанд» [130, 7].

Гоҳо Озарахш тасвирҳои шоиронаи худро аз тахайюл кӯчонда, ба ҳолати отифӣ мепайвандад. Масалан, дар ин байт:

*Кӯчарӯбон, хори миҷгони ману ҷорӯбатон,*

*Ин саҳар аз кӯчабоғе гулъузоре мерасад* [20, 29].

Худи Озарахш дилбастагии хешро ба тахайюлот сароҳатан иброз намудааст:

*Ман толиби ташнаи висолам,*

*Ман ошиқи духтари хаёлам* [17, 32].

«Ошиқи духтари хаёл» будани Озарахш ӯро ба эҷоди байтҳои зиёде талқин кардааст, ки ин падидаро дар банд ва байтҳои зиёдаш метавон мушоҳида кард:

*Дар канори шукуфаи бодом*

*Офтоб орифона механдад,*

*Ҳамчу домоди нав ба сӯи саҳар*

*Бо хумори шабона механдад* [17, 33].

«Орифона хандидани офтоб дар канори шукуфаи бодом» тасвири тару тоза ва шоирона буда, аммо байти дуюми ин банд ҳамон лаззати эстетикиро ба хонанда дода наметавонад.

Дар шеъри озоди «Бебаҳона» тасвирҳои тахайюломези Озарахш ба авҷи баланд расидаанд ва лавҳаи романтикиеро ба вуҷуд овардаанд:

*Баҳонае биёб,*

*То биёраму раҳо шавам*

*Аз ин хаёли хобранги нозанин,*

*Ки чун дарахти меҳр шохааш ба моҳ панҷа мезанад,*

*Навои решааш ба синаи замин...*

*...Ба охирин қаторае, ки мебарад*

*ғами шабонаро ба кишвари саҳар,*

*савор мешавам,*

*вале дар истгоҳи аввалини ёд*

*ту як чаман ситора дар бағал нигоҳ мекунӣ:*

*-Марав!*

*Тарона маҳв мешавад!!!* [17, 47-48].

Вожаи «тарона» дар ашъори Озарахш мақоми вижаеро касб карда, ба офаридани тасвирҳои шоирона мусоидат кардааст. Дар шеъри мавриди назар ҳамин ҳолат мушоҳида мерасад. Дар банди аввал шоир тахайюли худро «хаёли хобранги нозанин» медонад, ки «шохаҳои он монанди дарахти меҳр ба моҳ панҷа мезанад ва решаҳояш ба синаи замин мерасад». Дар банди дигар шоир ҳолати романтикиро боз ҳам сареҳтар баён кардааст. Ӯ «ба қаторае савор мешавад, ки ғами шабонаро ба кишвари саҳар мебарад, вале дар истгоҳи аввалини ёд маъшуқааш бо як чаман ситора дар бағал нигоҳ мекунад ва нигоҳи ӯ чунин маъно дорад: «Марав, ки тарона маҳв мешавад». Беҳтарин ва тозатарин тасвири ин шеър «як чаман ситора дар бағал нигоҳ кардан» аст, ки он аз бозёфтҳои шоиронаи Озарахш мебошад.

Дар яке аз марсияҳои ба модараш бахшидашуда низ Озарахш тасвири тоза ва ҷолибе офаридааст:

*Дар ҷавониям мисоли мӯсафеди кӯзапушт*

*Кӯдакии хешро пуштора кардам, модарам* [17, 131].

Дар ин байт, ки ҳосили тасвири отифист, «пуштора кардани кӯдакии худ» тоза ва нотакрор аст.

Озарахш ҳангоми офаридани тасвирҳо бештар ҳаракат мекунад, ки идроки хонандаро ба шайъи мавриди назар налағжонад. Масалан, ӯ ҳангоми тасвири айёми пирӣ ба ваҳдати муҳтаво ва мундариҷаи ғазал диққати махсус додааст:

*Оқибат ойинаро дидорамон дилгир кард,*

*Як назар акси ҷавониро гирифту пир кард...*

*Кӯчабоғи гулфишонро бар хазонрезон супурд,*

*Мӯсафедеро ба шаҳри навҷавонӣ мир кард...* [19, 9].

Тасвири сареҳи шоирона дар байти дуюм ба мушоҳида мерасад. Зеро он бо роҳи тахайюл ва киноя ифода ёфтааст. «Кӯчабоғи гулфишон» киноя аз айёми ҷавонӣ буда, «хазонрезон» киноя аз пирист. Агар шоир дар мисраи дуюм ба ҷои «мӯсафеде» вожаи «мӯсафедӣ»-ро истифода мебурд, мантиқи байт устувор мешуд, зеро модоме ки «шаҳри навҷавонӣ» гуфтааст, калимаи «мӯсафедӣ» ба он мувофиқ аст. «Кӯчабоғи гулфишон» ва «шаҳри навҷавонӣ» тасвирҳои ин байтанд.

Офаридани таблоҳои наққошӣ дар шеър, тавре, ки мусаллам аст, танҳо ба тавассути корбурди калимаҳои муносиб муяссар мешавад. Дар ин ҳолат, шоир калимаҳоро ба бозӣ медарорад. Масалан, манзараи шаби боронӣ дар байтҳои 3-5-и ғазали мавриди назари мо таблои зебои наққоширо ба хотир меоранд:

*Ҷон пур аз таманно шуд мисли як дарахти тар,*

*Навда-навда шаккарҷаб аз ҷавонаи борон!*

*Хона-хонаҳо саршор, атру бӯи гандумзор,*

*Кӯча-кӯчаҳо гап-гап, дона-дона борон!*

*Сад чаман шукуфтан ҳаст дар лаби дили ғунча,*

*Ҳамнавои як «заб-заб» ошиқонаи борон!* [19, 15].

Дар ин байтҳо тасвирҳои «як дарахти тари навда-навда аз ҷавонаи борон шаккарҷабшуда», «хона-хонаҳои саршор аз атру бӯи гандумзор» ва «дар лаби дили ғунча будани сад чаман шукуфтан» таровати махсус касб кардаанд.

Албатта, тасвир худ ба худ ташаккул ёфта наметавонад. Барои шакл гирифтани он санъатҳои бадеӣ хидмат мекунанд. Ҳар қадаре ки шоир аз онҳо моҳиронатар истифода барад, ҳамон қадар тасвир барҷастатар мебарояд. Ва

агар руъёву тахайюл бо санъатҳои бадеӣ омезиш ёбанд, тасвир таровaт ва нозукии бештар касб мекунад. Бо суханҳои хушк ва беранг тасвири зебо офаридан амри муҳол аст. Шеъри «Сояравшан»-и Озарахш дар шакли чаҳорпора эҷод шудааст:

*Нимахоб аз кӯчаҳои шаҳр*
*Меравам дар нимашаб танҳо.*
*Як қадам бар олами ҳастӣ,*
*Як қадам бар олами рӯъё.*

*Кӯчаҳои шаҳр хомӯш аст,*
*Бо сукути шаб ҳамоғӯш аст.*
*Як нафас бо ман ҳамоҳанг аст,*
*Як нафас аз ман фаромӯш аст...* [17, 26].

Ин тасвир ҳолати отифии шоирро инъикос намудааст. Ҳолати шоир нимахобии ӯст, вақти амал нимашаб аст, як қадами ӯ бар олами ҳастист, қадами дигараш бар олами руъё. Ҳамин нимагиҳо ҳолати руҳии шоирро бо нимагӣ инъикос менамоянд. Хомӯшии кӯчаҳои шаҳр бо сукути шаб ҳамоғӯшанд. Як нафаси ҳамоҳангӣ бо як нафаси фаромӯшӣ ҷӯр мешаванд ва бо ҳамин равиш шеър идома меёбад. Тасвири манзараи тирамоҳ одатан ҳузнангез мебарояд. Мо хеле кам шеърҳоеро ёд дорем, ки дар онҳо тирамоҳ шодиовар ва фараҳангез бошад. Ин ҳолати мағшуш дар ғазали зерини Озарахш ба назар мерасад:

*Тирамоҳи ман, ки мерезад ба роҳам барг-барг,*
*Меканад аз дафтари шоми сабоҳам барг-барг.*
*Бод нолон мешуморад дар сарам мӯи сафед,*
*Дар хаёлаш панҷаи мӯи сиёҳам барг-барг.*
*Менависад раҳ ба раҳ барги хазони заъфарон*
*Достоне аз савобу аз гуноҳам барг-барг* [17, 65].

Тасвири тирамоҳ дар ғазали мавриди назар сар то по ҳузнангез аст. Зеро тирамоҳ фасли хазонрез ва анҷоми ҳусну эҳсони табиат буда, дар ин фасл ҷои эҳсосро тафаккур мегирад. Дар назари шоир баробари рехтани ҳар барги дарахт

аз дарахти умри одамизод вараќе кам мешавад. Нолиши боди сарди тирамоҳ ва мӯйи сафеди шоирро шуморидани он ишора ба гузашти баҳори умр аст.

Раҳ ба раҳ барги хазони заъфарон достоне аз савобу гуноҳи қаҳрамони лирикиро рақам мекунад. Дар ғазали фавқуззикр вожаи такрори «барг-барг», ки радиф аст, ба маънои «варақ-варақ» низ омадааст. Ногуфта намонад, ки дар ин ғазали тасвирӣ ибораи «тирамоҳи ман» маънои духӯра дошта, на танҳо ишора ба фасли сол аст, балки ишора ба замони пирӣ низ ҳаст.

Наврӯз, ки оғози баҳор аст, баръакси тирамоҳ шӯру мастӣ ва эҳсоси шоирро бедор мекунад. Ҷойи ҳузну андуҳро шодиву тараб мегирад. Дар ин айём ҳама ашё дар ҳаракату сабзиш аст:

*Биё, Наврӯз бар кошонаи мо офтоб овард,*

*Ба шоми интизоронаш чароғи моҳтоб овард.*

*Замини пир оҳанги ҷавонӣ мекунад имрӯз,*

*Баҳори нозанинаш боз ёде аз шубоб овард* [17, 84].

Офтобу моҳтоб намоди рӯшаниву гармӣ ва ҳарорати зиндагианд. Чунин тарзи тасвир табиист. Ба қавли адабиётшиноси тоҷик Хуршеда Отахонова: «Тасвири бомаҳорати диёри маҳбуб ба хонанда лаззати махсус мебахшад, ҳисси эстетикии ӯро тарбият мекунад, муҳаббати ӯро нисбат ба Ватан афзун мегардонад» [85, 158].

Байти дуюми ғазал «Баҳория»-и устод Рӯдакиро ба хотир меоварад, ки чунин фармуда буд:

*Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,*

*Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб.*

Озарахш дар байтҳои сеюму чорум бо истифода аз санъатҳои маҷоз ва ҳисомезӣ тасвири манзараҳои зебои табиатро идома медиҳад:

*Чун нӯшин аст ширинхандаҳои духтари бодом,*

*Ки нозе аз хумор оварду шарме аз гулоб оварл.*

*Суруди рӯд равшан кард хоби кӯҳсоронро,*

*Вуҷуди сабзаву гул даштро дар инқилоб оварл* [17, 84].

Ибораи «ширинхандаҳои духтари бодом» бо роҳи маҷоз ва ҳисомезӣ сохта шудааст, ки он бозёфти шоиронаи худи Озарахш аст. Тасвирҳои «хоби кӯҳсоронро равшан кардани суруди рӯд» ва «даштро дар инқилоб овардани вуҷуди сабзаву гул» мармуз ва дилпазиранд, ки маҳсули эҳсоси шоиронаи муаллифанд. Ҳамин тариқ, тасвир то охири ғазал идома меёбад:

*Дили санг об шуд аз нолаҳои мутриби борон,*

*Ки аз абрешими зулфони резонаш рубоб овард.*

*Ба базми гул чиноре нӯшбоде гуфт мастона,*

*Муборак бод Наврӯзе, ки мастонро шароб овард* [17, 84].

Дар ин ду байти ғазал ифодаҳои «об шудани дили санг», «нолаҳои мутриби борон», «абрешими зулфони резон», «базми гул», «нӯшбоди мастона гуфтани чинор» ва «мастонро шароб овардани Наврӯз» бо роҳи маҷозу ҳисомезӣ ва ба ҳисоб гирифтани таносуби сухан сохта шуда, тасвири тару тозаеро ташаккул додаанд.

Адабиётшинос Равшани Ҳамроҳ таъкид менамояд, ки: «Агар мо вожаҳои хаёл ва тасвирро ҳампаҳлӯ орем, иштибоҳ нахоҳад шуд. Зеро дар шеъри Гулназар ин вожаҳо ба ҳамдигар тазвиҷ шудаанд. Дар баъзе шеърҳои ӯ тасвир муҳтаворо зери қаноти худ мегирад» [110, 166].

Чунин хусусиятҳо дар ашъори Озарахш низ ба мушоҳида мерасанд. Омезиши хаёлу тасвир шеъри ӯро пуртароват кардааст. Масалан, дар ин ғазали ошиқонаи ӯ:

*Шоме, ки мебиёӣ, хуршеду моҳ ҳамдам,*

*Дар соати замона асрор ҷовидонанд.*

*Шоме, ки мебиёӣ, оғӯши ишқ дунёст,*

*Дарёву кӯҳу саҳро рӯъёи ошиқонанд* [18, 90].

Мусаллам аст, ки «ҳамдам шудани хуршеду моҳ» маҳсули хаёл буда, ба воқеият иртиботе надорад, аммо омадани маъшуқа дар олами хаёли шоир онро маҷозан имконпазир мегардонад. Дар робита ба ин, шоир «оғӯши ишқро дунё» мепиндорад ва «дарёву кӯҳу саҳро»-ро руъёи ошиқон медонад. Дар ин байтҳо муҳтаво зери сояи тасвири тахайюломез мондааст, ки яке аз зебоиҳои шеъри

Озарахш низ дар ҳамин аст. Чунин тарзи тасвир дар ғазали дигари Озарахш низ ба назар мерасад:

*Аспи симини саҳарро чун сияҳмушкини шаб*

*Дар чарогоҳи назар бонӣ, набонӣ, меравад* [18, 96].

Дар ин байт ибораҳои «аспи симини саҳар», «сияҳмушкини шаб» ва «чарогоҳи назар» тасвирҳои тару тоза буда, аз бозёфтҳои шоиронаи Озарахшанд. Санъатҳои бадеии истиора ва маҷоз барои сохтани ин тасвирҳо ба шоир кӯмак расонидаанд. Ӯ дар асоси равшании рӯз ибораи тасвирии «аспи симини саҳар» ва дар асоси торики шаб «(асп) -и «сияҳмушкини шаб»-ро офаридааст. «Чарогоҳи назар» киноя аз нигоҳи мушоҳидакори шоир ва умуман, шахси мушоҳидакунанда аст. Чунин тасвиргароиҳо, ки бозёфтҳои тозаи шоирро ба дунбол меоранд, дар ашъораш кам нестанд.

Хулоса, тасвирҳо дар ашъори Озарахш бо роҳи имтизоҷи хаёл ва руъё ташаккул ёфтаанд. Санъатҳои бадеӣ, хусусан ташбеҳу истиора ва ҳисомезӣ низ ба шакл гирифтани онҳо мусоидат кардаанд. Тасвирҳои тару тоза дар шеърҳои озод ва чаҳорпораҳои шоир фаровонанд. Дар ашъори суннатии ӯ, алалхусус дар ғазалиёташ низ онҳо ба мушоҳида мерасанд. Бозёфтҳои шоиронаи Озарахш дар тасвирҳои пуртаровати ӯ бармало мунъакис гаштаанд ва тасвиргароиҳои шоиронаи ӯро собит кардаанд.

## 3.3. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш

Санъатҳои бадеӣ барои образнок ва пуробуранг баромадани сухан мусоидат мекунанд, яъне бе истифодаи онҳо каломи бадеӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад. Суханшиносон асрҳост, ки санъатҳои бадеиро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Адабиётшиноси тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ дар ин бора чунин ақида дорад: «Мо дар ин асари худ («Санъати сухан»-Ҷ. Ҷ. Ҷ.) санъатҳое, ки бисёртар аз калимабозӣ, ҳарфбозии маҳз иборатанд, ба гурӯҳи лафзӣ мансуб дошта, боқимондаро ба гурӯҳи манъавӣ дохил кардем, ки дар даруни онҳо санъатҳои духӯра низ ҳастанд» [54, 61].

Азбаски аз асрҳои миёна то имрӯз дар бораи таснифи санъатҳои бадеӣ ақидаҳои мухталиф ҷой доранд ва баъзе санъатҳо аз рӯйи моҳияти худ муштараканд, мо тасмим гирифтем, ки санъатҳои бадеии дар ашъори шоир Озарахш мавҷудбударо ба таври умумӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор диҳем.

Озарахш шоирест, ки дар корбурди санъатҳои бадеӣ огоҳона ва саррофона амал мекунад. Дар ашъори ӯ корбурди аксарияти санъатҳои бадеӣ ба мушоҳида мерасад.

Ташбеҳ серистеъмолтарин санъати бадеии шеъри Озарахш буда, ҳам дар ашъори суннатӣ ва ҳам дар ашъори мудерни ӯ мақоми муайян дорад. Масалан, ин санъат дар шеъри нимоии ӯ чунин инъикос ёфтааст:

*Дарахтҳо ҳама чун панҷаи гадо гаштанд,*

*Ба сад ниёз сӯи даргаҳи Худо гаштанд* [17, 12].

Дар ин байт вожаи «дарахтон» ташбеҳшаванда буда, «панҷаи гадо» ташбеҳкунанда мебошад. Дар ин ҷо шоир ҳолати дарахтонро дар фасли зимистон ба риштаи тасвир кашидааст.

Дар шеъри чаҳорпораи «Пеш аз сафар» ташбеҳи тозаи шоир тазоҳур ёфтааст:

*Ман будаму сукути хазонолуд,*

*Ман будаму суруди хазонолуд.*

*Оҳанги тозае ба лабам хушкид,*

*Чун дар лабони хушки Душанберӯд* [17, 18].

Иборaҳои «сукути хазонолуд» ва «суруди хазонолуд» ифодаҳои интизоии маҷозиянд. Дар байти дуюм, тазвиҷи маҷоз ва ташбеҳ ба мушоҳида мерасад. «Хушкидани оҳанги тоза дар лаб» киноя аз барҳам хӯрдан ва маҳв шудани он буда, ин ҳодиса ба лабони хушк, яъне беоби Душанберӯд ташбеҳ дода шудааст.

Озарахш пас аз фиристодани дуруд ба ёдҳои талху ширин, бодҳои хобу бедор, рӯзгори тору равшан ва дидаҳои масту ҳушёр дар шеъри «Ёд кардам...» бо истифода аз санъати ташбеҳ эҳсосоти худро чунин баён менамояд:

*Шуморо ёд кардам чун ғарибе,*

*Ки ҳар шаб хоб мебинад Ватанро.*

*Мисоли булбули ғурбаткашида,*

*Ки менолад ҷудоии чаманро* [17, 23].

Дар ин банди шеър ҳарчанд ки сареҳ зикр наёфтааст, ташбеҳшаванда қаҳрамони лирикӣ-худи шоир буда, ташбеҳкунандаи ӯ ғарибест, ки ҳар шаб Ватанро хоб мебинад ва дар байти дуюми банди мавриди назар ташбеҳкунанда булбули ғурбаткашидаест, ки аз ҷудоии чаман менолад.

Санъати истиораро Озарахш бештар дар баёнҳои links мармуз ва интизоии худ мавриди истифода қарор медиҳад:

*Барфи зимистон бар сарам, барги баҳорон дар дилам,*

*Сад фаслро гардондааст обу гилам, обу гилам* [18, 158].

Дар ин байт, ки матлаи ғазал аст, ифодаи «бар сар будани барфи зимистон» киноя аз замони пирист, «дар дил будани барги баҳорон» истиораи ҷавонии дил аст. Шоир ғазале дорад, ки радифи он «гул» (*-ам* шакли тахфифшудаи феъли ёвари «ҳастам») аст:

*Ман агар хор шавам, хори гулам,*

*Агарам зор шавам, зори гулам* [18, 159].

Дар ин байт вожаи «хор» ба маънои маҷозӣ омада, муродифи «зоеъ» ва «беқадр» аст. Калимаи «гул» истиораи маъшуқа мебошад. Ин гуна истиораҳо дар ашъори Озарахш фаровонанд.

Шоир кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки тавсифҳояш тару тоза ва малеҳ бошанд:

*Ба ту, эй силсилаосор, салом,*

*Гули бахшандаи гулзор, салом!*

*Номае боз ба номат дорам,*

*Номат оғози ҳама кор, салом!* [19, 87]

Тавсифи маҳбуба бо вожаи мураккаби «силсилаосор», ибораи таркибии «гули бахшандаи гулзор» (дар омезиш бо истиора) ва номи ӯ бо ибораи «Оғози ҳама кор» ифода ёфтааст.

Дар ашъори тобиши иҷтимоӣ доштаи Озарахш тавсиф аз ҳаёти воқеӣ сарчашма мегирад ва баъзан, бо санъатҳои дигар, аз ҷумла бо ташхис ва маҷоз омезиш меёбад:

*Бояд ин дам ба ниҳолони зимистонзадаи хоболуд*

*Гӯям, эй ҳамсолон,*

*Эй, ки дар хоб таманнои баҳорон доред,*

*Ҳар чӣ доред, бубахшед маро, ба ман айёми шукуфтан омад* [17, 3].

Дар ин банди шеъри нимоӣ «ниҳолони зимистонзадаи хоболуд» тавсиф аст, ки бо маҷоз таҷвиз шудааст. «Дар хоб таманнои баҳорон доштан»-и ниҳолон ва «айёми шукуфтан» ба ин тавсиф тақвият мебахшанд. Гуфтугӯи шоир бо ниҳолон ташхис аст.

Озарахш дар шеъри «Танҳо» дар корбурди санъати ташхис маҳорати баланди худро нишон додааст:

*Ман он танҳодарахти гӯшаи боғам,*

*Ки милодам ба ёди боғбонам нест.*

*Заминам дар паси ёди замон монда,*

*Замонамро хабар аз осмонам нест.*

*Канорам нолаи мурғони шодӣ буд,*

*Дигар мурғе ба фикри ошёнам нест...* [17, 36].

Шеъри мавриди назари мо дар шакли қитъа иншо шуда, аз ҳафт байт иборат аст ва ҳар байт ба сари худ истиқлол дорад. Аз забони дарахти танҳои гӯшаи боғ, ки пайдоиши онро боғбон ёд надораду мурғони шодӣ аз канораш рафтаанд, инчунин баргҳояш заъфаронӣ шудаанду офтоб дигар ба рӯяш

шуълапошӣ намекунад, сухан гуфтан аз маҳорати шоир дар корбурди санъати фавқуззикр дарак медиҳад. Дар ин қитъа, дарахти танҳои гӯшаи боғ истиораи пирамард ё пиразанест, ки бар асари пирӣ аз маъракаҳо берун мондаасту фарзандон аз канораш ба дуриҳои дур рафтаанд ва аз ӯ ёде намекунанд. Аз танҳоиву гӯшанишинҳо рангаш зарду мадораш аз асари пирӣ хушк шудааст. Дигар касе нисбат ба ӯ изҳори муҳаббат намекунад: «Кунун ҷуз Озарахше ҳамфиғонам нест»-мегӯяд дарахти пир. Воқеан, шоир аст, ки ба ҳар касу ҳар шайъ бо чашми тараҳҳум менигарад ва ғами ҳамаро мехӯрад.

Дилбастагии Озарахш ба санъати таҷнис дар байтҳои алоҳидааш эҳсос мешавад. Корбурди моҳиронаи санъати мазкур ба тозапардозии шоир мусоидат мекунад:

*Кукузании Ҳофизу Хайём дар хаёл,*

*Кукуи дигарем ба атрофи кӯи ту* [17, 97].

Дар ин байт вожаи «куку», ки ду маротиба такрор шудааст, таҷнис аст. «Куку»-и аввал, ки бо решаи «зан» ва пасванди «ӣ» дар шакли калимаи омехта истифода шудааст, ба маънии пурсишу суол омадааст. Аммо «куку»-и дуюм ба маънои номи паррандаи маъруф истеъмол шудааст.

Озарахш дар ғазали дигар низ дар истифодаи санъати таҷнис маҳорати худро нишон додааст:

*Бози ҷонам мекушояд бол сӯят, боз, боз,*

*Кафтари чашмони мастат инчунин парвоз дод* [17, 97].

Вожаи «боз» дар байти мавриди таҳлили мо таҷнис аст. «Боз»-и якум номи паррандаи маъруфи шикорӣ буда, «боз»-ҳои дуюму сеюм ба вазифаи пасоянди ғайриаслӣ омадаанд.

Санъати талмеҳ, ки вазифааш ишора ба ҳодисаву шахсиятҳои афсонавӣ ва таърихист, дар ашъори Озарахш аз санъатҳои маъмултарин маҳсуб меёбад. Шоир зимни истифода аз ин санъати бадеӣ ҳаракат мекунад, ки онро дар ҳолу ҳавои тоза ва либоси нав ҷилва диҳад:

*Посутуне нестам, то по шавам дар Бесутун,*

*Теша аз Фарҳод дорам, оби Ширинам биё!* [18, 15].

Дар байти мавриди назар се вожа талмеҳанд: «Бесутун», «Фарҳод», ва «Ширин». Бесутун кӯҳест, ки таърихи тулонӣ дошта, дар он намунаи қадимтарин осори хаттии ниёгони мо маҳфуз аст. Фарҳод ошиқи Ширин шуд ва бо хоҳиши ӯ хост, ки аз кӯҳи Бесутун обро ҷорӣ созад. Аммо хабари бардурӯғи бевафоии Ширинро шунида даст ба худкушӣ зад ва худро ҳалок сохт. Сарчашмаи ин талмеҳ достонҳои марбут ба Фарҳод ва Ширин аст, ки ба қалами Низомии Ганҷавӣ ва дигарон мутааллиқ аст.

Озарахш на танҳо дар ашъори суннатиаш, балки дар шеърҳои нимоияш низ аз санъати талмеҳ моҳирона истифода мебарад:

*Ман қомати хамидаи мардони рӯзро*

*Сад сол пештар*

*Андар набарди Рустаму Суҳроб дидаам,*

*Фасли хазони шаҳри ҷавонии хешро*

*Дар ҳой-ҳойи нолаи Варзоб дидаам* [17, 21].

Шоир дар ин банди шеъри озоди худ ба набарди Рустаму Суҳроб, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ зикраш рафтааст, ишораи малеҳ кардааст. Маҳорати эҷодии Озарахш дар он мушаххас шудани ҳодисаи мифологиро бо рӯзгори мо, ки ҷанги таҳмилии солҳои 90-уми асри гузашта аст, пайванд додааст. Агар шоир ба чунин иқдом даст намезад, талмеҳаш хушку бетаъсир мебаромад.

Чунин шеваи талмеҳофаринӣ дар ғазали Озарахш низ тазоҳур ёфтааст:

*Хандаи хуршед дар даврон нағунҷад, айби кист?*

*Юсуфи Яъқуб дар Канъон нағунҷад, айби кист?* [18, 50].

Дар байти мазкур ибора ва вожаи «Юсуфи Яъқуб» ва «Канъон» талмеҳанд. Шоир дар баробари ишора ба қиссаи Ҳазрати Юсуф ва падари ӯ Ҳазрати Яъқуб (а) ба ватани эшон шаҳри Канъон низ ишора кардааст. Мисраи аввал мисраи дуюмро ба худ тобеъ намуда, ҳолати замон ва вазъи иҷтимоии даврони моро, ки ба беқадрӣ ва хории аҳли ҳунар сабаб шудааст, инъикос намудааст. «Хандаи хуршед» киноя аз тазоҳури ҳунар ва истеъдод аст.

Санъати дигари бадеие, ки дар ашъори Озарахш фаровон кор фармуда шудааст, санъати тазод аст:

*Дар шаҳри ишқ аз ҳама боobрӯтарем,*

*То гаштаем ошиқи беобрӯи ту* [17, 97].

Дар ин байт калимаҳои «боobрӯ» ва «беобрӯ» муқобилмаъно буда, ин тазодҳо аз сифат таркиб ёфтаанд.

Озарахш дар ғазалиёти худ баъзан, тазодҳои таркибиро низ мавриди корбурди хеш қарор медиҳад:

*Ин тӯдае, ки бо мо имшаб ба пурсупосанд,*

*Дар рӯзи рӯшноӣ моро намешиносанд.*

*Суратпарасти эшон сират намепарастад,*

*Дар зер ҷандапӯшанд, аз рӯй хушлибосанд* [17, 81].

Шоир дар ин ду байти як ғазал анбӯҳи тазодҳоро бо роҳҳои гуногун истифода бурдааст ва онҳоро бо ҳам муқобил гузоштааст. Дар байти аввал вожаҳои «имшаб» ва ибораи «рӯзи рӯшноӣ» тазоди ҳамдигаранд, ки тазоди аввала зарф буда, тазоди дуюм аз зарфу сифат сохта шудааст. Дар ҳамин байт таркиби феълии «ба пурсу посанд» бо таркиби феълии «моро намешиносанд» муқобил гузошта шуда, чунин тазодофаринӣ мазмунан сурат мегирад. Дар байти дуюм вожаҳои «сурат» ва «сират», ки яке исми моддӣ ва диграе исми маънист, тазоди якдигаранд. Инчунин зарфҳои макони «зер» ва «рӯй» ва сифатҳои мураккаби «ҷандапӯш» ва «хушлибос» ба ҳамдигар муқобил гузошта шудаанд.

Корбурди тазодҳо баъзан, ҳолатҳои отифию равонии Озарахшро бозгӯ мекунанд. Дар ин ҳолат, тазодҳоро танҳо мазмунан дарк кардан имконпазир аст:

*Чунон тоб доштам, як оҳи сарде орзу кардам,*

*Зи оташ сурх гаштам, ранги зарде орзу кардам.*

*Муродам аз сухан пиндори талхи Озарахшат нест,*

*Шудам хомӯш, ҳарфи родмарде орзу кардам* [19, 36].

Тавре ки маълум аст, вожаҳои «таб» ва «оҳи сард», ки яке исми маънисту дигаре ибораи сифатист, аслан мутазод нестанд, аммо онҳо зимни мазмуни ин мисраъ ба ҳамдигар тазод шудаанд. Сифатҳои «сурх» ва «зард» низ ба чунин ҳолат гирифтор шудаанд. Дар байти дуюм низ, ки дар шакли ҷумлаи мураккаби пайваст ифода шудааст, таркибҳои феълии «хомӯш шудан» бо «орзу кардани ҳарфи родмарде» хилофи ҳам қарор гирифтаанд.

Санъати дигаре, ки ба тазоҳураш дар ашъори Озарахш бисёр мувоҷеҳ мешавем, санъати иштиқоқ аст. Шоир баъзан, барои зевари сухан ва гоҳо бо мақсади тақвияти мазмуни шеъраш аз он судҷӯӣ мекунад. Одатан, иштиқоқ бо ду шакл сурат мегирад: аввалан, дар асоси ҳампаҳлӯ овардани калимаҳои ҳамреша; сониян, дар асоси пайиҳам овардани калимаҳои ҳамшакл:

*Ҳар сафаркарда пайи пойи маро хоҳад ёфт,*

*Ҳар сароҷӯӣ сароҷойи маро хоҳад ёфт...*

*Ман наво ёфтаму ёри навобахш шудам,*

*Ҳар навозанда навоҳои маро хоҳад ёфт* [16, 82].

Дар байтҳои мазкур калимаҳои «пай»-«пой», «сароҷӯӣ»- «сароҷой»; «наво-навобахш-навозанда-навоҳо» ҳама калимаҳои тоҷикӣ буда, қисме аз онҳо дар асоси ҳамоҳангӣ ва қисми дигаре дар асоси ҳамрешагӣ санъати иштиқокро созмон додаанд.

Озарахш аз реша дида, бештар ба ҳамоҳангии вожаҳо ҳангоми корбурди санъати иштиқоқ мутаваҷҷеҳ мешавад. Масалан, дар ин рубоӣ:

*Гоҳе ба ҳиҷои талх ҳарфе ширин,*

*Гоҳе зи қалам қаламфуре меоянд* [17, 144].

Санъати иштиқоқ дар рубоии мазкур дар вожаҳои «қалам» ва «қаламфур» зоҳир шудааст, ки ин калимаҳо тамоман ҳамреша нестанд. Калимаи «қалам» арабӣ буда, муродифи «килк» ва «хома» аст. Калимаи «қаламфур» аз забони ҳиндӣ иқтибос шудааст. Азбаски ду ҳиҷои аввали он бо калимаи «қалам» ҳамоҳанг аст, шоир аз он иштиқоқ сохтааст. Дар асоси ба ҳисоб гирифтани ҳамоҳангии калимаҳо назар ба ҳамоҳангии онҳо иштиқоқҳои сохтаи Озарахш бештаранд.

Озарахш ба санъати такрор низ дилбастагии зиёд дорад. Такрори вожаву иборахо ва таркибхо дар шеъри Озарахш на танхо мусиқии ашъорашро мукаммал мекунад, балки ба тақвияти баёни матолиб низ мусоидат менамояд:

*Дӯст дорӣ, ки даме ҳамдами ҷонам бошӣ,*

*Маҳрами руҳу равон, рӯҳу равонам бошӣ...*

*Дӯст дорӣ, ки туро дӯст бидорам ҳама умр,*

*Озарахшона таманнои ҷавонам бошӣ* [20, 90].

Дар ин ғазал, ки аз ҳафт байт иборат аст, ҳар мисраи тоқ бо таркиби «Дӯст дорӣ» оғоз меёбад, ки ба такрори матолиб нигаронида шудааст ва инчунин таъкиди фикри шоирро ифода менамояд. Илова бар ин, дар иқтибоси овардаи мо, дар мисраи дуюм муродифи ҷуфти «руҳу равон» такрор шудааст ва дар мисраи сеюм таркибҳои «дӯст дорӣ» ва «дӯст бидорам» пайдарҳам омадаанд.

Такрори вожаҳои махсус дар ғазалиёти Озарахш мусиқии онро афзудаанд:

*Эй дӯст, биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,*

*Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст* [18, 44].

Дар шеъри Озарахш нақши муболиға низ ба мушоҳида мерасад, ки ба образноку муассир шудани суханаш мусоидат мекунад:

*Шоире бо як сухан як лаҳзаро садсола месозад,*

*Як қалам по монданаш бо нақши сад айём мебозад,*

*Аз нафас меофарад таърихи рафтанрову монданро,*

*Сарнавишти гул навиштанрову хонданро...* [20, 9].

Муболиғаи ин банди шеъри озод «бо як сухан як лаҳзаро садсола сохтан» ва «як қалам по монданаш бо нақши сад айём бозидан» аст.

Санъати ҳисомезӣ ба шеърияти гуфтори шоирон мусоидат мекунад, ба шарте ки шоир дар корбурди он эҷодкорона амал намояд. Ин воситаи тасвири бадеӣ дар ашъори Озарахш мақоми махсус дорад:

*Шашмақоми кокулонатро кашидам дар наво,*

*Як тарона аз мақоми тозае оғоз дод* [17, 97].

Дар ин байт иборaи «Шашмақоми кокулон» бо роҳи ҳисомезӣ таркиб ёфтааст. Зеро «Шашмақом» исми маънӣ буда, «кокулон» исми ҷамъи моддист.

Яке аз зебоиҳо ва дилпазириҳои шеъри Озарахш дар маҳорати ӯ аз корбурди огоҳонаи ҳисомезист:

*Ҳанӯз барги гули ноз медиҳад овоз,*

*Баҳор ҳасту чаман ҳасту фасли чидан ҳаст.*

*Ҳанӯз духтари бодоми пушти боронҳо*

*Ба атри зулф наво мезанад, шамидан ҳаст* [20, 116].

Дар байти аввали иқтибос овардаи мо ибораи мураккаби «барги гули ноз» бо роҳи ҳисомезӣ ташаккул ёфтааст, чунки вожаҳои «барг» ва «гул» исмҳои моддӣ буда, «ноз» исми маънист. Инчунин, «овоз додан»-и «барги гули ноз» ифодаи links мармузест, ки ҳисомезии каломи шоирро мукаммал кардааст. Дар байти дуюм ибораи «духтари бодом», ки аз ду исми моддӣ сохта шудааст, низ бо роҳи ҳисомезӣ ташаккул ёфтааст. Зеро «духтар» исми шахс буда, «бодом» исми ғайришахс аст. Ҳарду ибораҳое, ки мавриди баҳси мо қарор гирифтаанд, аз ибораҳои сохтаи худи Озарахш буда, бозёфтҳои шоиронаи худи ӯ маҳсуб меёбанд.

Хулоса, санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Озарахш мақоми махсус доранд. Шоир онҳоро огоҳона ва эҷодкорона мавриди корбурди хеш қарор медиҳад. Дар ин ҷода ба суннатҳои классикон пайравӣ кунад ҳам, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки навпардозиҳои хешро ворид созад. Санъатҳои бадеие, ки Озарахш мавриди истифодаи хеш қарор додааст, ба бадеият, муассирӣ ва тақвияти суханаш мусоидат кардаанд. Яке аз сабабҳои асосии дилпазирӣ ва муассирии сухани Озарахш дар корбурди моҳиронаи онҳост.

### 3.3.1. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоир

Парадокс истилоҳи аврупоӣ буда, дар адабиёти мо баъзан, бо унвони *таноқуз* низ мустаъмал аст. Адабиётшиносони Эрон онро *хилофи омад ё каҷоварӣ* низ меноманд. Он аз санъатҳои роиҷ, аммо нисбатан камомӯхташудаи адабиёти дирӯз ва имрӯзи мост. Ин санъат ҳанӯз дар ашъори қофиласолори адабиётамон устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Баъдан, санъати фавқуззикрро шуарои дигар пайгирӣ кардаанд. Парадокс

алалхусус, дар ашъори Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Бедили Деҳлавӣ нақши муҳим дорад. Шоирони барҷастаи мо ин санъатро бештар бо мақсади роҳандозӣ намудани тасвири хаёл мавриди истифода қарор додаанд. Масалан, рубоии зерини Саноии Ғазнавӣ далели ин гуфтор аст:

*Дилҳо ҳама об гашту ҷонҳо ҳама хун,*

*То чист ҳақиқат аз паси пардаву чун.*

*Эй бар илмат хирад раду гардун дун,*

*Аз ту ду ҷаҳон пуру ту аз ҳар ду бурун* [21, 300].

Лозим ба тазаккур аст, ки гурӯҳе аз мунаққидони замони мо санъати парадоксро аз санъати тазод чандон ташхис намекунанд. Аммо ба қавли Алиасғари Шеърдӯст: «Тазод аз тақобули ду калимаи мутазоди ҷудо аз ҳам эҷод мешавад. Дар ҳоле, ки парадокс ду ҳукми мутаноқиз дар бораи як чиз аст» [113, 59].

Корбурди парадокс дар ашъори шоирони имрӯзи тоҷик низ назаррас аст. Шоирони мо бо мақсади борикбаёнӣ ва баъзан, пешгирӣ аз умумигӯӣ аз ин санъат судҷӯӣ мекунанд. Шоирони шинохтаи мо Лоиқ, Гулназар, Бозор Собир, Фарзона ва Суруш дар мутаноқизбаёнӣ пешсафанд.

Озарахш дар истифодаи санъати парадокс дар байни ҳамсолони худ намуна буда, аз ин санъат бо аҳдофи гуногун манфиат ҳосил кардааст. Шоир дар шеъри «Бовар намекунам», ки ҷанбаи иҷтимоӣ дорад, дар банди аввал аз санъати мавриди назари мо чунин судҷӯӣ кардааст:

*Ман хоб дидаам, ҳамаро, хоб дидаам,*

*Ин офтоби тираву ин тирамоҳро.*

*Ин рӯзҳои ҷомасафеди сиёҳро,*

*Ман хоб дидаам, бахудо, хоб дидаам* [17, 20].

Дар банди овардашуда ибораҳои изофии «Офтоби тира» ва «рӯзҳои ҷомасафеди сиёҳ» парадокс мебошанд. Аз он лиҳоз, ки сифати офтоб нурафканӣ ва дурахшонист, сифати рӯз равшаниву ҷомасафедист, на сиёҳӣ. Агар шоир «рӯзҳои сиёҳ» мегуфт, санъати парадокс аз миён мерафт ва ин ифода ба ибораи маъмули наҳвӣ табдил меёфт.

Шеъри «Гираҳ»-и Озарахш оҳанги танз дорад. Шоир дар ин шеър дили худро мухотаб қарор додааст. Шеър дар шакли чаҳорпора суруда шуда, дар бандҳои сеюму чорум санъати парадокс бармало ба назар мерасад:

*Ту ҳамон шоири бедевонӣ,*

*Ки ба ҷуз хеш надонад розаш.*

*Ту ҳамон мутриби беоҳангӣ,*

*Ки хамӯшӣ шуда ҳамовозаш.*

*Ту баҳориву гулафшонат нест,*

*Ту хазониву зарафшонат нест.*

*Ту заминиву надорӣ ҳосил,*

*Абри борониву боронат нест* [17, 22-23].

Агар устод Лоиқ «ошиқон-шоирони бедевон» гуфта бошад, Озарахш ин сифатро ба дили худ нисбат додааст. Дар ин ҷо мутаноқизбаёнӣ чандон ба пухтагӣ нарасидааст. Зеро шоироне ҳам ҳастанд, ки соҳибдевон нестанд. Аммо ифодаи «мутриби беоҳанг, ки хамӯшӣ ҳамовози ӯ шудааст», мутаноқизбаёнии шоирро ба камол расонидааст. Чунки шахси беоҳанг ва хомӯш мутриб буда наметавонад. Ифодаҳои «баҳори бегулафшон ва «абри боронии беборон» ибораҳои солими парадоксианд, зеро гулафшонӣ сифати баҳор асту борон маҳсули абри боронист. Ҷиҳатҳои барҷастаи шеъри мавриди таҳқиқ ҳаминҳоянд.

Озарахш ғазале дорад, ки хостааст аксарияти мисраъҳои он аз санъати парадокс таркиб ёбанд. Матлаи ғазали мавриди назар чунин аст:

*Як назар овораам, овора аммо нестам,*

*Пеши худ бечораам, бечора аммо нестам* [17, 103].

Ифодаҳои «оворае, ки овора нест» ва «бечорае, ки бечора нест» мутаноқизанд.

*Дар байти дуюми ғазал омадааст:*

*Дасту поям баста дар роҳи азоби рӯзгор,*

*Гӯиё бекораам, бекора аммо нестам* [17, 103].

Мақтаи ғазал чунин аст:

*Бо ҳама ахбори олам рӯи боми асри хеш*

*Мисли як маҳвораам, маҳвора аммо нестам* [17, 103].

Агар дар байти боло, дар мисраи дуюм калимаи «гӯиё» ва дар мақтаъ, дар мисраи дуюм калимаи «мисли» мавриди корбурди шоир қарор намегирифт, санъати парадокс дучори заъф намешуд. Он гоҳ дар байти боло парадокс дар шакли «бекорае, ки бекора нест» ва дар мақтаъ парадокс дар шакли «маҳворае, ки маҳвора нест» ҷилва мекард. Аммо вазни ғазал ба ин иқдом иҷозат дода наметавонад.

Алиасғари Шеърдӯст тасвири парадоксиро «аз гунаҳои дурахшони тасвири хаёл» арзёбӣ кардааст ва чунин афзудааст: «Метавонем гуфт, тасвирҳои парадоксии шеъри Тоҷикистон ағлаб муваффақтар ва дурахшонтар аз намунаҳои эронии он аст» [113, 58].

Озарахш ба тасвири парадоксӣ воқеан, дилбастагии зиёд дорад, то дараҷае, ки баъзан дар радифсозӣ ҳам аз ин санъат моҳирона истифода мебарад. Ӯ чунин ғазале сурудааст:

*Ҳайратзада будем, ки будему набудем,*

*Ғафлаткада будем, ки будему набудем.*

*Гаҳ зуд расидем, гаҳе дер, ки барвақт*

*Тангомада будем, ки будему набудем* [17, 112].

Одатан афсонаҳои халқӣ бо ифодаи «буд-набуд» оғоз мешаванд, ки он тасвири парадоксӣ набуда, таҷоҳули ориф аст. Аммо дар ин ғазали Озарахш, ки бо радифи таркибии «будем, ки будему набудем» эҷод шудааст, қисмати «будану набудан» тасвири зебои парадоксист.

Дар байти дуюми рубоии зерини Озарахш тасвири парадоксӣ моҳирона ифода ёфтааст:

*Мебинамату наменамоӣ бар ман,*

*Э вой зи дидори мани бедидор!* [17, 138]

Дар ин рубоӣ ифодаҳои «дидану нанамудан» ва «дидори бедидор» тасвирҳои равшани парадоксианд.

Иддае аз рубоиёти шоир низ аз ин санъат орӣ нестанд. Тасвирҳои парадоксиро Озарахш одатан дар байти дуюми рубоиёташ мавриди корбурд қарор медиҳад:

*Нафас такрори нотакрор дорад,*

*Ки нотакрорро такрор созем* [17, 145].

Дар байти мавриди назари мо ду тасвири парадоксӣ пайиҳам омадаанд: «такрори нотакрор» ва «такрор сохтани нотакрор».

Озарахш дар ғазалиёти худ гоҳ зимни истифода аз санъатҳои дигар, аз қабили таҷоҳули ориф ҳам ба тасвири парадоксӣ роҳ мекушояд:

*Касе аз ҳикмати одам гираҳ накшод дар олам,*

*Ту, эй донотарин нодон, чӣ овардӣ, ки хоҳӣ бурд?* [19, 35]

Дар байти зикршуда ибораи ғайриизофии «донотарин нодон» тасвири барҷастаи парадоксӣ буда. бо санъати дигар гиреҳбандӣ шудааст, ки чунин тарзи тасвиргарой дар адабиёти муосири мо ба нудрат вомехӯрад.

Тавре ки муҳаққиқ Равшани Ҳамроҳ қайд мекунад: «Дар назари аввал парадокс ба баёни пароканда шабоҳат дорад, аммо дар асл чунин нест. Ваҳдати замонию маконӣ пойдевори бинои парадокс аст» [110, 158].

Озарахш назар ба Гулназар ба баёни интизоӣ дар корбурди тасвири парадоксӣ камтар даст мезанад. Аммо парадоксҳои ӯ ҳам дар асоси ваҳдати замонию маконӣ ташаккул ёфта, хусусияти фавқуззикрро касб кардаанд. Чунончи дар ин ғазал:

*Хомпаз бигзашт, аммо фикри хоми мо напухт,*

*Ҳарфи мо бо гуфтугӯи бекаломи мо напухт* [20, 78].

Иборои «гуфтугӯи бекалом» дар байти мавриди назар тасвири парадоксӣ аст. Дар мақтаи ғазали дигар Озарахш чунин тасвирро хеле устокорона истифода бурдааст, ки дар мисраи дуюм «такрори зебо кардани оҳанги нотакрор» парадокс аст:

*Саргаштагӣ осон набуд дар шаҳри ишқи Озарахш,*

*Такрори зебо мекунад оҳанги нотакрорамон* [20, 84].

Тарики тахайюлу тааккул дар шеъри Озарахш масдуд набуда, ӯ ҳар кадомеро, ки интихоб кунад, ба манзили мақсуд мерасад. Парадоксҳои офаридаи ӯ низ аз ҳамин ду сарчашма об мехӯранд. Онҳо истидлоли зиёдеро тақозо намекунанд. Зеро шоир кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳаддалимкон аз баёни интизоӣ иҷтиноб варзад. Мусаллам аст, ки аз ҳамаи дигар санъатҳои бадеӣ, ки шоирони муосири мо аз онҳо судҷӯӣ мекунанд, тасвири парадоксӣ камистеъмолтар аст. Зеро он аз шоир фикри дақиқ ва тахайюли амиқро тақозо менамояд.

Майли Озарахш ба тасвирҳои парадоксӣ, чуноне ки қаблан зикр намудем, дар ҳама анвои шеъраш ба мушоҳида мерасад. Ӯ ғазале дорад, ки аз ҳафт байт таркиб ёфтааст. Тасвири парадоксӣ дар радифи ғазали мавриди назари мо ба чашм мерасад. Матлаи ғазал чунин аст:

*Дар каф осори замон ҳаст, вале чизе нест,*

*Давлати ҷону ҷаҳон ҳаст, вале чизе нест* [20, 98].

Радифи ин ғазал аз ҷиҳати сохт таркибӣ буда, он аз феълҳои «ҳаст», «чизе нест» ва пайвандаки хилофии «вале» ташаккул ёфтааст. Яъне, ифодаи «вале чизе нест» феъли «ҳаст»-ро инкор мекунад. Аз лиҳози мантиқ, дар ин радиф нестии ҳастӣ баёни мутаноқиз аст. Шоир танҳо ба тасвири сирф парадоксӣ қаноат намекунад. Ӯ талош меварзад, ки шеъраш аз ҳисоби корбурди дигар саноеъ низ ғановат пайдо кунад. Байти дуюми ғазал чунин аст:

*Дар раҳи бешу каму шоду ғами рӯзу шабон,*

*Ин ҳама суду зиён ҳаст, вале чиз нест* [20, 98].

Бо роҳи таъвил даст ёфтан ба моҳияти мазмуни ин абёт кори чандон душвор нест. Ин ҷо овардани мақтаи ғазалро лозим медонем:

*Озарахш, ин ғазали тозаи чун ашк равон*

*Беҳтар аз ганҷи равон ҳаст, вале чизе нест* [20, 98].

Тавре ки аён шуд, дар байти дуюму байти ҳафтум (мақтаи ғазал) тасвири парадоксӣ бо санъатҳои дигар, яъне бо тазод, ташбеҳ ва таҷнис тазвиҷ шуда, истеҳкоми маъно ва шеърияти байтҳоро афзудааст. Хусусан, байти дуюми ғазал ба он далолат мекунад, ки мо дар он санъати тазодро, ки бо вожаҳои «бешу

кам», «шоду ғам», «рӯзу шабон» ва «суду зиён» ифода шудааст, аз парадокси таркибии «ҳаст, вале чизе нест» ба осонӣ ташхис кунем.

Дар байти дигаре аз ғазали Озарахш ибораҳои феълии «бо садо печидани сукут» ва «дар хамӯшистон печидани садо» тасвирҳои тозаи парадоксианд:

*Сукутам бо садо печад садоям дар хамӯшистон,*

*Зи нои устухон овоз бахшоӣ паёмамро* [20, 115].

Яке аз роҳҳои офаридани тасвири парадоксӣ аз ҷониби Озарахш, чӣ хеле ки таҳқиқ нишон медиҳад, сохтани калимаҳо бо роҳи морфологии ҳамроҳшавии решаҳост. Ин таҷрибаи калимасозии шоир қобили омӯзиш аст. Дар се байти охири ғазали зерин чунин падида бармало ба назар мерасад:

*Эй ишқи куҳнатоза, ангури сад хавоза,*

*Ёри ҳазоркеша, бозат салому падруд!* [20, 130]

Дар байти мавриди баррасии мо ибораи изофии «ишқи куҳнатоза» тасвири парадоксист. Зеро калимаи «куҳна» бо «тоза» ҳамроҳ шуда, баёни мутоноқизро ба вуҷуд овардааст. Агар онҳо паҳлуи ҳам қарор мегирифтанду ҳамроҳ намешуданд, ба тазод табдил меёфтанд. Чунин услуби таноқузофаринӣ дар байти баъдина низ ба назар мерасад:

*Умри касе надида, марги хасе начида,*

*Сарҷоми нӯшнеша, бозат салому падруд!* [20, 130]

Дар ин ҷо ибораи «сарҷоми нӯшнеша», ки ба маънои ҷоми бузурги нӯшаш нешдошта мавриди корбурд қарор гирифтааст, баёни парадоксӣ мебошад. Байти мақтаъ низ дорои парадокси ҷолиб аст, ки дар он таркибҳои «як лаҳза, як ҳамеша» чунин хусусиятро касб кардаанд:

*Имрӯзи бедурахшӣ, фардои Озарахшӣ,*

*Як лаҳза, як ҳамеша, бозат салому падруд!* [20, 130]

Дар ғазали дигари Озарахш тасвири парадоксии «такрори нотакрор» дар шакли «нотакрор такроре», яъне бо роҳи ҷойивазкунии калимаҳо ифода ёфтааст:

*Чӣ гармогарм овоз асту резорез оҳанге,*

*Чӣ нотакрор такрореву бодобод осоре* [20, 134].

Мусаллам аст, ки аз шахси хомӯш шунидани овоз амри муҳол аст, аммо Озарахш чунин амрро чун тасвири парадоксӣ моҳирона мавриди корбурди худ қарор додааст:

*Туӣ, ки мешунавӣ аз хамӯш оворо,*

*Чакомаҳои ниҳони дили маро бинавис* [20. 159].

Аҳёнан воқеъ мешавад, ки Озарахш ҳангоми эҷоди баёни мутаноқиз услуби баёни интизоиро ба кор мебарад. Масалан, дар байтҳои якум ва панҷуми ғазали зерин чунин ҳодисаи забонӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Таркибҳои мутаноқизи «суханро надонистани забон», «ниҳонро надонистани рози ниҳон» ва «фиғонро надонистани фиғон» дар ин маврид забони ғазали шоирро ба сафсата ва муғолата наздик овардааст:

*Дорам сухане, забон намедонад,*

*З-ин рози ниҳон ниҳон намедонад…*

*Фарёди ман аз набудани гӯшест,*

*Мурдам зи фиғон, фиғон намедонад* [20, 165].

Хулоса, тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарахш фаровон буда, шоир аз онҳо бо мақсади образнок шудани сухан, иҷтиноб аз умумигӯӣ ва муассир шудани шеъраш истифода бурдааст. Ин гуна тасвирҳои мутаноқиз ба баёни шоиронаи ӯ роҳи васеъ кушодаанд. Минбаъд густариш додани чунин тарзи баён ба манфиати кори эҷодии шоир сурат хоҳад гирифт.

## 3.4. Забон ва сабки фардии Озарахш

Ҳар шоир ба дараҷаи лаёқату истеъдоди худ дар корбурди забони шеър ва андӯхтани сабки шоирона аз дигар ҳамқаламони хеш фарқ мекунад. Чӣ хеле ки адабиётшиноси Афғонистон Абдулқайюми Қавим таъкид кардааст: «Шеър навъе аз ҳунари лисонӣ аст... Ба ёрии калима шеър эҷод мешавад ва дарвоқеъ, шоир аст, ки калимаҳоро ба сурати ҳайати ҳунарии забонӣ дармеоварад» [59, 201].

Озарахш аз ҷумлаи он шоирони муосир аст, ки ҳунари забонии шеърро дуруст дарк менамояд ва дар корбурди вожаҳо хеле эҳтиёткорона амал мекунад. Забони шеъри ӯ ғановатманд ва равон буда, таҳкурсии сабки шоиронаашро таъсис медиҳад. Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло роҷеъ ба забони шеър таъкид намудааст, ки: «Шоири асил бояд забондонтару забоншиностар, ҳатто аз ҳар олими соҳаи забон бошад» [71, 94]. Агар аз рӯйи ҳамин меъёр баҳогузорӣ кунем, Озарахш дар забондониву забоншиносӣ касби камол кардааст. Ӯ на танҳо дар корбурди калимаҳои мавҷуда ва маъмули забон маҳорати худро иншон медиҳад, балки ҳаракат мекунад, ки аз имконоти грамматикиву услубии забони мо низ истифода бурда, калимаҳои нави мураккабе созад, ки қобили қабул бошанд.

Забони шеъри Озарахш аз забони шеъри дигар шоирон ба андозае фарқ мекунад ва то ҷое аз рӯйи ҳамин падида сабки шоиронаи ӯро муайян кардан имконпазир аст. Вақте ки мо роҷеъ ба маънии баланд ё тоза сухан меронем, бевосита забонро пеши назар меорем. Зеро тамоми тасвиру маънӣ ва андешаҳову эҳсосот танҳо тавассути забон рӯи қоғаз ё сари забон меоянд. Моводи забон бошад, аз калимаҳо иборат аст. Илова бар ин, метавон сабки фардии Озарахшро аз рӯйи ҷаҳонбинии худаш, инчунин аз рӯйи диди эстетикии худи ӯ муайян намуд.

Олими маъруфи Эрон Сируси Шамисо дар бораи сабк чунин андеша дорад: «Дар сабкшиносӣ вақте вожаи «сабк» ба кор меравад, мақсуд аз он мумкин аст, яке аз се мафҳуми зер бошад:

1. Сабки давра-яъне, сабки каму беш муштараку шабеҳи осори як давраи хос.

2. Сабки шахсӣ-яъне, сабки хоси як шоир ё нависанда, ки асари ӯро аз ҳар асари дигаре мутамойиз мекунад.

3. Сабки адабӣ-дар баҳси сабки адабӣ аз сабки махсуси осори адабӣ дар миқёси ҷаҳонӣ сухан меравад» [122, 56].

Мо дар ин фасл роҷеъ ба забони хос ва сабки шахсии Озарахш сухан ронда, иртиботи ногусастании онҳоро ҳаллу фасл менамоем. Ӯ шоири лирик буда, мавқеи ашъори ғиноияш назар ба шеърҳои иҷтимоияш устувортар аст. Озарахш кӯшиш мекунад, ки забони шеъраш орӣ аз такаллуф ва печидагиҳо бошад. Бо ин ҳадаф, вожаҳоеро мавриди корбурди хеш қарор медиҳад, ки дар гӯйишҳои мардум, яъне забони зиндагии халқ роиҷанд. Ин ҳадафи ӯ, ҳатто дар шеърҳои озодаш низ эҳсос мешавад. Масалан, дар шеъри «Тасвира»-и Озарахш корбурди чунин калимаву ибораҳоро мушоҳида мекунем:

*Дар сурате, ки пушти китоби паридаранг*
*Бо хатти ёд*
*чашми ниёзам кашида буд,*
*Қарди ниҳоли духтари бодом мушти ноз,*
*Болои шиғпанҷараи гирди Ширбоғ,*
*Чун фасли наврасии ҳавасҳо намерасид.*

*Ангури каб-кабуди ҳусайнӣ, ки хомпаз*
*Дар шохаҳои сабзи сафедори пушти бом*
*Хамёза мекашид,*
*Дастони ғӯрачини касеро надида буд:*

*Лаълии осмону пури тармеваҳои нур,*
*Дар хони шоми сур,*
*Наздику дур-дур,*
*Чоши ситораҷанди Самарқанд дар миён,*

*Оби даҳони хотираҳоро равон-равон,*

*Дар домани саодати урметании мо*

*Ширин чакида буд:*

*Маҳтоб*

*карчи харбузаи ногазида буд...* [17, 43-44].

Дар ин шеър мо бо якчанд калимаву ибораҳо ва таркибҳое дучор мешавем, ки ё хоси забони адабии ҳозираи тоҷик нестанд, ё аз шеваю гӯйишҳо ба он ба тозагӣ ворид шудаанд, ё дар забони адабӣ хеле камистеъмоланд, ё ин ки он ибораҳо сохтаи худи Озарахшанд. Масалан, калимаи *«шигпанҷара»* дар шеваҳо мавҷуд буда, шоир онро вориди шеъри худ кардааст. Ибораи *«ангури каб-кабуди ҳусайнӣ»*-ро шоир дар асоси гӯйишҳои мардуми водии Зарафшон сохтааст. Вожаи *«каб-кабуд»* сифати таъкидӣ буда, он аз шеваҳо ба забони адабӣ ворид шудааст, аммо камистеъмол аст. Ибораи *«ангури ҳусайнӣ»* хоси гӯйишҳои мардуми водии Зарафшон буда, онро дар ҷануби Тоҷикистон «ангури чиликак» мегӯянд. Вожаи *«тармева»* нисбатан камистеъмол буда, шоир ибораи *«тармеваҳои нур»*-ро бо роҳи ҳисомезӣ худаш сохтааст. Калимаи мураккаби *«ситораҷанд»* хоси гӯйишҳои мардуми Самарқанд буда, онро бори аввал Озарахш ба шеъри худ ворид кардааст. Мисраи *«Оби даҳони хотираҳоро равон-равон»*, ки бо роҳи ҳисомезӣ эҷод шудааст, асосан аз ибораи фразеологии *«Оби даҳон рафтан»*, ки ба маънои *ҳаваси кас рафтан* меояд, ташаккул ёфтааст. Маҳтобро ба *карчи харбузаи ногазида* шабоҳат додани Озарахш низ аз гӯйишҳои мардумӣ сарчашма мегирад.

Шоир ҳамеша ба забони тоҷикӣ арҷ мегузорад ва равонию форамии онро ба садои рӯд шабоҳат медиҳад:

*Забони рӯд тоҷикӣ ғазал хонад,*

*Наботу ангубинро дӯст дорам* [19, 4].

Корбурди иддае аз калимаҳои шевагӣ забони шеъри Озарахшро содатару шевотар кардаанд:

*Ризқу рӯзии туро доданд* ***чени*** *қисматат,*

*Аз даҳони худ калон ҳарфе мабар бар нони хеш* [19, 28].

Ҳарчанде ки калимаи ***«чен»*** дар забони адабии ҳозираи тоҷик мустаъмал аст, аммо он вориди шеъри имрӯз набуд. Ба ҷои ин вожа калимаҳои *«баробари», «ба қадри»* истифода мешуд. ***«Чен»*** чун истилоҳи риёзӣ истеъмол мегардид. Чунин тарзи коргирӣ бо калимаҳои шевагиро дар ғазали дигари Озарахш низ мушоҳида менамоем:

*Магар имшаб ту додӣ навниҳолонро саломи бахт,*

*Ки пешат мекунад таъзим ҳар як мисли* ***синҳоре****?* [19, 69].

Дар ин байт калимаи ***«синҳор»*** кор фармуда шудааст, ки он хоси шеваи тоҷикони ҷанубӣ буда, муродифи *«арус»*-и арабӣ ва *«келин»*-и туркист. Мустаъмал кардани чунин калимаҳо ба ғановати забони адабӣ мусоидат мекунад.

Сабки шахсии Озарахш на танҳо дар корбурди калимаҳои шевагию эҳё намудани ифода ва вожаҳои кӯҳнашуда, аз қабили ***«дарвағна»*** ва ***«рағза»*** муайян мешавад, инчунин ин ҷанбаи эҷодии шоирро маҳорати баланди калимасозиаш низ бармало муаррифӣ мекунад:

***Дарахтистони*** *Урметан, фишори хунатон чанд аст?*

*Зи пастиву баландиҳо кӣ ғамгину кӣ хурсанд аст?* [19, 29].

Вожаи ***«дарахтистон»*** сохтаи худи Озарахш аст. Ӯ ин калимаро бо роҳи морфологии калимасозӣ, яъне ба калимаи *«дарахт»* ҳамроҳ кардани пасванди ***«-истон»*** сохтааст, ки муродифи он ***«дарахтзор»*** аст. Дар байти мавриди назари мо боз як ҳодисаи дигари забонӣ ба мушоҳида мерасад, ки он корбурди ибораи *«фишори хун»* аст. Ин ибора асосан, истилоҳи тиббӣ буда, Озарахш бори аввал онро ба сарҳади шеър кашидааст.

Озарахш дар сохтани калимаҳои мураккаб таҷрибаи вофир ҳосил кардааст, ки дар ин раванд ба ӯ таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил эҳсос карда мешавад:

***Якдонагавҳари*** *ман, модар, туӣ, туӣ, ту,*

***Дурдонамазҳари*** *ман, модар, туӣ, туӣ, ту* [19, 6].

Дар ин матлаи ғазали иқтибос овардаи мо ду калимаи мураккаб мавҷуданд, ки ҳардуяшон ҳам аз се реша таркиб ёфтаанд: *«як+дона+гавҳар»* ва *«дур+дона+мазҳар»*.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки забони шеъри Озарахш муаррифи сабки эҷодии ӯст. Ӯ дар раванди калимасозӣ имкониятҳои мавҷудаи морфологияро ба ҳисоб гирифта, ба ифрот роҳ намедиҳад:

*Замину осмон чун волидони **бевафофарзанд**,*

*Макон аз мо пушаймон аст ё мо аз макон, ё ҳу!?* [19, 20].

Дар ин байт калимаи сохтаи Озарахш ***«бевафофарзанд»*** буда, он бо роҳи морфологӣ, аз ду решаю як пешванд иборат аст: *«бе+вафо+фарзанд»*.

Бо ин роҳ сохтани калимаҳои омехта дар ашъори Озарахш фаровонанд, ки ба услуби эҷодии ӯ хосанд:

*Ҳоло ду-се баҳона ба дидори ёр ҳаст,*

*Якчанд **ошиқонанафас** дар шумор ҳаст* [19, 30].

Дар ин байт вожаи ***«ошиқонанафас»*** аз сохтаҳои Озарахш буда, аз ду реша ва як пасванд таркиб ёфтааст. Аҷоиботаш дар он аст, ки пас аз решаи якум пасванд омада, ба решаи дуюм мулҳақ шудааст. Дар байни ин ду реша омадани пасванд ҳодисаи нодири забонӣ буда, он танҳо хоси забони шеър аст ва аз услубҳои калимасозии Бедил маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат пасванд вазифаи миёнвандро ба зимма мегирад: *«ошиқ+она+нафас»*.

Баъзан вақт қофияҳои шеър Озарахшро ба сохтани калимаҳои нав талқин мекунанд:

*Ба бедорӣ намеоӣ, ба хобам ой, ё модар!*

*Ба хоби дидаи **дидоркобам** ой, ё модар!*

*Сари Сарчашма ҳайрон мондаам дар ҳасрати чашмат,*

*Ба ёди чашмаи **хушкидаобам** ой, ё модар!* [18, 118].

Дар байти якум калимаи ***«дидоркоб»*** ва дар байти дуюм калимаи ***«хушкидаоб»*** вожаҳои тару тоза буда, *«дидоркоб»* аз ду реша: *«дидор+коб»* ва ***«хушкидаоб»*** аз ду решаю ду пасванди ба вазифаи миёнванд омада таркиб ёфтаанд: *«хушк+ид+а+об»*.

Озарахш бо калимаи ***«борон»*** вожаҳои зиёде сохтааст, ки анбӯҳи онҳо дар як ғазалаш фароҳам омадаанд:

*Ҳавои шаҳри ҷавонӣ* ***хуморборон*** *аст,*

*Ки дар хазону зимистон* ***баҳорборон*** *аст...*

*Биё, ки чашми ту дар видиёи хотирашаҳр,*

*Чу Озарахшу хаёлаш* ***наворборон*** *аст* [18, 32].

Дар ин қабил калимаҳои сохтаи Озарахш вожаи ***«борон»*** фаровонии ҳамон ашёҳоро ифода мекунад, хоҳ онҳо исми моддӣ бошанд, хоҳ исми маънӣ. Лозим ба тазаккур аст, ки калимаи ***«борон»*** дар ин гуна вожаҳои сохтаи шоир ба маънои аслии худ не, балки ба вазифаи пасвандҳои исмсози **«-зор»** ва **«-истон»** меояд. Чуноне ки дар забони мо вожаи ***«тирборон»*** маъмул аст ва устод Лоиқ дар қолаби он калимаи ***«шеърборон»***-ро сохта буд. Вожаҳои дар ҳамин қолаб сохтаи Озарахш дар ғазали мавриди назари мо инҳоянд: *«хуморборон», «баҳорборон», «шуълазорборон», «ёр-ёрборон», «нисорборон», «интизоборон», «ифтихорборон» ва «наворборон»*. Чунин тарзи калимасозӣ ба қоидаҳои грамматикии забони адабии ҳозираи тоҷик мухолиф нест. Аммо ногуфта намонад, ки танҳо калимаи ***«шуълазорборон»*** ба қоидаи калимасозӣ, ки морфология талаб мекунад, мувофиқат намекунад. Зеро худи вожаи ***«шуълазор»*** ба фаровонии ашё ишора мекунад. Шоир ба он боз калимаи ***«борон»***-ро ҳамроҳ кардааст:

*Нафас-нафас ҳама ҷо атри кокули райҳон,*

*Назар-назар ҳама сӯ* ***шуълазорборон*** *аст* [18, 32].

Дар ғазали зикршуда бар замми ин, ибораи тозаест, ки он *«видиёи хотирашаҳр»* аст. *«Видиё»* шакли дигаргуншудаи вожаи байналмилалии *«видео»* буда, *«хотирашаҳр»* калимаи мураккаби сохтаи худи Озарахш аст.

Калимаҳои сохтаи Озарахш, ки аз се ва ё зиёда решаҳо иборатанд, бештар дар китоби «Ҷӯйбори сари хирман» (2011) вомехӯранд. Масалан, *талхуширинофарин, ҳарфиширинбозсоз, пешазморавон, бедимаҷнунвор, одамуҳаввомонанд, аздигарборсалом, мусулмонбозсоз, насимисубҳворона, гумкардароҳ, заминуосмонбоз* аз ҳамин қабиланд.

Дар китоби «Ояндаҳо» *(2019) равонэҳётар, ҷавонруъётар, (с. 68) садоипойдарёде, насимизулфасроре, (с. 69) субҳиноззода, дастиниёздода,*

*атричаманниҳода (с. 71), ободмулк (с. 77), сангинғазал, мушкинғазал, симинғазал, зарринғазал (с. 98), сабкихуросонреша, ҳиндуҳиропасванд (с. 104)* барин калимаҳои сохтаи Озарахш ба мушоҳида мерасанд.

Тарзи корбурди Озарахш аз вожаҳои байналмилалӣ забони шеърашро аз забони ашъори дигарон мутамойиз кардааст. Коргирии Озарахш аз ин қабил калимаҳо огоҳона ва эҷодкорона буда, онҳо дар шеърҳои ӯ ҳазм шудаанд.

*Гуфтам, бари гӯшат ғазале хоса бихонам,*

***Телфонаки** ҳамроҳи ту банд аст ҳамеша* [19, 27].

Дар ин байти ғазали Озарахш калимаи ***«телфонак»***, ки хоси шеъри мудерн аст, мавриди истифода қарор гирифтааст. Шоир бо тақозои вазни ғазал вожаи вомгирифтаи *«телефон»*-ро дар асоси қоидаи ҳодисаи овошиносӣ, яъне протсеси афтиши овоз истифода бурда, ба он пасванди исми тасғирсози **«-ак»**-ро ҳамроҳ кардааст. Вожаи ***«телефон»*** бе тағйироти фонетикӣ ҳам дар ашъори Озарахш кор фармуда шудааст:

*Зи Озарахш агар пурсуҷӯи дигар ҳаст,*

*Шумораи телефони дили маро бинавис* [20, 159].

Албатта, Озарахш дар ашъори суннатии худ ҳамон калимаҳои мудерн ва байналмилалиеро кор мефармояд, онҳо дар забони мо ё тарҷума надоранд, ё дар қатори дигар вожаҳои вомгирифта, аллакай ҳазм шудаанд:

*Эй навниҳол, пираҳану пайкарат сапед,*

*Бар гарданат сапедтар аз шарф, **шарфи** ишқ* [19, 45].

Вожаи ***«шарф»*** вомгирифта аз забони русӣ буда, он дар забони адабии ҳозираи тоҷик муродифи муайян надорад. Шоир дар байти мазкур на танҳо ин калимаро дар тавсиф мавриди корбурд қарор додааст, балки аз он ибораи маҷозии *«шарфи ишқ»*-ро низ сохтааст.

Озарахш барои тозагии забони шеъраш кӯшишҳои пайгирона мекунад. Аммо баъзе ҳолатҳое низ рух медиҳанд, ки ӯ дар ашъори суннатии худ, хусусан дар ғазалиёташ бо тақозои вазн аз калимаҳои вомгирифта низ ки онҳо дар забони мо муродифи забон худро доранд, кор мегирад:

*Аз сарҳади дунёҳо, аз домани дарёҳо,*

***Визои гузар*** *имрӯз? Фардост?! Худо доно!* [20, 16].

Дар ин байт калимаи ***«виза»,*** ки муродифи тоҷикиаш ***«гузарнома»*** ё ***«раводид»*** аст, истифода шудааст, аммо бо тақозои вазни ғазал садоноки **«и»** ба **«о»** бадал гардидааст.

Аз вижагиҳои дигари забони шеъри Озарахш, ки ба андозае сабки фардии ӯро рӯнамо мекунад, таъсири услуби расмӣ-коргузорӣ ба шеъри ӯст. Дар баъзе ҳолатҳо дар қолаби ғазал ҳам шоир аз услуби фавқуззикр кор мегирад. Истилоҳоти расмӣ вориди байтҳо мешаванд:

*Зодаи Урметани Айнистам,*

*Шаҳрванди шаҳри Турсунзодаам!*

*Маҷлиси Олии дилдорон куҷост,*

*Ман вакили мардуми дилдодаам* [17, 130].

Дар баъзе шеърҳои Озарахш таъсири забони журналистӣ ба мушоҳида мерасад:

*Шаб хонд маро* ***маҷаллаи*** *чашмонат,*

*Афсонаи макру ҳиллаи чашмонат.*

*Субҳ омаду берун натавонам рафтан*

*Бе ҳарфи ту аз* ***маҳаллаи*** *чашмонат* [17, 144].

Шоир аз вожаҳои ***«маҷалла»*** ва ***«маҳалла»***, ки хоси услуби расмӣ-коргузорӣ ва истилоҳоти журналистианд, хилофи одат ибораҳои маҷозии шоирона сохтааст, ки ин амал ба сабки эҷодии ӯ ихтисос дорад:

*Ҷавонӣ ҳуҷҷати гумкардаат нест,*

*Ки соқит хондаӣ аз эътибораш* [17, 145].

Мусаллам аст, ки мафҳуми мураккаби *«аз эътибор соқит донистани ҳуҷҷати гумшуда»* ба матни эълони рӯзномаҳо мансуб аст ва шоир онро ба ашъори ғиноии худ ворид намудааст.

Дар рубоии дигари Озарахш, ки мазмуни иҷтимоӣ дорад, яке аз масоили доғи рӯз - истифодаи лампаҳои каммасраф ба миён гузошта шудааст:

*Хушо, бар шаъшаи моҳу ситора,*

*Ки меборад ба бому дар ҳамора.*

*Ғами каммасрафи ломпҳоро*

*Ба дунёи хаёлаш ҳам надора* [17, 146].

Озарахш зимни истифода аз мафҳуми расмӣ ва журналистии *«барномаи садо ва симои Тоҷикистон»* чунин байтеро вориди рубоияш намудааст:

*Симову садои Тоҷикистон гулбазм,*

*Оғоз шуда дубора барномаи гул!* [20, 34].

Ибораи *«Наврӯзи навовару муосир»* низ аслан хоси шеър нест, аммо шоир ин ибораи расмии журналистиро дар рубоии дигараш мавриди истифода қарор додааст:

*Аз марзи Саразму домани Сарвода,*

*Наврӯзи навовару муосир омад!* [20, 34].

Дар ғазали зерини Озарахш, ки мазмуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад, масъалаи вазъи мутташанниҷи олам матраҳ шуда, шоир аз забони журналистӣ манфиат ҳосил кардааст:

*Ғайри даҳшат нест дар ахбори симои замон,*

*Табъи хуш аз мардуми афсурдаҳӯ озурдааст* [20, 109].

Хулоса, Озарахш шоирест, ки дар шеъри худ аз ҳамаи имконоти забонӣ суд ҷустааст. Ӯ қоидаҳои морфологии калимасозиро ба ҳисоб гирифта, чандин калимаҳои нави мураккаб сохтааст. Инчунин, дар услуби калимасозиҳои Озарахш таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил ба мушоҳида мерасад. Шоир аз захираи забони зиндаи халқ низ бебаҳра намондааст. Истифодаи вожаҳои вомгирифтаи байналмилалӣ, инчунин ифодаву таркибҳои расмӣ-коргузориву журналистӣ аз вижагиҳои забони шеъри Озарахшанд, ки ҳамаи ин хусусиятҳои забонӣ сабки фардии шоирро рӯнамо кардаанд.

## ХУЛОСА

1. Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш парвардаи муҳити фарҳангӣ ва адабии Тоҷикистон буда, дар охири солҳои 80-ум ва 90-уми қарни бист қадам ба майдони адабиёт ниҳода худро чун шоири соҳибистеъдод ва масъулиятшинос нишон додааст. Ӯ шахсияти худро чун фарзанди содиқи замон тасаввур мекунад. Мавзуоти ашъораш мухталиф буда, дар ҳаллу фасли онҳо воқеъбинона амал мекунад. Ҳам дар шакли суннатӣ ва ҳам дар шакли мудерн шеър эҷод менамояд ва бо услуби эҷодии ба худ хос аз ҳамсолони соҳибқаламаш фарқ мекунад [1-М; 3-М].

2. «Ватаннома»-и Озарахш, ки шомили 20 шеър аст, бо сабку услуби нигориш ва тарзи ифода дар адабиёти замони истиқлол падидаи тозаест. Ин силсилашеърҳо саршори эҳсосу тафаккур ва бардошти шоир аз қисмати Ватан буда, нигоҳи муаллифро ба дирӯзу имрӯзи кишвар инъикос мекунанд. Бо жанру услубҳои мухталиф эҷод шудани ин ашъори муассир ҷаззобияти онҳоро афзудааст. Мутмаинем, ки ин шеърҳо ба худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон такон мебахшанд [2-М].

3. Тасвири зодгоҳ аз мавзуъҳои марказии эҷодиёти Озарахш буда, ҳар гулу гиёҳ, долу дарахт ва хору хаси деҳаи Урметан барояш азизу муқаддас аст, ки шоир лаҳзае аз онҳо дил канда наметавонад. Онҳо бо зебоиву дилнишинӣ замони кӯдакиву наврасии шоирро хотиррасон мекунанд. Озарахш на танҳо боғу роғу мавзеъҳои зодгоҳашро, балки мардуми онро низ дар қатори падару модараш дӯст медорад, арҷгузорӣ мекунад ва аз онҳо дуо мегирад [2-М].

4. Масоили мубрами ҷомеаи башарӣ аз нигоҳи шоирии Озарахш пинҳон намондааст. Ӯ, ки чун шоир дили ҳассос ва нигоҳи жарф дорад, ба ин масъалаи доғи рӯз бетарафӣ зоҳир накарда, бо истифода аз саноеи бадеӣ мушоҳидаҳои шоиронаашро рӯйи қоғаз овардааст ва мардуми оламро даъват кардааст, ки ба қадри обу хоки ин Сайёра бирасанд ва онро вайрону валангор не, балки ободу маъмур нигоҳ доранд [1-М].

5. Толиб Карими Озарахш ҳам истеъдоди фитрии овозхониву мусиқишиносӣ ва ҳам истеъдоди баланди шоирӣ дошта, ин ду истеъдод дар

коргоҳи эҷодии ӯ ба ҳам тазвиҷ шудаанд ва яке дигареро мукаммалтар мекунад. Шоир дар кулли ашёи олам мусиқиро эҳсос мекунад ва онро ба риштаи назм мекашад. Ӯ чунин суннатҳоро аз устодони классики мо Абуабдуллоҳи Рӯдакиву Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Хоҷа Ҳофиз омӯхтааст ва пайваста онҳоро сайқал медиҳад. Шеъру ғазалиёти Озарахш саршори мусиқии даруниву канорӣ буда, аз ҳисоби калимаҳои ҳамоҳангу вазнҳои равон ва қофияҳои дилангезу радифҳои таркибӣ созмон ёфтаанд [4-М].

6. Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш ҷойгоҳи вижаеро касб кардаанд. Ӯ шоирест, ки ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ диққати махсус медиҳад. Аз пешрафт ва шукуфоии ҷумҳурӣ ва некӯаҳволии мардум меболад ва аз камбизоатии халқу бечораҳолии он ба риққат меояд. Дар тасвири вазъи иҷтимоӣ аз баёни интизоӣ иҷтиноб меварзад ва даст ба вуқуъбаёнӣ мезанад. Дар ашъори ба ин мавзуи муҳим бахшидаи Озарахш, ки аксарияташон дар қолабҳои суннатӣ эҷод шудаанд, навпардозиҳои шоир дар фазои онҳо ба мушоҳида мерасанд [1-М; 2-М].

7. Озарахш шоирест, ки ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ба ҷашнҳои миллии мо, бавижа Наврӯзу Меҳргон арҷгузорӣ мекунад. Аз он изҳори қаноатмандӣ мекунад, ки ҷашни Наврӯз мақоми ҷаҳонӣ гирифтааст. Шоир ба суннатҳои қадимии миллати мо эҳтиром мегузорад. Аз нуқтаи назари ӯ фарзандони барӯманд ва фарзонаи миллат, аз қабили устодон Рӯдакиву Айнӣ ва Туғралу Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром ва дигарон бо осори гаронмоя ва мондагори худ шомили арзишҳои миллианд. Забони тоҷикӣ низ бо фасоҳату балоғаташ қисми таркибии арзишҳои миллӣ маҳсуб меёбад [5-М].

8. Тозапардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ қобили қабул ва омӯзишу таҳқиқ аст. Ӯ асосан, дар жанрҳои анъанавии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ба ин амал даст задааст. Озарахш дар сурудани ғазал дасти расо дорад ва аз нисф зиёди эҷодиёти ӯро ҳамин жанр ташкил медиҳад. Дар гуфтани ғазал бештар қолабҳои анъанавиро пайравӣ мекунад, аммо пайравиҳояш ҳама эҷодкоронаанд. Ғазалиёти ӯ бо фазои наву замонавӣ ва радифҳои мураккабу таркибии тозаашон аз ғазалиёти классикони адабиёт ва ҳамзамонони мо фарқ

мекунанд. Миқдори рубоиву дубайтиҳои Озарахш кам бошад ҳам, аз истеъдоду навпардозиҳояш дар сурудани ин анвои анъанавӣ дарак медиҳанд [3-М].

9. Шеърҳои озод ва андешарезаҳои Озарахш аз лиҳози шакли зоҳирӣ ва қолаб падидаи нав набошад ҳам, дар онҳо навпардозиҳои шоир равшан ба назар мерасанд. Муаллиф ба он муваффақ шудааст, ки аз пайравии маҳз даст кашида, дар олами онҳо фазои тозаро ба тавассути тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи худ ворид намояд ва собит кунад, ки метавонад чун шоири нововар шеърҳои озод (нимоӣ) ва байтҳои мондагор офарад [3-М].

10. Озарахш дар ғазалиёти худ тамоми баҳрҳои солими муштараки шеъри форсии тоҷикӣ ва як баҳри хосси шеъри арабиро низ истифода намуда, маҳорати волое аз худ бармало кардааст. Чунонки мебинем, авзоне, ки шоир истифода кардааст, хушоянд мебошанд. Ин аз ҳунари мусиқидонии суханвар шаҳодат медиҳад. Зеро қисми зиёди ғазалиёти хешро ӯ дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал ва раҷаз сароидааст. Инчунин ӯ ба авзони хушоянди буҳури фаръӣ мароқ зоҳир карда, онҳоро ба ваҷҳи аҳсан ба кор бурдааст. Дар ин миён музореъу муҷтасс ба касрати истеъмол ва корбурди авзон дар ҷои аввалу сонӣ ва буҳури дигар баъди онҳо қарор доранд [6-М].

11. Қофия дар ашъори Озарахш аз аркони муҳим ва созанда маҳсуб меёбад. Шоир бо мақсади такомули мусиқии шеъраш аз он васеъ истифода мебарад. Алалхусус, дар ғазалиёти ӯ қофияҳои хушоҳанг ва солим фаровон буда, муаллиф онҳоро аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва бештар аз ҳама, аз исму сифат мавриди корбурди худ қарор додааст. Аксарияти қофияҳои шеъри Озарахш табиӣ буда, онҳо ҳосили андешаҳои ӯ дар сари мантиқ ва таносуби сухананд. Қофияҳои шойгон ва маъюб дар шеъри шоир хеле кам ба мушоҳида мерасанд [6-М].

12. Радиф дар қатори қофия аз аносири муҳим ва созандаи ашъор, алалхусус ғазалиёти Озарахш буда, бар замми мусиқии онҳоро афзоиш доданаш дар истеҳкоми маъниҳои баланд саҳм мегирад. Дар ашъори ин шоир радифҳои тару тоза фаровонанд. Дар радифсозӣ Озарахш таҷрибаи зиёде касб кардааст. Радифҳои сохтаи ӯ на танҳо калимагию иборагианд, инчунин онҳо

ҷумлагӣ низ мебошанд. Озарахш дар корбурди радиф эҳтиёткорона амал мекунад. Ӯ қариб аз ҳисоби ҳамаи ҳиссаҳои нутқ радифҳои қобили қабул сохтааст [6-М].

13. Тасвирҳо дар ашъори Озарахш бо роҳи имтизоҷи хаёл ва руъё ташаккул ёфтаанд. Санъатҳои бадеӣ, хусусан ташбеҳу истиора ва ҳисомезӣ низ ба шакл гирифтани онҳо мусоидат кардаанд. Тасвирҳои тару тоза дар шеърҳои озод ва чаҳорпораҳои шоир фаровонанд. Дар ашъори суннатии ӯ, алалхусус дар ғазалиёташ низ онҳо ба мушоҳида мерасанд. Бозёфтҳои шоиронаи Озарахш дар тасвирҳои пуртаровати ӯ бармало мунъакис гаштаанд ва тасвиргароиҳои шоиронаи ӯро собит кардаанд [4-М].

14. Санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Озарахш мақоми махсус доранд. Шоир онҳоро огоҳона ва эҷодкорона мавриди корбурди хеш қарор медиҳад. Дар ин ҷода ба суннатҳои классикон пайравӣ кунад ҳам, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки навпардозиҳои хешро ворид созад. Санъатҳои бадеие, ки Озарахш мавриди истифодаи хеш қарор додааст, ба бадеият, муассирӣ ва тақвияти суханаш мусоидат кардаанд. Яке аз сабабҳои асосии дилпазирӣ ва муассирии сухани Озарахш дар корбурди моҳиронаи онҳост [4-М].

15. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарахш фаровон буда, шоир аз онҳо бо мақсади образнок шудани сухан, иҷтиноб аз умумигӯӣ ва муассир шудани шеъраш истифода бурдааст. Ин гуна тасвирҳои мутоноқиз ба баёни шоиронаи ӯ роҳи васеъ кушодаанд. Минбаъд густариш додани чунин тарзи баён ба манфиати кори эҷодии шоир сурат хоҳад гирифт [3-М].

16. Озарахш шоирест, ки дар шеъри худ аз ҳамаи имконоти забонӣ суд ҷустааст. Ӯ қоидаҳои морфологии калимасозиро ба ҳисоб гирифта, чандин калимаҳои нави мураккаб сохтааст. Инчунин дар услуби калимасозиҳои Озарахш таъсири Мирзо Абдулқодири Бедил ба мушоҳида мерасад. Шоир аз захираи забони зиндаи халқ низ бебаҳра намондааст. Истифодаи вожаҳои вомгирифтаи байналмилалӣ, инчунин ифодаву таркибҳои расмӣ-коргузориву журналистӣ аз вижагиҳои забони шеъри Озарахшанд. Ҳамаи ин хусусиятҳои забонӣ сабки фардии шоирро рӯнамо кардаанд [1-М; 3-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Адабиёти тоҷик дар ҳамаи давраҳои мавҷудияти худ, доираи дастовардҳои ҳунариву бадеии чашмрасе будааст, ки таҳрикгари ҳамаи ин дастовард ва муваффақиятҳои каломи ҳунарии адибони соҳибзавқ мебошанд. Аз ҷумлаи шоирони хушқареҳаи мо, ки бо фаъолияти гуногунчабҳа ва пурбори адабӣ рушди адабиёти тоҷикро дар қатори адибони дигар таъмин кардааст, Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш аст. То кунун дар адабиётшиносии мо доир ба рӯзгору осори Озарахш пажуҳиши монографӣ сурат нагирифта буд. Диссертатсияи ҳозир нахустин таҳқиқот доир ба рӯзгору осори шоир мебошад, ки бо натиҷагирӣ, хулосабарорӣ ва муҳтавои худ саҳифаи тозаеро дар адабиётшиносии тоҷик зам кард.

Матолиби меҳварии диссертатсияро барои истифодаи амалии натиҷаҳои ба даст оварда метавон чун тавсия ба таври зайл дастабандӣ намуд:

1. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия фароҳамомада бо вижагӣ ва афзалиятҳои худ барои пажуҳишгарони бахши филология, аз он ҷумла муҳаққиқони таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, назмшиносӣ, сабкшиносӣ, сарчашмашиносӣ аз ҳар ҷиҳад муфид хоҳад буд.

2. Масъалаҳои дар диссертатсия ҳаллу фасл гардида барои доираи васеи хонандагони адабиёти даврони истиқлол ва шеъри Озарахш судманд буда, он баҳри донистану маърифат кардани рӯзгори шоир, самтҳои фаъолияти ӯ, дастовардҳои адабию маҳорати суханофаринӣ ва вижагиҳои сохториву бадеии ашъори вай мусоидат мекунад.

3. Натиҷагириҳои дар диссертатсия дарҷгардида дар қисмати амалияи адабиётшиносӣ, махсусан дар омӯзишу шинохти масъалаҳои марбут ба поэтика, вазну қофия, хусусиятҳои бадеӣ, сабкҳои мустаъмали шеъри даврони истиқлол, забони адабиёти бадеӣ корбурди унсурҳои анъанавии эҷоди бадеӣ, маърифати навовариҳои эҷодкорони адабиёти муосир кӯмак мерасонад.

4. Бар пояи баҳс ва баррасиву хулосабарориҳои дар диссертатсия матраҳшуда имкон дорад, ки суханварони дигари адабиёти муосир мавриди

омӯзишу таҳқиқ қарор гиранд, мақому манзалат ва ҷавҳари сухани онон чун Озарахш маълум карда шаванд.

5. Диссертатсия аз нигоҳи банду баст ва усулу методҳои илмӣ барои магистрантҳо, аспирантҳо ва умуман, довталабони дараҷаи илмӣ дар таҳқиқу таҳияи мақолаву рисолаҳояшон ёрӣ мерасонад.

6. Нуктаҳои муҳим ва калидии диссертатсия бо сарчашмаҳо ва маводи дар он истифодашуда имкон дорад, чун марҷаи илмиву адабӣ дар омода кардани монографияҳои соҳавӣ ба таври васеъ ба кор равад.

7. Меъёрҳои илмӣ ва натиҷаҳои ба дастоварда дар диссертатсия имкон медиҳад, ки куллиёти осори Озарахш ба нашр омода гардад ва дар ин заминаҳо омӯзиши рӯзгору осор фароҳам гардад.

## Рӯйхати адабиёт:

### А) Сарчашмаҳо:

1. Адибони Тоҷикистон [Матн] / Таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим. – Душанбе: Адиб, 2014. – 442 с.

2. Адибони вилояти Суғд [Матн]. – Хуҷанд: Хуросон, 2014. – 340 с.

3. Бедил, Абдулқодир. Осор [Матн] / А. Бедил. – Душанбе: Адиб, 1990, ҷ. 1. – 704 с.

4. Бобо Тоҳир. Таронаҳо [Матн] / Б. Тоҳир. – Душанбе: Адиб, 1992. – 80 с.

5. Гулназар. Растохези сухан [Матн] / Гулназар. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – 300 с.

6. Ганҷи Зарафшон [Матн] / – Душанбе: Адиб, 1991. – 544 с.

7. Гулбонги Истиқлол (Маҷмуаи дастҷамъӣ – баёзи назми муосири тоҷик) [Матн] / Коллектив. – Душанбе: Адиб, 2011. – 272 с.

8. Есенин, Сергей. Гулафшон [Матн] / С. Есенин. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.

9. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ [Матн] / М. Ёҳаққӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 748 с.

10. Кором, Қутбӣ. Минбари виҷдон [Матн] / Қ. Киром. – Душанбе: Адиб, 2012. – 312 с.

11. Мушоира. Намунаҳои шеъри шоирони Афғонистон, Эрон, Тоҷикистон ва Ҳинду Покистон [Матн] / – Маскав: Бунгоҳи нашриёти «Прогресс», 1967. – 283 с.

12. Нодирпур, Нодир. Мурғи офтоб [Матн] / Н. Нодирпур. – Душанбе: Адиб, 1995. – 224 с.

13. Наҷот, Доро. Меоям аз шигифт [Матн] (гулчини ашъор) / Д. Наҷот. – Душанбе: Адиб, 2012. – 432 с.

14. Озарахш. Аз чашмасор омадам [Матн] / Озарахш. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1997. – 147 с.

15. Озарахш. Намози мусофир [Матн] / Озарахш. – Душанбе: Адиб, 2006. – 143 с.

16. Озарахш. Ҷӯйбори сари хирман [Матн] / Озарахш. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2011. – 394с.

17. Озарахш. Чархболи офтоб [Матн] / Озарахш. – Душанбе: Адиб, 2011. – 148 с.

18. Озарахш. Девони ишқ [Матн] / Озарахш. –Хуҷанд: Ношир, 2016. –257с.

19. Озарахш. Ояндаҳо [Матн] / Озарахш. – Хуҷанд: Ношир, 2019. –112 с.

20. Озарахш. Парвона зинда аст [Матн] / Озарахш. – Душанбе: Адиб, 2020. –184 с.

21. Саноӣ, Ҳаким. Осори мунтахаб. Ҷ. 1. [Матн] / Ҳаким Саноӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 400 с.

22. Суханварони Зарафшон [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 504 с.

23. Тазкираи адибони Бадахшон [Матн]. –Душанбе: Адиб, 2005. – 544 с.

24. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Гирдоварӣ ва пажуҳиши [Матн] / М. Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 478 с.

25. Хуҷандӣ, Камол. Девон [Матн] / Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2011. – 632 с.

26. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт [Матн] / Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.

**Б) Асарҳои илмӣ ва адабиёти соҳавӣ**

27. Абдуманнонов, Абдураҳмон. Нуқтаи назар [Матн] / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Адиб, 1990. – 200 с.

28. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ - шоири ғазалсаро [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе:

Маориф, 1989. – 256 с.

29. Афсаҳзод, А. Шаклу вазни ашъори Мирзо Турсунзода / Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 231-244.

30. Акбарзода, Юсуф. Шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 319 с.

31. Акбаров, Юсуф. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.

32. Акбарзода, Юсуф. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 198 с.

33. Акбарзода, Юсуф Адибон ва ноқидон [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 498 с.

34. Акбарзода, Юсуф. Рисолати шоир ва шеър [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.

35. Акбаров, Юсуф. Қисмати инсон ва қисмати шеър [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 197 с.

36. Акбарзод, М. Сухан з-осмонҳо фурӯд омадаст [Матн] / М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2011. – 165 с.

37. Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. Фанни шеър. [Матн] / Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода ва Х. Шарифов А. Форобӣ, И. Сино, И. Рушд, Н. Тӯсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.

38. Арасту. Поэтика: [Матн] / Андар ҳунари шеъру шоирӣ / Арасту. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 170 с.

39. Арасту. Ҳунари шоирӣ. [Матн] Тарҷумаи Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ / Арасту. – Теҳрон, 1338.

40. Асрорӣ, В., Амонов, Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.

41. Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис [Матн] / Р. Бароҳанӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 114 с.

42. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ [Матн] / М. Баҳор. – Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.

43. Ватвот, Рашидуддин. Ҳадоиқ - ус - сеҳр фӣ дақоиқ - уш - шеър [Матн] / Р. Ватвот. – Теҳрон:, 1222. – 373 с.

44. Ваҳҳоб Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик. [Матн]/ Р. Ваҳҳоб – Душанбе: Ирфон, 2009. – 199с.

45. Ваҳҳоб, Рустам. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2012. – 134 с.

46. Ғуломризоӣ, Муҳаммад. Сабкшиносии шеъри форсӣ: Аз Рӯдакӣ то Шомлу [Матн] / М. Ғуломризоӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2017. – 254 с.

47. Ғафуров, Бобоҷон. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.

48. Давронов, Субҳон. Сохти шеъри тоҷикӣ [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.

49. Давронов, Субҳон. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 176 с.

50. Давронов, С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 164 с.

51. Дурахши шеъри Озарахш. Нақди адабӣ, мусоҳибаҳо ва ашъори эҳдо [Матн] /– Хуҷанд: Меъроҷ, 2023. – 576 с.

52. Давлатов, М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 190 с.

53. Забеҳулло, Беҳрӯз Саидхоҷа. Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷикии замони шуравӣ (ибтидои садаи бист то солҳои 80) [Матн] / Б. С. Забеҳулло: дисс. дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – 159 с.

54. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – 400 с.

55. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Чанд сухани судманд [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 156 с.

56. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Сухан, 1374. – 508 с.

57. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1381. – 390 с.

58. Имомзода, М. Қаробати авзони арузӣ бо муҳтавои ғазал дар ашъори Муҳаммад Ғоиб [Матн] / М. Имомзода, М. Нарзиқул // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Маркази тарбу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. – №1. – С. 196-203.

59. Қавим, Абдуқайюм. Шеър чист? [Матн] / А. Қавим. – Кобул: Интишороти Саъид. Чопи дувум, соли 1389-и хуршедӣ. – 268 с.

60. Муҳоҷир, Меҳрон ва Набавӣ, Муҳаммад. Ба сӯйи забоншиносии шеър [Матн] / М. Муҳоҷир, М. Набавӣ. – Теҳрон: Нашри «Огаҳ», 1393. – 275 с.

61. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. Дуҷшанбе: Маориф, 1990. – 240 с.

62. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.

63. Мусулмонқулов, Р. Мафҳуми «қасида» дар сарчашмаҳои назарии асрҳои 11–15 [Матн] / Р. Мусулмонқулов // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1999. – №4. – С. 57-75.

64. Мусулманқулов, Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулманқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 151 с.

65. Маонӣ Аҳмад Гулчин. Мактаби вуқӯъ дар шеъри форсӣ [Матн] / А. Г. Маонӣ. – Теҳрон: 1381 – 709 с.

66. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Муқаддимаи шеършиносӣ [Матн] / М. Нарзиқул – Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.

67. Нарзиқул, М. Авзони ашъори Рӯдакӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2011. – 131 с.

68. Нарзиқул, М. Басомад ва зебоишиносии авзони ғазалиёти Шайх Ироқӣ [Матн] / М. Нарзиқул // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Сино, 2015. – №4/1 (159). – С. 135-145.

69. Нарзиқул, М. Басомади авзон ва зебоишиносии ғазалиёти Баноии Ҳиравӣ [Матн] / М. Нарзиқул, А. Ҳақпараст // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Сино, 2016. – №4/6 (212). – С. 147-161.

70. Низомов, М. Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддини Аттор. Рисолаи номзадӣ [Матн] / М. Низомов. – Душанбе, 2002. – 185 с.

71. Насрулло, Камол. Шеър чист ва шоир кист? [Матн] / К. Насрулло. – Душанбе: Адиб, 2020. – 176 с.

72. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър. Чопи сездаҳум [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Маркази пахш: Китоби гузида. – Нашри Огаҳ, с. 1391. – 728 с.

73. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ ( Таҳқиқи интиқодӣ дар татвири иможҳои шеъри форсӣ ва сайри назарияи балоғат дар Ислом ва Эрон) [Матн] / М. Ш. Кадканӣ – Теҳрон: Нашри Огаҳ, 1390. – 748 с.

74. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоире дар ҳуҷуми мунтақидон ( Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ перомуни шеъри Ҳазини Лоҳиҷӣ) [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Нашри Огаҳ, чопи савум, 1390. – 512 с.

75. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо. (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил) [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Нашри Огаҳ, чопи нуҳум, 1389. – 338 с.

76. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Бо чароғ ва оина [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1390. – 768 с.

77. Комёр, Тақии Воҳидиён. Фунун ва саноеи адабӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандагони чоп У. Тоиров ва С. Сайдалӣ [Матн] / Тақии Воҳидиёни Комёр. – Душанбе: Нашриёти Академияи илмҳо, 1993. – 51 с.

78. Мусаффо, Мазоҳир. Посдорони сухан [Матн] / М. Мусаффо. – Теҳрон, 1335. – 483 с.

79. Мирзоюнус, М. Ҳамзоди тӯфон [Матн] / М. Мирзоюнус. – Душанбе: Адиб, 2007. – 256 с.

80. Маҳҷуб, Муҳаммад Ҷаъфар. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / М. Ҷаъфари Маҳҷуб. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ (бидуни таърих). – 740 с.

81. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт [Мант] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.

82. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър – ул – Аҷам. [Матн] / Аз забони урду тарҷумаи Сайидмуҳаммад Тақии Фахри Доии Гелонӣ. Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. Зери назари академик Носирҷон Салимӣ / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016, ҷ. 1-2. – 544 с.

83. Нурзод, Нуралӣ. Парниёни сабзи андеша [Матн] / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 308 с.

84. Назарияи адабиёт [Матн] / Мураттиб Т. Келдиёров. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2013. – 68 с.

85. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – с. 142-164.

86. Олӣ Аббособод, Юсуф. Ҷараёншиносии шеъри муосир [Матн] / Ю. Олӣ Аббособод. – Теҳрон: Сухан, 1390. – 440 с.

87. Обидпур Ҷӯрахон. Вазн ё ритм? (Мулоҳизаҳо оид ба вазни арӯз) [Матн] / Ҷ. Обидпур. – Душанбе: Аржанг, – 2020. – 104с.

88. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён (ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Лондон, – 2000.

89. Раҳмонов, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор. [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364с.

90. Раҳмонов, Шоҳзамон. Таҳқиқ ва нақд [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 2005. – 258 с.

91. Розӣ, Шамси Қайс. Ал – муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

92. Сайфуллоев, Атахон. Аркони сухан [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 272 с.

93. Сайфуллоев, А. Насри шоиронаи Гулназар [Матн] / А. Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 130 с.

94. Сипеҳрӣ, Сӯҳроб. Ҳашт китоб [Матн] / С. Сипеҳрӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 216 с.

95. Сатторзода, А. Кухна ва нав [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.

96. Сатторзода А. Пешгуфтор [Матн] / Есенин, Сергей. Гулафшон. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 208 с. – с. 3-8.

97. Солеҳов, Мирзо. Арӯз ва омӯзиши он [Матн] / М. Солеҳов. – Душанбе: Эрграф, 2016. – 272 с.

98. Сирус, Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 47 с.

99. Табаров, С. Вазни ашъори Пайрав Сулаймонӣ [Матн] / Табаров С. Пайрав Сулаймонӣ. – Душанбе: Ирфон, 1962. – С. 378 – 387.

100. Тағоймуродов, Р. Амир Хусрави Деҳлавӣ ва такмили авзони ғазал [Матн] / Р. Тағоймуродов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 208 с

101. Тоиров Урватулло, Ибодов Баҳрулло, Тоҳиров Шуҳрат. Каломи манзум [Матн] / У. Тоиров, Б. Ибодов, Ш. Тоҳиров. – Душанбе, 2005. – 456 с.

102. Тоиров, Урватулло. Офтобе дар миёни сояе. Қисми 1 [Матн] / У. Тоиров. –Душанбе: Сино, 1999. – 164 с.

103. Фаршедвард, Хусрав. Нақди шеъри форсӣ [Матн] / Х. Фаршедвард. – Теҳрон: Интишороти Ваҳид, 1350.

104. Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир. [Матн] / Зери назари академик Носирҷон Салимӣ, муҳаррири масъул Равшани Ҳамроҳ / М. Футӯҳӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2018. – 335 с.

105. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ [Матн] / П. Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Бунгоҳи фарҳангии Эрон, 1345. – 304 с.

106. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арузи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳӣ, 1327. – 213 с.

107. Ҳакимов, Аскар. Шеър ва замон [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.

108. Ҳакимов, Аскар. Дар қаламрави сухан (Симои адибон) [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

109. Ҳакимов, Аскар. Сухан аз шеъру адаб [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Дониш, 2017. – 358 с.

110. Ҳамроҳ, Равшан. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар [Матн] / Р. Ҳамроҳ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 192 с.

111. Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ. [Матн] / А. М. Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с.

112. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 264 с.

113. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / А. Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 268 с.

114. Шеърдӯст, Алиасғар. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон [Матн] / А. Шеърдӯст. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 2013 / 1391. – 757 с.

115. Шеърдӯст, Алиасғар. Шеъри муосири Эрон [Матн] / А. Шеърдӯст. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ–тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, – 2012. – 476 с.

116. Шарифов, Худоӣ. Сухан аз адабиёти миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 саҳ.

117. Шарифов, Худоӣ, Тоиров, Урватулло. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. – 386 с.

118. Шарифов, Худоӣ. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

119. Шарифов Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: 2002. – 278 с.

120. Шафиев, Фарҳод Ашурович. Ашур Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб дар нимаи дуюми асри XX [Матн] / Фарҳод Ашурович Шафиев: дисс. барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология. – Душанбе, 2010. – 160 с.

121. Шамисо, Сирус. Куллиёти сабкшиносӣ [Матн] / С. Шамисо. – Душанбе: ДДОТ, 2017. – 259 с.

122. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1374. – 128.

123. Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.

**В) Рӯзномаву маҷаллаҳо**

124. Ахавони Солис, Маҳдӣ (М. Умед). Таҳқиқе дар бораи баҳри тавил [Матн] / Маҳдӣ Ахавони Солис. Маҷаллаи моҳномаи фарҳангии Теҳрон. Исфанд, 1340, шумораи 1. – саҳ. 33- 42.

125. Ахавони Солис, Маҳдӣ ( М. Умед). Навъе вазн дар шеъри имрӯзи форсӣ [Матн] / М. Ахавони Солис. Маҷаллаи «Паёми навин». – Теҳрон, 1342. № 5,6,7,8,9,10.

126. Гулназар. Гулбонги бӯйи ҷӯйи Мӯлиён. [Матн] /Рӯзномаи «Тоҷикистон», №35 (1390), 2 сентябри соли 2020, с. 15

127. Зарафшонӣ, Фарзона. Сабз аст нахли навбари андешаҳои ман [Матн] / Фарзонаи Зарафшонӣ // «Адабиёт ва санъат», №33, 15 августи соли 2013

128. Қосим, Низом. Ӯро, ки бизодааст модар шоир [Матн]/ Н. Қосим // «Адабиёт ва санъат», № 47 (1692), 23 ноябри соли 2016.

129. Озарахш. Мардум ҳамеша ба шеър ниёз дорад [Матн] / Озарахш // «Тоҷикистон», № 39 (1342) 25 сентябри соли 2019

130. Суруш, Абдуҷаббор. Фазо ва ҳавои тозаи шеъри Озарахш [Матн] / А. Суруш // «Адабиёт ва санъат», №45 (2068), 5 ноябри соли 2020.

131. Эмомалӣ, Раҳмон. Шоири озодандеш ва мутафккири барҷаста. [Матн] / Рӯзномаи «Омӯзгор», №43 (12267), 22 октябри соли 2020, с. 1–2.

132. Эмомалӣ, Раҳмон. Суханронии пешвои миллат ба муносибати 5500 – солагии Саразм [Матн] / «Адабиёт ва санъат», №38 (2061), 17 сентябри соли 2020, с. 1–2.

133. Юшиҷ, Нимо. Шеър чист? [Матн] / Нимо Ю. // «Адабиёт ва санъат». 28 ноябри соли 2019, № 48 (2019)

**Г) Адабиёти русию хориҷӣ**

134. Азер, А. А. Рифма персидского стиха (Проблемы восточного стихосложения) [Текст] / А. А. Азер. – Москва: Наука, 1973. – 183 с.

135. Жирмунский, В. М. Теория литературы. Поэтика. [Текст] / Стилистика. – Ленинград: Наука, 1977. – 404 с.

136. Жирмунский, В. М. Рифма, её история и теория [Текст] / В. Жирмунский. – Петроград: Академия, 1923. – 337 с.

137. Сквозников, В. Д. Реализм и лирическая поэзия [Текст] / В. Д. Сковозников. – Москва: Наука, 1975. – 368 с.

138. Хусейн Хали, Ходжа Алтаф. Поэтика (перевод с урду) [Текст] / Х. Алтаф Хусейн Али. – Душанбе: Дониш, 1989. – 241 с.

139. Якобсон, Р. Лингвистика и поэтика [Текст] / Р. Якобсон. – Москва: Прогресс, 1975. – 230 с.

**Ғ) Фарҳангу қомус ва луғатҳо:**

140. Мирзозода, Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн]. / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.

141. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ – М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 1, дар 951 с.

142. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асриXX). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ – М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 2, дар 948 с.

143. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 943с.

144. Фарҳанги иборaҳои рехта [Матн]. Тартибдиҳанда М. Фозилов. Ҷилди 1. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 952 с.

145. Фарҳанги иборaҳои рехта [Матн]. Тартибдиҳанда М. Фозилов. Ҷилди 2. – Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 1964. – 804 с.

146. Фарҳанги Доро. – Душанбе: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ–тоҷикии [Матн]. Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 606 с.

**Д) Аз махзани шоир Озарахш**

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**l. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2019. – №2 (79). – С.219-223.

[2-М]. Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2022. –№5 (100). – С.242-249.

[3-М]. Солеҳов Ш. А., Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарах [Матн] / Ш. А. Солеҳов, Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (103). – С.110-114.

[4-М]. Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Нақши санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2023. – №5 (106). – С.185-190.

**ll. Мақолаҳои муаллиф дар конференсияҳо, маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Гиромидошти Наврӯз ва ҷашнҳои дигари миллӣ дар шеъри Озарахш [Матн] / Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони «Пешвои миллат–Пешвои Наврӯз» бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмиллалӣ. – Душанбе, 2023. – С.285-293.

[6-М]. Ҷумъаев Ҷ. Ҷ. Қофия ва вижагиҳои бадеии он дар шеъри Озарахш [Матн] /Ҷ. Ҷ. Ҷумъаев // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон» ба ифтихори 145–солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ. – Хуҷанд, 2023. – С. 644- 650.